Тадж. 14

Б. КАМОЛИДДИНОВ

# УСЛУБШИНОСӢ

ДУШАНБЕ

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ХАЛҚИ РСС ТОҶИКИСТОН
УНИВЕРСИТЕТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН ба номи В. И. ЛЕНИН

Б. ҚАМОЛИДДИНОВ

# УСЛУБШИНОСӢ

(МАҶМӮАИ МАШҚҲО)

*Аз тарафи Вазорати маорифи халқи РСС Тоҷикистон ба сифати васоити дарсӣ барои студентони факультети филологияи университет ва институтҳои педагогӣ тавсия шудааст*

НАШРИЕТИ «ИРФОН»
Душанбе — 1973

ДАР ЗЕРИ ТАҲРИРИ
доктори илмҳои филология, профессор
Д. Т. ТОҶИЕВ

438908
...ХОНАИ
...ТЕХНОЛОГИИ
ТОҶИКИСТОН
БИБЛИОТЕКА
ИНВ №

## САРСУХАН

Услубшиносӣ дар шӯъбаҳои филологияи мактабҳои олии республика таълим дода мешавад, вале доир ба ин фан то ҳол китоби дарсӣ таълиф нашудааст.

Ба плани таълимии мактабҳои миёна дохил карда шудани баъзе масъалаҳои услубшиносӣ ҳам зарурати беҳтар кардани сифати таълими онро ба миён мегузорад. Вале бе китоби дарсӣ ба тарзи мукаммал омӯзонидани тамоми воситаю имконияти услубии забон хеле душвор аст. Албатта, барои навиштани чунин васоити таълимӣ, ки ҳамаи масъалаҳои услубшиносиро дар бар гирифта, талаботи хонандаро пурра қонеъ гардонида тавонад, пеш аз ҳама, системаи услубҳои забони тоҷикӣ, хусусиятҳои лексикию грамматикии онҳоро ҳарҷониба тадқиқ кардан лозим аст.

Машқҳои ин маҷмӯа аз рӯи материал ва хулосаҳои илмии забоншиносон ва мисолҳои адабиёти бадеӣ ва матбуоти тоҷик, ки дар давоми таълими услубшиносӣ дар шӯъбаҳои филология ва журналистикаи Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин гирд овардаем, тартиб дода шудаанд.

Дар аввали баъзе машқҳо доир ба хусусиятҳои услубии унсурҳои лексикию грамматикии забони тоҷикӣ мухтасар маълумот дода, баъзе нуқсонҳои характерноки услубиро дар кор фармудани калима, сохтани ибораю ҷумлаҳо нишон додем, то ки дар ҳалли машқҳо ба студентон кӯмак расонад.

Умедворем, хонандагон бо қайду маслиҳатҳои худ ба беҳтар шудани сифати китоб ёрӣ медиҳанд.

Муаллиф.

КИТОБХОНАИ
Донишгоҳи технологии
Тоҷикистон
БИБЛИОТЕКА
Технологического университета
Таджикистан
ИНВ. №

Тадж. :4

## НОМҲОИ ИХТИСОРШУДА

С. А.— Садриддин Айнӣ
Б. А.— Баҳриддин Азизӣ
Ю. А.—Юсуфҷон Акобиров
А. Д.— Абдусалом Деҳотӣ
Ҷ. И.— Ҷалол Икромӣ
Ҳ. И.— Ҳасан Ирфон
Ҳ. К.— Ҳаким Қарим
А. Л.— Абулқосим Лоҳутӣ
Ф. М.— Фазлиддин Муҳаммадиев
Ҳ. Н.— Ҳабибулло Назаров
Ф. Н.— Фотеҳ Ниёзӣ
Б. О.— Болта Ортиқ
Х. С.— Хочӣ Содиқ
П. С.— Пайрав Сулаймонӣ
С. У.— Сотим Улуғзода
П. Т.— Пӯлод Толис
М. Т.— Мирзо Турсунзода
М. Х.— Муҳиддин Хочаев
А. Ш.— Аминҷон Шукӯҳӣ
Р. Ҷ.— Раҳим Ҷалил

## МАФҲУМИ УСЛУБШИНОСӢ

Қалимаи **услуб** дар забони имрӯзаи тоҷик ба маънои васеъ кор фармуда мешавад: услуби ғазалсароии Ҳофиз, услуби нигориши Беҳзод, услуби забони Айнӣ ва ҳоказо. Дар ин ифодаҳо умумият он аст, ки услуб равияи хоси эҷодиро мефаҳмонад. Аммо дар байни истилоҳҳои илмии **услуби адабӣ** ва **услуби забон** тафовуте ҳаст. Услуби адабӣ майлу равияи ба худ хоси эҷодиёти нависандагони ҷудогона ва ё гурӯҳи адибонро дар тасвири воқеаю ҳодисаҳо, офаридани образ, кушода додани хислату характери қаҳрамон, ороиши сухан ва амсоли ин фаҳмонад, услуби забон ҷиҳатҳои характерноки асари бадеиро дар кор фармудани калима, воситаҳои лексикию грамматикии забон ифода мекунад.

Дар адабиёти классикии тоҷику форс истилоҳи **сабк** низ тақрибан ба ҳамин маъниҳо кор фармуда мешуд.

«**Сабк** дар луғати тозӣ ба маънии гудохтан ва рехтани зару нуқра аст ва **сабика** пораи нуқраи гудохтаро гӯянд, вале удабои қарни охир сабкро маҷозан ба маънии «тарзи хосе аз назм ё наср» истеъмол кардаанд ва тақрибан онро дар баробари «стил»-и аврупоиён ниҳодаанд», — менависад Муҳаммадтақӣ Баҳор.[1]

**Стиль** аз калимаи юнонии **стилус** буда, номи олоти чӯбин ё фулузинест, ки дар давраҳои қадим ба воситаи он дар рӯи гил хат менавиштаанд.

**Услубшиносӣ** (сабкшиносӣ ё стилистика) як қисмати илми забоншиносӣ буда, забонро аз ҷиҳатҳои зерин меомӯзад:

---

[1] Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ, муқаддимаи ҷилди аввал, чопи дуюм, Теҳрон, 1337 ҳиҷрӣ.

1. Услубшиносӣ системаи услубҳои забони тоҷикиро омӯхта, хусусиятҳои характерноки лексикӣ ва грамматикии онҳоро муайян мекунад, муносибати як услуби нутқро бо услуби дигар, роҳ ва омилҳои инкишофи ҳар кадоми онҳоро ҳарҷониба тадқиқ мекунад.

Бо тараққиёти ҳаёти ҷамъият забон ҳам тадриҷан инкишоф ёфта, ба услубҳои нутқ ҷудо мешавад. Ҳамин тариқ, дар зинаи муайяни тараққиёти ҷамъият дар натиҷаи ба вуҷуд омадани хат ва пай дар пай такмил ёфта, дар байни аъзоёни ҷамъият чун як омили муҳимми мубодилаи афкор мавқеи калон пайдо кардани он, ривоҷ ёфтани чопи китоб аз услуби забони гуфтугӯӣ услуби забони китобӣ (хаттӣ) ба миён омад ва баробари пешрафти ҳаёт тафовути байни онҳо чи аз ҷиҳати кор фармудани луғат, чи аз ҷиҳати шакли калима ва ҷумлабандию суханоронӣ равшантар зоҳир шудан гирифт.

Дар услубшиносӣ ин таснифотро ривоҷ дода, дар асоси ин ду услуби нутқ боз шохаҳои дигари услуби забонро муайян кардаанд, ки ҳар кадоми онҳо ҳам бо хусусиятҳои лексикӣ ва грамматикиашон аз якдигар фарқ мекунанд: услуби забони адабиёти бадеӣ, услуби забони публицистика, услуби забони илмӣ ва услуби забони коргузории расмӣ (концелярӣ).

Аз ин таснифот маълум мешавад, ки вобаста ба тараққиёти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъият боигарии луғавии забон ва воситаҳои грамматикии он ҳам ба соҳаҳои алоҳида ҷудо шуда, вазифаи худро чун воситаи мубодилаи фикрии одамон ба хубӣ адо мекунад.

Услубшиносӣ ҷиҳатҳои характерноки ҳар як услуби забонро ҳарҷониба тадқиқ намуда, мавқеи унсурҳои лексикию грамматикиро дар дохили системаи услубҳои забон муайян мекунад, мавриди кор фармудани воҳидҳои забон ва роҳҳои саҳеҳу равшан ифода намудани фикрро нишон медиҳад.

2. Услубшиносӣ тарзу воситаҳои таъсирбахш ва ифоданок баён кардани фикрро меомӯзад.

Дар ҷумлаҳои зерин фикр нисбатан холисона ифода ёфтааст, бинобар ин ҳангоми мутолиа диққати касро ба худ ҷалб намекунад:

Гоҳ борон меборид, гоҳ жола; Солеҳпонсад ба рӯи палос нигоҳ мекард; — Ман мехоҳам, ки нисфи шаб омада, пагоҳии барвақт баромада наравед.

Нависанда аз воситаҳои таъсирбахши забон фоида бурда, ҳамон мазмунро пуробуранг ва ҷозибанок ифода кардааст:

Борон ва жола ҳамдигарро дунболагир буданд, дар болои бом зардолуафшонӣ мекарданд; Солеҳпонсад бо чашмонаш рӯи палосро шудгор мекард (Ҳ. Карим); — Ман намехоҳам, ки меҳмон барин нисфи шаб пайдо шуда, аз каллаи саҳар ғайб занед (Қаламҳои пурумед).

Ифодаҳои маҷозии **дунболагир будан** ва **дар болои бом зардолуафшонӣ кардани жолаву борон, бо чашм рӯи палосро шудгор кардан** бошиддат боридани жолаву борони фасли баҳорон ва аз палос чашм наканда якзайл нигоҳ када истоданро хеле табиӣ ва образнок ифода мекунанд. Дар мисоли охирин муаллиф ба ҷои «пагоҳии барвақт» ифодаи халқии «каллаи саҳар»-ро кор фармудааст, ки ҳамон маъниро киноямез ифода намуда, дар айни ҳол хашму ғазаби гӯяндаро низ ошкор месозад. Ғайр аз ин, ба ҷои **омадану рафтан** феълҳои **пайдо шудан,** ки яку якбора, тасодуфан омада монданро мефаҳмонад ва **ғайб задан,** ки тобиши маънои номаълумона баромада рафтанро дорад, истифода шудаанд, ки ҳамон оҳанги киноя ва ҳисси норозигии гӯяндаро қувват медиҳанд. Ба меҳмон ташбеҳ кардан ҳам маънои ба корҳои хона дахолат накардан, худро аз ташвиши зиндагӣ канор гирифтанро мефаҳмонад. Муаллиф хабари сарҷумларо дар шакли инкорӣ оварда, эътирози гӯяндаро боз ҳам равшантар ифода кардааст.

Агар дар мисолҳои боло бештар воситаҳои таъсирбахши лексикӣ истифода шуда бошанд, дар матни зерин устод Айнӣ аз воситаҳои услубии синтаксисӣ фоида бурда, матлабро бурро, саҳеҳ ва пуртаъсир баён кардааст:

Дар мамлакат нон нест, пӯшокӣ нест, дору ва даво нест, дар сафи ҷанг тир нест, дору нест, милтиқ нест, тӯп нест, касалхона нест. Хоҳ дар сафи ҷанг бошад, хоҳ дар паси ҷанг, танҳо як чиз ҳаст: Марг! Мурдан! Аз гуруснагӣ, аз бараҳнагӣ, аз бепарасторӣ мурдан! Дар фабрикаҳо, дар заводҳо мурдан! Дар роҳҳо, дар кӯҳҳо, дар даштҳо, дар биёбонҳо мурдан! Дар сафи ҷанг бо дастҳои холӣ, бе милтиқ ва дору дар дами

тири тӯпу милтиқ ва пулемёт мурдан! Дар ҳар куҷо ва ба ҳар ҳол мурдан, мурдан, мурдан буду бас!

(Куллиёт, ч. 1, саҳ. 227).

Дар аввал нависанда фикрро бо тарзи инкор баён карда, баъд бо суханони «танҳо як чиз ҳаст: Марг! Мурдан!» тасдиқ мекунад. Ҳамин мазмунро бо ҷумлаи «Танҳо марг (мурдан) ҳаст» низ ифода кардан мумкин буд, вале дар он сурат тарзи баён хусусияти ифоданокии худро гум мекард.

Аъзоҳои чидаи ҷумла ба пурқувват шудани оҳанги баён ва таъсирбахш ифода ёфтани фикр кӯмак мерасонанд. Такрори пешояндҳои **аз, дар** ва ҳатто суффикси ҷамъбандии **-ҳо** барои таъкиди аъзоҳои чидаи ҷумла хизмат мекунад. Агар мубтадоҳои чида ба ҷумлаҳои содда табдил дода шаванд, фикр дучанд пуртаъсир ва ифоданок мегардад, бинобар ин муаллиф калимаи «нест»-ро бо ҳар кадоми мубтадои чида такроран овардааст.

Дар мисоли боло аз такрори калима (нест, мурдан) низ ҳамчун воситаи таъсирбахши синтаксисӣ хеле моҳирона фоида бурдааст.

3. Саҳеҳу равшан ва пуробуранг баён кардани мақсад, пеш аз ҳама, ба интихоби калима, шаклу воситаҳои грамматикӣ, ба мавқеи истифодаи онҳо вобастааст. Интихоби унсурҳои забон ба масъалаи ҳаммаъноии калимаю ибораҳо, синонимикаи қолибҳои синтаксисӣ алоқаманд аст. Аз ҳамин сабаб яке аз масъалаҳои муҳимтарини объекти омӯзиши услубшиносӣ синонимикаи воҳидҳои лексикию грамматикӣ ба шумор меравад.

Хазинаи забони тоҷикӣ аз калимаю ибораҳои ҳаммаъно бой аст. Бо мақсади пурра, равшан ва таъсирбахш ифода кардани фикр нависандагон аз силсилаи синонимҳо калимаи матлубро интихоб намуда, мувофиқи талаботи фикр дар мавқеаш кор мефармоянд.

Дар забон на танҳо калимаҳо, ибораҳои фразеологӣ, инчунин шаклҳои калима, воситаҳои грамматикӣ ва қолибҳои ифодаи фикр ҳам хусусияти синонимӣ пайдо мекунанд.

Омӯхтани хусусиятҳои ҳаммаъноии калимаю воситаҳои грамматикӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки аз боигарии луғавию имкониятҳои услубии забон бо-

шуурона фоида барад, фикри худро саҳеху равшан баён кунад, дар гуфтугӯ ё ҳангоми навиштан ба ғалатҳои услубӣ роҳ надиҳад.

4. Услубшиносӣ ҷиҳатҳои ба худ хоси забони асарҳои бадеии нависандагони ҷудогонаро меомӯзад.

Гарчи забони адабӣ барои тамоми мардуми тоҷик забони ягона буда, ба ҳамаи аъзоёни ҷамъият баробар хизмат мекунад, вале ҳар кас аз боигарии луғавӣ ва воситаҳои грамматикии он ба тарзи худ фоида мебарад, бинобар ин дар интихобу кор фармудани луғат, дар калимасозӣ ва суханпардозӣ, тарзи баёни воқеа услуби эҷодии як адиб ҳам аз адиби дигар фарқ мекунад. Интихоби воҳидҳои лексикию фразеологӣ ва унсурҳои грамматикии забон, аз як тараф, ба мавзӯъ ва мундариҷаи асари бадей алоқаманд бошад, аз тарафи дигар, ба савияи дониш, маҳорат, завқу салиқаи эҷодии нависанда вобаста аст. Азбаски қисми зиёди асарҳои бадеии устод Айнӣ ба мавзӯи воқеаҳои таърихӣ бахшида шудаанд, табиист, ки калимаю ифодаҳои таърихию архаистӣ бештар вомехӯранд. Қариб ҳамаи асарҳои бадеии нависанда дар жанрҳои калонҳаҷми наср (повесту роман) навишта шудаанд, бинобар ин муаллиф барои мукаммал ва амиқтар тасвир намудани воқеаҳои ҳаёти ҷамъият ва кушода додани моҳияти онҳо бештар аз қолибҳои мураккаби синтаксисӣ фоида бурдааст. Аз ҳамин сабаб тарзи зерини баён танҳо ба услуби эҷодии новелланавис Ҳаким Карим хос буда, дар тасвирҳои устод Айнӣ тамоман дида намешавад:

Фасли хазон буд. Аммо имсол бориш ноз мекард. Гарду чанг ҷавлонгари майдон буд. Наҳри майдаи қишлоқамон луччак буд. Ин наҳри девона монанди одами сил базӯр роҳ мепаймуд...

(Ҳикояҳо, саҳ. 3—4).

Баъзе қолибҳои синтаксисӣ дар забони асарҳои С. Айнӣ бештар кор фармуда шудаанд. Масалан:

Шумо гумон накунед, ки ҳар кадоми чашмаҳои дар ин чашмасор буда ба қадре сероб аст, ки як санг ё ним санги осиёро мегардонад. Не! Балки инҳо чашмаҳоеанд хурду заиф, ки монанди чашмҳои ситамдидагони давраи подшоҳӣ оби худро чакра-чакра мечаконанд, танҳо фарқ дар ин ҷост, ки аз чашми

ситамдидагони даврай подшоҳӣ хун мечакид, аз инҳо об.

Шумо гумон накунед, ки дар ин ҷо хонаҳои кабзафурӯмони чӯбин, ҳеҷ набошад, иморатҳои хишти хомро мебинед. Не! Балки хонаҳои бошандагони ин дара аз ошьёнаи паррандагонаш фарқ надоранд. Танҳо фарқ дар ин ҷост, ки хонаҳои мардум мувофиқи ҷуссаашон иборат аз сӯрохи васеътар аст, ки тарафи болояшро барои нигаҳдории аз ҳуҷуми сел бо харсангҳо сахт кардаанд.

(Куллиёт, ч. 2, саҳ. 8, 10).

Тафовути услуби забони як нависанда аз нависандаи дигар дар бобати кор фармудани луғат, дар калимасозӣ ва истифодаи воситаҳои грамматикӣ боз ҳам равшантар зоҳир мегардад. Чунончи, дар адабиёти классикии тоҷик Сайидо аз қабили **бепарвохиром, чашммайнӯш** ва ғайра як қатор калимаҳои мураккабро сохта дар ашъораш ба кор бурда бошад,[1] дар эҷодиёти Савдо ба мисли **кабобидан** (кабоб хӯрдан), **нишаллидан** (нишалло хӯрдан), **лофидан** (лоф задан), **ихтилофидан** (хилоф баромадан) ва ҳоказо феълҳои сохтаро мебинем, ки танҳо хоси услуби эҷодии ӯст.

Агар устод Айнӣ аз қабили **фахркунона, тамасхуркунона, масхарадорона, дӯғзанона, қуръонхонона** калимаҳо сохта кор фармуда бошад,[2] дар забони асарҳои бадеии нависандагони дигар чунин калимаҳо қариб тамоман дучор намеоянд.

Хулоса, агар фонетика таркиби овозӣ, лексикология боигарии луғавии забонро ва грамматика шаклҳои калима, иборасозию ҷумлабандиро омӯзад, услубшиносӣ бо мақсади саҳеҳ, равшан ва таъсирбахш ифода намудани фикр аз тамоми он воситаю имкониятҳои забон чӣ тарз дуруст ва моҳирона истифода карданро меомӯзад.

В. Г. Белинский услубшиносиро давоми синтаксис — синтаксиси олӣ шуморида, дар бораи мавзӯи баҳси он навишта буд:

«Грамматика знала свои границы и слушалась

[1] А. Мирзоев. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик, Сталинобод, 1947, саҳ. 123.

[2] Н. Маъсумӣ. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик, Сталинобод, 1959, саҳ. 185.

языка, которого правила объясняет: тогда она научит правильно и писать и читать; но все-таки **только правильно,** не больше, учить же говорить и писать хорошо совсем не её дело».

Муҳаммадтақӣ Баҳор мавзӯи омӯзиши сабкшиносиро аз масъалаҳои зерин иборат медонад:

«Сабк дар истилоҳи адабиёт иборат аз равиши хоси идрок ва баёни афкор ба василаи таркиби калимот ва интихоби алфоз ва тарзи таъбир...

Донише, ки аз рӯи маҷмӯи ҷараёни сабкҳои мухталифи як забон баҳс мекунад, сабкшиносӣ номида мешавад».[1]

Муаллифи «Сабкшиносӣ» услубро як соҳаи муштараки илмҳои забону адабиёт мешуморад ва омӯхтани хусусиятҳои фардии услубӣ, интихоби калима ва тарзи баёни фикрро дар услубҳои гуногуни як забон вазифаи асосии услубшиносӣ мешуморад.

Услубшиносӣ баробари таҳқиқи роҳҳои сареҳ ва пуртаъсир ифода кардани фикр ба масъалаи покизагӣ, нафосат ва самимияти забони адабии тоҷик ҳам аҳамияти беш медиҳад. Он соҳаи услубшиносӣ, ки ин ҷиҳати забонро меомӯзад, ҳусни баён ва ё маданияти нутқ меноманд.

Услубшиносӣ аз рӯи вазифааш бо нормаи забони адабӣ алоқаи наздик дорад. Вале дар байни нормаи забони адабӣ ва нормаи услубшиносӣ тафовути муайяне ҳаст. Дар забони адабӣ чунин унсурҳои лексикию грамматикӣ ҳамчун норма қабул карда мешаванд, ки ба тамоми аъзоёни ҷамъият комилан фаҳмо бошанд ва ба қонунияти забон мутобиқат кунанд. Дар услубшиносӣ ҳамчун норма ҳамон воҳидҳои забон қабул карда мешаванд, ки матлабро дар ниҳояти равшанӣ ифода карда тавонанд, дар айни ҳол тарзи баён фасеҳ ва равон бошад, ба мантиқи сухан, қоидаҳои сарфию наҳвии забон мухолифат накунад. Гарчи ҳар як нависанда дар тасвири воқеаҳои зиндагӣ услуби хос дорад ва дар интихобу тарзи истеъмоли унсурҳои луғавию грамматикӣ соҳибихтиёр аст, вале ин мустақилият ҳам ҳадди муайяне дорад, чунки услуби эҷодии нависанда набояд ба ҳусни табиии забони миллӣ осебе

---

[1] Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ, муқаддимаи ҷилди аввал, чопи дуюм, Теҳрон, 1337 ҳиҷрӣ.

расонад, адиб набояд бо унсурҳои луғавии бегона ва калимаю ифодаҳои вайрони шева забони адабиро ифлос кунад, бо ҷумлабандиҳои сунъӣ ва суханпардозиҳои бемаъни онро заифу нотавон кунад. Вазифаи ҳусни баён (культура речи) ва услубшиносии амалӣ (практическая стилистика) аз чунин нуқсонҳо покиза нигаҳ доштани забони адабии тоҷик аст.

Услубшиносӣ ба ҳамаи соҳаҳои забоншиносӣ зич алоқаманд аст. Вале қимати услубии ҳамаи унсурҳои забон: таркиби овозӣ, боигарии луғавӣ ва фразеологӣ, шаклу воситаҳои морфологӣ ва сохти синтаксисӣ баробар нест.

Таркиби овозии калимаҳо дар услубшиносӣ бештар аз ҷиҳати салосати нутқ, ҳамоҳангию баробарвазнии аъзоҳои ҷумла аҳамияти калон пайдо мекунад.

Дар услубшиносӣ ба ҳамон шаклҳои калима ва воситаҳои калимасозӣ бештар эътибор дода мешавад, ки маъноҳои лексикию грамматикиро бо роҳҳои гуногун ифода карда тавонанд, яъне хусусияти синонимӣ зоҳир кунанд. Чунин имконият дар кор фармудани луғат ва тарзи таъбир бештар аст, бинобар ин дар услубшиносӣ ба омӯхтани таркиби луғавӣ ва хусусиятҳои синтаксисии забон аҳамияти калон дода мешавад.

Услубшиносӣ ҳамчун як соҳаи илми забоншиносии тоҷик таърихи омӯзиш дорад. Азбаски дар гузашта забони тоҷикӣ ҳамчун фанни алоҳида омӯхта намешуд, ба мисли дигар соҳаҳо услубшиносӣ ҳам мавриди таҳқиқу тадқиқ қарор нагирифтааст, вале доир ба забон, сабку шева, навъу шакли ашъори шоирон дар тазкираҳо маълумот дода шудааст, ки он ҳам хеле мухтасар буда, бештар аз таърифу тавсиф ва муболиға иборат буд. Масалан, муаллифи тазкираи «Лубоб-ул-албоб» Муҳаммад Авфӣ дар бораи Маъруфии Балхӣ менависад:

«Маъруфӣ маъруф будааст бо соҳирӣ дар шоирӣ ва бо муқтадоӣ дар сухансароӣ. Шеъраш чун мушоҳидаи дӯстон дар саҳни бӯстон ё мукошифаи маъшуқони паризода бо ошиқони дилдода».[1]

Чунон ки дар сарсухани чопи нави «Маҷма-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят қайд мешавад, «нави-

---

[1] Аз «Сабкшиносӣ» иқтибос шудааст.

сандагони китобҳои тазкира барои нишон додани аҳамияти шоир ва сабку салиқаи ӯ дар шеър ба калимабозӣ ва лафзпардозӣ пардохтаанд ва агарчи барои баъзе аз онон, ки шеършинос будаанд ва сухани дуруст ва устувор аз нодуруст ва суст бозмешинохтаанд, таҳлил ва таҷзияи сабк ва таҳлили шеваи баён ва баёни ҷиҳатҳои имтиёзи шеъри шоире аз шоири дигар муяссар будааст».

Илова бар он маълумоти тазкираҳо доир ба сабк гуфтаҳои худи шоирон ҳам аз аҳамият холӣ нест. Шоирони гузашта дар баробари баёни қудрату имтиёзи худ дар шеъру шоирӣ, аз «фан» ва «шева»-и ашъори ҳамдигар хам чизе гуфтаанд. Чунончи, Хоқонӣ дар бораи Унсурӣ мегӯяд:

Зи даҳ шева, к-он шеваи шоирист,
Ба як шева шуд достони Унсурӣ.
Маро шеваи хосу тоза аст ва дошт
Ҳамон шеваи бостон Унсурӣ.
На таҳқиқ гуфту на вазъу на зуҳд,
Ки ҳарфе надонист аз он Унсурӣ.

Дар бораи худ гуфтааст:

Хоқонӣ, он касон, ки тариқи ту меравand,
Зоғанду зоғро равиши кабк орзуст.
Гирем, ки морчӯба кунад тан ба шакли мор,
Ку заҳр баҳри душману ку меҳр баҳри дӯст?[1]

Чунон ки дида мешавад, «ҳар чӣ навишта ва гуфта шудааст, марбут ба шеър аст ва... дар сабки насри форсӣ ҳеҷ вақт баҳсу интиқоде ба амал наомадааст».[2]

Ба тариқи илмӣ омӯхтани хусусиятҳои услубӣ ва забони асари бадеӣ танҳо пас аз Революцияи Октябрь шурӯъ гардид ва дар давраҳои охир хеле ривоҷ ёфт. Дар ин соҳа хизмати олимони забоншиносу адабиётшиноси тоҷик, пеш аз ҳама, устод Айнӣ хеле бузург аст. С. Айнӣ на танҳо адиби забардаст, устоди каломи бадеъ буд, инчунин олими баркамоли адабиётшинос, забондон ва услубшинос ҳам буд. Дар асарҳои илмии ӯ дар баробари таҳлили ғоявии эҷодии Рӯдакӣ, Фир-

---

[1] Иқтибос аз «Сабкшиносӣ».
[2] Аз ҳамон асар.

давсӣ, Саъдӣ, Бедил ва дигарон дар бораи услуби адабӣ ва хусусиятҳои забони асарҳои онҳо низ маълумот дода шудааст.[1]

## УСЛУБҲОИ ЗАБОН

Забони адабӣ қисмати асосии забони умумихалқиро ташкил медиҳад. Лаҳҷаю шеваҳо, жаргонҳои табақаҳои ҷудогонаи социалӣ низ як ҳиссаи таркиби забони умумихалқӣ ҳисоб меёбанд. Дар натиҷаи тараққиёти ҳаёти ҷамъият, инкишофи илму маданият забони адабӣ аз ҳисоби шеваҳо таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии худро бойтар ва мукаммалтар мегардонад.

Дар процесси тараққиёти ҷамъият вобаста ба соҳаҳои гуногуни машғулияти одамон услубҳои нутқ ба вуҷуд меоянд. Дуруст аст, ки қисми асосии боигарии луғавии ҳар як забони миллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият, дар услубҳои гуногуни забон баробар ба кор бурда мешаванд. Дар баробари ин, дар забон чунин калимаю ифодаҳое низ мавҷуданд, ки доираи истеъмоли онҳо то як андоза маҳдуд буда, бештар дар ягон соҳаи фаъолияти меҳнатии одамон истифода мешаванд. Чунончи, истилоҳҳои илмӣ ва техникӣ танҳо дар муҳоварот ва навиштаҷоти аҳли илму ҳунар кор фармуда мешаванд. Ба мисли ҳамин, суханҳои образноки шоирона ё поэтизмҳо, аз қабили **зӯҳраҷабин, нозукхиром, саминбаногӯш** ва ғайра хоси услуби забони назм буда, дар гуфтугӯ ва ё дар услуби илмӣ истеъмол намешаванд.

Сохти грамматикии забон ба ҳамаи услубҳои нутқ баробар хизмат мекунад, бо вуҷуди ин ҳангоми баёни матлаб аз воситаҳои мухталифи грамматикӣ ба тарз ва андозаи гуногун фоида бурда мешавад.

Услуби гуфтугӯӣ табиатан характери диалогӣ дорад. Дар муколима оҳанги баён, интонация роли муҳим мебозад, зеро ба воситаи тағйир додани оҳанги сухан гӯянда ба мазмуни ҷумла тобишҳои нав медиҳад ва бо ин васила муносибати худро нисбат ба фикр ифода мекунад.

---

[1] С. Айнӣ, Устод Рӯдакӣ. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ. Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ, Куллиёт, ч. II, китоби якум; Мирзо Абулқодири Бедил. Сталинобод, 1954.

Дар ин услуб илова бар нутқ воситаҳои дигари ёридиҳанда, ба мисли ҳаракатҳои гуногуни мимикӣ, имою ишора ва ғайра ба кор бурда мешаванд, ки ба ифодаи фикр кӯмак мерасонанд.

Барои фаҳмидани мақсади ҳамдигар дар гуфтугӯ мароми сухан (ситуацияи нутқ) ҳам ёрӣ медиҳад. Маҳз чунин воситаҳо (рангорангии оҳанги баён, авзои гӯянда ва ҳаракатҳои мимикии ӯ, вазъияти нутқ) имкон медиҳад, ки ҳангоми баёни матлаб баъзе калимаю таркибҳо ихтисор карда шаванд, фикр ба воситаи ҷумлаҳои нопурра ва ҳатто нотамом ифода карда шавад.

Азбаски дар процесси нутқ фурсати бамулоҳиза интихоб карда гирифтани калима ва мувофиқи мақсад сохтани ибораю ҷумлаҳо нест, табиист, ки дар гуфтугӯ баъзан суханҳо такрор ва бемавқеъ кор фармуда мешаванд, ҷумлаҳо ноҳамвор, нокис ва ҳатто бемантиқ мебароянд.

Дар ин услуб бештар калимаю ифодаҳои халқӣ, лафзҳои шевагӣ, калимаю истилоҳҳои хоси касбу кори гуногун, жаргонҳо, суханҳои дурушти кӯчагӣ ва амсоли ин ба кор бурда мешаванд. Дар гуфтугӯ як миқдор калимаҳои аз забонҳои дигар иқтибосшуда, ки ба нормаи забони адабӣ дохил намешаванд, низ дучор меоянд. Дар нутқ вобаста ба мароми сухан калимаҳо тобишҳои нави маъноӣ пайдо мекунанд.

Дар услуби гуфтугӯӣ ба воситаи ҷумлаҳои кӯтоҳ баён кардани фикр характернок аст. Дар ҷумлаҳои мураккаб аксар пайвандакҳо ва ҳатто як қисми аъзоҳои ҷумла ихтисор мешаванд.

Услуби забони китобӣ (хаттӣ) назар ба гуфтугӯӣ устувор аст, нисбатан оҳиста тағьир меёбад. Дар навиштаҷот фикр бештар ба тарзи монолог ифода мешавад. Азбаски ҳангоми навиштан имконияти мулоҳиза кардан ва аз рӯи талаботи фикр интихоб намудани калимаю унсурҳои грамматикӣ мавҷуд аст, дар услуби забони китобӣ мақсад мураттаб ва мукаммал ифода мешавад.

Дар ин услуб нависанда ба дурустии тарзи ифода аҳамияти калон медиҳад, чунки қисми зиёди навиштаҷотро хонандагони сершумор мутолиа мекунанд. Аз тарафи дигар, ҳалли масъалаҳои печ дар печи илмӣ, тадқиқи проблемаҳои мураккаби ҳаёти ҷамъият низ

ин талаботро ба миён меорад. Аз ҳамин сабаб дар услуби хаттӣ бештар ибораю ҷумлаҳои тафсилёфта, қолибҳои мураккаби синтаксисӣ ба кор бурда мешаванд.

Дар услуби китобӣ барои таъкиди маънои аъзоҳои ҷумла ва пуртаъсир ифода кардани мақсад аз инверсия, такрори калимаю ибораҳо, аз оҳанги пурсиш ва нидои риторикӣ истифода карда мешавад.

Забони адабӣ забони пухта ва аз тарафи адибон суфтаю сайқал додашуда аст. Ганҷинаи луғавии он тамоми дурдонаҳои гаронбаҳоеро, ки дар давоми асрҳо гирд оварда шудаанд, дар бар мегирад. Дар ин услуб бештар калимаю ифодаҳои адабӣ, истилоҳҳои илмию техникӣ, неологизмҳо, суханҳои пурбоби рангини хоси назм (поэтизмҳо), калимаҳои таърихию архаистӣ кор фармуда мешаванд. Калимаю истилоҳҳои иқтибосшуда низ дар услуби забони китобӣ мавқеи калон доранд.

Дар асоси услубҳои забони гуфтугӯӣ ва китобӣ услубҳои забони адабиёти бадеӣ, забони илмӣ, услуби забони публицистика ва забони коргузории расмӣ (концелярӣ) ба вуҷуд омадаанд.

**Машқи 1.** Матни зеринро хонда хусусиятҳои лексикию грамматикии услуби забони гуфтугӯиро муайян кунед. Шарҳ диҳед, ки нависанда аз кадом воситаҳои таъсирбахши забон фоида бурдааст.

Дар сари бозор Восеъ аз болои асп ба издиҳоми халқ чунин хитобат кард:

— Бародарон! Фақирон! Бихезед, ғазот кунед! Ҷавру зулм аз ҳад гузашт, мулк ҷазирбод шуд, халқон хору зор. Манғит моро одам ҳисоб намекунад. Ӯ моро дар диёри худамон ғариб карда, бехонумон кард. Ҳоким, амалдор, сипоҳӣ халқонро гургворӣ медаранд. Қорашон бигиру бибар, бизану бидар аст, тамом. Худи онҳо кистанд, аз куҷо омадаанд? Чӣ ҳақ доранд, ки фақиронро тороҷ кунанд, кӯдакони моро аз гуруснагӣ бикушанд? То кай мо ҷафо мекашем? Дигар тоқат намонд. Ман ба золимон теғ кашидам, Фуқаро, бихез ғазот бикун! Агар номус дорӣ, ҳамият дорӣ, бихез ба ғазот! Теғ ба даст гир. Теғ наёбӣ,таёқ бигир. Табару теша бигир. Аз золим қасос бигир. Аз мурдан дар хорию зорӣ беҳтар ки дар ҷанги золим бимирем. Золим гург

бошад, ту шер бош. Золим оташ бошад, ту сел бош. Ман мегӯям, фақирон, шумо шунавед. Аз ин баъд ҳар шаб ба Сурсақова нигоҳ кунед. Як шаб дар тори Сурсақова аломат пайдо мешавад. Аломатро ки дидед, тайёр шавед. Хоб бошед, бедор шавед. Бедор бошед, савор шавед. Ба ғазот бархезед!.. **(С. У.).**

**Машқи 2.** Дар ин матнҳо унсурҳои лексикию грамматикии кадом услубҳои нутқ бо ҳам омехта карда шудаанд? Маънои калимаҳои бо ҳарфҳои сиёҳ чопшударо дар гуфтугӯ чӣ тарз ифода мекунанд?

1. — Эй вой!... Азизам, ту чӣ қадар **тангҳавсала** ва ба чӣ индоза бесабрӣ?... Борҳо ба ту гуфтаам, азизам Маҳмуд, мард бояд **боҳавсала** ва **сабур** бошад. **Хосса** дар **мавриди** ишқ, ки шарти аввалини он сабру **таҳаммул** аст. **Муошиқа** бе сабр беоқибат аст. Хусусан, **тарафи таваққӯҳи муҳаббат ҳастӣ.** Ишқу муҳаббати шумо аз **тарафайн** аст, чунончи, гуфтаанд: «Агар ёр аҳл аст, кор саҳл аст». **(П. С.)**

2. Яке аз ин домуллоҳо... бо қаҳру ғазаби тамом ба гап сар кард:

— Ин духтарон **мувофиқи нишондодҳои шариати шариф** ба дор овехта шаванд, чунки онҳо **гуфтаҳои шариатро помол карда** аз хона баромада, комсомол шуда, фаранҷиро партофтаанд... Инҳо духтарони мусулмонро «Шумо биёед, комсомол шавед, озод шавед» гуфта **ташвиқоти ғайришариатӣ** мебурдаанд. Аммо шумо, мардумон, ба ҷои ин, ки талаб кунед, ин гесубуридагон ба дор овехта шаванд, тарафдории онҳоро карда, **гуфтаҳои шариатро вайрон кардани мешавед.** **(Алихуш).**

БИБЛИОТЕКА
438908

## ХУСУСИЯТҲОИ УСЛУБИИ ВОСИТАҲОИ ЛЕКСИКӢ

Маънои калимаи балоғатро чунин шарҳ додаанд: «...Балоғат мутобиқ будани калом аст мар муқтазои мақомро, яъне лоиқи ҳоли мухотаб ва муносиби мақом калом кунанд... ва холис будани калом аз заъфи таълиф ва баъзе сақот».

(«Ғиёс-ул-луғот», нашри Қалкутта, саҳ. 83).

Балоғати калом ва фасоҳати нутқ ба саҳеҳию пурмаъноии калимаи интихобшуда ва мавқеи истеъмоли он вобаста аст. Қалимаҳо одатан аз ҷиҳати маъно ва хусусиятҳои услубиашон бо ҳамдигар алоқамандӣ пайдо намуда, дар ганҷинаи луғавии забон мавқеи муайянеро ишғол менамоянд, аз ин сабаб калимаҳои ҷудогонаро бо ҳар гуна калима ба тарзи сунъӣ пайваста, фикреро ифода кардан маҳол аст. Қалимаҳо дар забон аз ҷиҳати таносуби маъно ва аломатҳои услубиашон як системаи муайянро ташкил дода, вазифаи худро дар ҷамъият ҳамчун воситаи мубодилаи афкор ба ҷо меоваранд. Дар сурати вайрон шудани он таносуби маъноӣ ва дар мақоми худ наомадани сухан фикр тира ва муғлақ ифода мегардад. Чунончи:

Вай... хеле лоғар ва пажмурда гашта, чашмонаш гирьяолуд ва қавоқҳояш **дам кардагӣ** буданд. **(Ҷ. И.)**

Гарчи аз мундариҷаи умумии матни боло маънои «варамкарда» фаҳмида мешавад, вале таркиби «дам кардагӣ» он маъноро равшан ифода карда наметавонад, зеро он таркиб дар забон ба маънои чизеро аз ҳаво пур кардан кор фармуда мешавад.

Ҳарчанд калимаҳои **болин** ва **болишт** синониманд, аз ҷиҳати таносуби маъноашон бо калимаҳои дигар фарқ мекунанд. **Болин** нисбатан камистеъмол буда, бо калимаҳои **сар, беморӣ, марг** ва ғайра таносуби маъ-

ной дорад. Аз ин ҷост, ки ҷумлаи «Аз болишти бемо̄рӣ сар бардошт» услубан ғалат аст.

Қисми зиёди боигарии луғавии забонро аз қабили «об», «рӯз», «хона», «даст», «ғам», «бад», «сафед», «зинда», «рафтан», «дидан», «хандидан» калимаҳои сермаъно ва серистеъмол ташкил менамоянд, ки онҳоро дар услубшиносӣ калимаҳои мӯътадилмаъно меноманд. Ин гуна калимаҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъият бе ҳеҷ маҳдудият кор фармуда мешаванд. Маънои онҳо барои тамоми аъзоёни ҷамъият комилан фаҳмо буда, материали асосии забони асари бадеиро ташкил медиҳанд.

«Зебоӣ ва фасоҳат,— менависад А. П. Чехов,— дар тасвири табиат маҳз бо чунин таркибҳои оддӣ, масалан, «Офтоб баромад», «Борон борид» ва ғайра муяссар мегардад».

Аммо қисми дигари калимаҳо доираи васеи истеъмол надоранд, танҳо дар ягон услуби забон кор фармуда мешаванд ва бо ин хусусияташон аз калимаҳои мӯътадилмаъно фарқ мекунанд: «хӯрдан» — мӯътадилмаъно, «тановул кардан» — хоси услуби китобӣ, «луммондан» — гуфтугӯист.

Қалимаҳоро аз ҷиҳати обуранги услубиашон ба гурӯҳҳо ҷудо мекунанд. Чунончи:

1. Лафзҳои гуфтугӯӣ: линг (пой), ашӯла (суруд), чигил (бесару нӯг), чақ-чақ кардан (сӯҳбат кардан), ҷим шудан (хомӯш шудан) ва ҳоказо.

2. Қалимаҳои китобӣ: паём, рақиб, қалб, афрӯхтан, гусехтан, висол, моҳҷабин, нозукхиром, мотамкада ва ғайра.

3. Лексикаи соҳавӣ: материя, шуур, базис, воситаҳои истеҳсолот **(фалсафа)**, мубтадо, пасоянд, ибора, бандаки изофӣ, фонема **(забоншиносӣ)**, ҳуруфчин, гранка, саҳифабанд, петит, корпус **(матбаа)**...

4. Қалимаҳои коргузории расмӣ: шоҳид, муфаттиш, истинтоқ, фикри айбдорӣ, ба ҷиноят кашидан, ҳукм баровардан, машваратчӣ **(ҳуқуқшиносӣ)**.

5. Лафзҳои шевагӣ: буҷа, чилик, ҷебак, хуй кардан, тумшуқ, истаро, клет шудан, калапо рафтан ва ғайра.

Қалимаю ибораҳои фразеологӣ аз ҷиҳати обуранги эмоционалиашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1. Қалимаю ибораҳое, ки обуранги эмоционалии

мусбат доранд: оламшумул, бузургвор, шердил, маҳҷабин, корзор.

2. Калимаю ибораҳое, ки обуранги эмоционалии манфӣ доранд: аҷуза, бодича, сатанг, башара, барзаҷгӣ ва амсоли ин.

Калимаҳо нисбат ба дараҷа ва замони истеъмолашон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд.

1. Калимаҳои кӯҳнашуда: фарсах, газ, пайса, нимча, шӯро, туман, ячейка, мударрис ва ғайра.

2. Калимаҳои таърихан маҳдудшуда: понсад, удайчӣ, машкоб, пристав, рабфак ва ҳоказо.

3. Калимаҳои нав (неологизм): барфистон, ғазабдон, радифи маснӯъ ва амсоли ин.

## Обуранги эмоционалӣ ва хусусияти ифоданокии калима

Калимаҳо баробари ифода кардани мафҳумҳо ҳиссу ҳаяҷон, муносибати салбӣ ё эҷобии гӯяндаро низ мефаҳмонанд. Вале на ҳамаи калимаҳо ба ин хусусият моликанд. Чунончи, калимаҳои «рӯй», «калон» ва ғайра танҳо мафҳуми предмет ё аломатро мефаҳмонанд ва калимаҳои мӯътадилмаъно ҳисоб мешаванд. Аммо синонимҳои дигари онҳо ҳамон маъниро бо обуранги эмоционалии мусбат: чеҳра, симо, рухсор, лиқо, бузург, азим ва ё бо обуранги эмоционалии манфӣ: афт, башара, шакл, суммот; дакаданг, барзангӣ ифода мекунанд:

Қоре кун, ки ман дигар **башараи** наҳси туро набинам (**С. У.**); Ин гунбазҳои **дакаданг** кай, аз тарафи кӣ бунёд карда шудааст, касе намедонист (**Р. Ҷ.**).

Қисми зиёди ибораҳои фразеологӣ обуранги эмоционалӣ доранд, бинобар ин дар асарҳои бадеӣ васеъ кор фармуда шудаанд:

Зан фараҳманд, хушҳол, хушчақчақ — **гули ҳамеша баҳор** буд (**Ҳ. К.**); — Ин кори ту нест! — дод зад пристав. Қори худатро дону ба кори дигарон **фукатро натиққон** (**Р. Ҷ.**).

Дар мисолҳои боло ибораи фразеологии «гули ҳамешабаҳор» обуранги эмоционалии мусбат, ибораи «фукатро натиққон» тобиши маънои манфӣ дорад.

Калимаҳо, сарфи назар аз обуранги эмоционалӣ

доштан ва ё надоштанашон, дар матн мафҳумеро ба ғоят барҷаста ва таъсирбахш ифода мекунанд. Онҳо илова ба маънои аслиашон оҳанги киноя, муболиға, шукӯҳу тантана пайдо мекунанд ва бо ин васила ҳусни таваҷҷӯҳи хонандаро зиёд ва ё баракс ҳисси бадбинӣ, кинаву адовати ӯро бедор мекунанд.

Чунин калимаҳо дар матн вазифаи муайяни услубиро адо мекунанд, бинобар ин диққати хонандаро ба худ ҷалб менамоянд. Чунончи, калимаи «лона» дар таркиби «лонаи паррандагон» ҳеҷ гуна хусусияти экспрессивӣ (ифоданокӣ) надорад, аммо дар ҷумлаи «Ба лонаи душман оташ задем» хусусияти ифоданокӣ пайдо мекунад. Ё ки калимаи «маршрут» аслан мӯътадилмаъност. Аммо вақте ки нависанда Раҳим Ҷалил бо ин калима роҳи тайкардаи пиразанҳои ба меҳмонӣ омадаро ифода мекунад, калимаи «маршрут» ифоданок мегардад:

Меҳмонон бегоҳии рӯз омаданд. Боиси бемаҳал ташрифи қудум фармуданашонро худи онҳо узрхоҳона баён карда гузаштанд. Онҳо ин маршрутро пагоҳии барвақт, ҳанӯз офтоб паҳн нашуда аз он канори шаҳр сар карда, вақти фурӯравии офтоб сиҳат ва саломат, бе ҳеҷ як шикасту рехт ба миёнҷои шаҳр, ба ҳавлии мо расида тамом кардаанд.

Дар ин порча ғайр аз калимаи «маршрут» ибораи фразеологии «ташрифи қудум фармудан», ки аслан обуранги эмоционалии мусбат дорад, таркибҳои «сиҳат ва саломат», «бе ҳеҷ як шикасту рехт» низ хусусияти экспрессивӣ пайдо кардаанд.

**Машқи 3.** Калимаҳои обуранги эмоционалӣ ва хусусияти экспрессивӣ доштаро ба дафтаратон навишта шарҳ диҳед, ки дар матн чӣ гуна тобиши маъноӣ доранд ва бо кадом мақсад кор фармуда шудаанд.

Чӣ хуб мешуд, ки аз заминҷунбӣ ба сари лучи пристав гаҷи шифти кабинет меафтод ё забонаи оташи сӯхтор бурутчаҳои тоб додашудаи вайро ҷизғин мекард! **(Р. Ҷ.)**; Ӯ қафаси бедонаро ба замин гузошта, дуқад шуда таъзим ба ҷо оварду рафта дасти тӯраро гирифта чалап-чалап бӯсид **(С. У.)**; Тӯрақулбой, Морқабой ва дигарон... аз ҳама пеш чукка зада нишаста буданд **(Ҳ. К.)**; — Ман аз ту, лошахӯр, пурсида истодаам, ки дар ӯтов кӣ ҳаст?... **(Р. Ҷ.)**; Аммо акнун боз

баҳодурони нав баромадаанд, ки сарвари онҳо баҳодури баҳодурон Восеъ аст... **(С. У.)**; ...ӯ тозиёнаи дасттааш ғафсро баланд бардошта ба давлат таҳдид кард.— Қанӣ, тиёқатро шиликқонда тезтар берун рав; — Ту, тирмизаки тиррончак, маро «ту-ту» мегӯӣ! **(Р. Ҷ.)**; Ин навозиш кампирро тамоман ёзонд **(Ҳ. К.)**; ...дар ин маҳал дасти пурзӯре аз пушти гиребони вай гирифта чунон сахт ба қафо кашид, ки пуштнокӣ ба замин афтод ва мӯи парешонгардидаи Дарьяву гулӯи Давлати чашмҳояш дамида баромада аз чанголҳояш раҳо ёфтанд. **(Р. Ҷ.)**; — Пас, ҳамин тавр ки бошад, чаро бо вай физик қиқир-қиқир мекунӣ? **(Ҳ. К.)**; Гӯр ин ташвишҳо шаваду вай хирси шофу ғилофдор ҳам гумноми охират шавад; Пагоҳ Холиддин воқеаи имшабаро нарезондаю начакконда, бо бароварду фуровард зиёд ба раис ва дигар активони колхоз гуфта дод (Қаламҳои пурумед); Аслашро гӯям, ҷигарам, худи ман ҳам айбдор. Ин «маликаи дилозор»-ро худам ёфтаам; Ҳанӯз каллаи саҳар аз ҷойгаҳ нахеста, чашмонашро молида-молида истода, аз ман пул пурсид; Фақат мани бечора ба «нодираи давронаш» вохӯрдаам, ки ин ҳам шӯри пешонаи ман аст; Зан аспсаворонро беором дуои бад мекард, ҷувозкунда бошад, ба ҳеҷ чиз гӯё аҳамияте надода, чашмонашро маҳкам пӯшида гирифта пинак мерафт; Мегӯянд, ки амини маҳалла акт кардааст. Ҳоли дили сатанг дар лаппас аст, ки чӣ мешаваду чӣ мемонад; Ман аз рӯзи аввал ҳам ба шумо гуфтам, ки беҳуда зӯрӣ накунед, ман ба вай такасалтанги кӯчагард намерасам; — Астағфирулло... ҳой зан, даҳони бефаровезатро пӯшӣ-чӣ, гӯр нияти бадат шавад; Соатҳои дувоздаҳу ними шаб, вақте ки меҳмонону мизбонон хамьёзаҳои даҳондар кашида, зуд-зуд ба тахмони кӯрпаю болишт нигоҳ мекарданд, меҳмонзан Ҳурматбибӣ гап гирифт; Сурфаи бангиёна ягон нафас ӯро (шайхи мазорро) ором намегузошт. Вай чунон паёпаю сахт буд, ки ду-се бор нафаси бемор ба дарунаш афтода, қариб буд, ки пӯкида монад... **(Р. Ҷ.)**. Ин не, вай не, қаҳратон наояд, шумо гӯл, ноӯҳдабаро, кашола, ландаҳур... **(Р. Ҷ.)**.

**Машқи 4.** Бо калимаҳои зерин ҷумлаҳо созед:

1) шердил, фидокор, оламшумул, диловарона, бошукӯҳ.

2) суммот, ёғӣ, лаққӣ, гарданғафс, ҷалоҷин, дафъ шудан, қиқир-қиқир кардан.

**Машқи 5.** Дар мисолҳои зерин кадом калимаю ибораҳо обуранги эмоционалӣ доранд? Дар кадом маврид дуруст ва дар кадом ҷумлаҳо нодуруст ё бемавқеъ кор фармуда шудаанд?

1. Пас аз ҳамин воқеа кӯшки хаёлии орзую ҳаваси ҷавони содда аз беху буньёдаш футур рафт ва ба назари вай бой бениқоб, бо тамоми ҳастии моронаи худ ҷилва кардан гирифт **(Ҷ. И.)**. 2. — Ҳой, ту, ҳаромӣ, ин қадар аз каллаи кӯрак дар ин ҷо чаро ҳозир шудӣ? — дӯғ зад ӯ (шахтабон) бо овози ба садои гупчаки разғаннахӯрдаи ароба монандаш. Ба хобат ҳам ангишт дидӣ магар, тиррончак! Аз майдон берун бароюю устоятро поида шин, набошад зада лингатро мешиканам. Қанӣ, гум шав, ҳаромӣ! **(Р. Ҷ.)**. 3. Ҳарчанд ки ин фасли аввали баҳор буда, сари моҳи март аст, вале чӣ шуд, ки имрӯз аз ҳар тараф абрҳои сиёҳи барзангӣ баромада, ҳаворо тира ва тор карда буданд **(Б. А.)**. 4. Вай ҷавоне буд қадбаланд, чорпаҳлу, бо дасту поҳои баҳодурона... лекин ҷасади паҳлавононаи ӯ дар назари аввал вайро ба чашм аз синну солаш калонтар карда нишон медод **(Ҷ. И.)**. 5. Гапро дигар мекунанд, аз пичир-пичир ба пиқир-пиқир мегузаранд **(Р. Ҷ.)**. 6. Ман ба ҷаноби шумо расондани арзу доди онҳоро баҳона карда аз дасти калидашон базӯр халос шуда омадам. Гапи ин ёғиҳои малъунро шунида нишастан ҳоҷат нест **(С. У.)**. 7. Як ҷавони тахминан бистсола... чашмонаш дурахшон, лекин андешаманд, пешонааш фарох, лекин пурчин, ки аз башарааш андешамандӣ намоён буд, ба хаёл фурӯ рафта дар гӯшае аз бошишгоҳҳои мардум дуртар менишаст **(С. А.)**.

## Сермаъноии калимаҳо

Миқдори калимаҳо назар ба мафҳумҳое, ки инсон дар муҳити зиндагии худ бо онҳо сару кор дорад, хеле маҳдуд аст. Бо вуҷуди ин забон чунин имкониятҳо дорад, ки ин эҳтиёҷоти ҷамъиятро дар мубодилаи фикр пурра қонеъ мегардонад. Дар ин бобат сермаъноии калима роли муҳим мебозад. Калимаҳо бо як маъно маҳдуд шуда намонда, дар натиҷаи серистеъмол шуданашон тадриҷан маъно ва тобишҳои нави маъноӣ пайдо кардан мегиранд. Маҳз бо ёрии чунин тобишҳои маъноӣ аломатҳои нозуктарини ашьёҳо, ҷиҳатҳои ноаёни онҳо

ифода меёбанд. Калимаҳо бештар дар матн ё мароми сухан (ситуацияи нутқ) сермаъно мешаванд, чунки нависанда ва ё гӯянда бо ёрии тобишҳои маъноии калима муносибати худро нисбат ба шахс ва ё ҳодисаю воқеаи тасвиршаванда ифода мекунад. Муайян намудани ин ҷиҳати тасвир дар услубшиносӣ аҳамияти калон дорад. Аз тарафи дигар, дар як ҷо бо ду маъно: аслӣ ва маҷозӣ кор фармудани калима яке аз воситаҳои таъсирбахши забон, санъати сухан ба шумор меравад. Нависанда калимаеро бо ду маънӣ кор фармуда, диққати хонандаро ба он ҷалб намуда, ҳисси тараҳҳум, шафқат ва ё нафрату адовати ӯро нисбат ба шахсе ё воқеае бедор мекунад ва бо ин васила асли мақсадро хеле барҷаста ва таъсирбахш ифода мекунад.

**Машқи 6.** Дар мисолҳои зерин кадом калимаҳо сермаъноянд? Нависанда бо кадом мақсад як калимаро бо чанд маъно кор фармудааст? Вазифаҳои услубии калимаҳои сермаъноро шарҳ диҳед.

1. Тобут монанди шутури пурбор бисьёр ба оҳистагӣ роҳ мерафт. Оре, ин тобут пурбор буд, лекин бораш на он боре буд, ки бо қуввати шутур, асп ва инсон нақл ёбад, балки ин бор бори андӯҳ ва алам, ғам, ҳасрат, ҳиҷрон ва ҳирмон буд, ки кӯҳпайкарони дуньёро камар мешикаст **(С. А.)**. 2. Ниҳоят ғоратгарон аз назди мо дур шуданд. Бори мо хеле сабук шуда монд. Бори сабуки ашьёро ба хар ва бори гарони ғамро ба дил ниҳода равон шудем **(С. У.)**. 3. То вақте ки Сангин сурудро ба охир расонид, Одина ҳам ба нола ва гирьяи паёпай дили худро қадре холӣ намуда, ба худ қуввати сурудгӯӣ ва нақшхонӣ пайдо карда буд ва бо сӯзу гудозе, ки дили Сангин, ҳатто дили санги кӯҳро ҳам об мекард; ба хондани ин ғазал сар кард **(С. А.)**. 4. Бечора Одина бо ин ҳама сахтиҳо аз хӯҷаин ягон бор забони хуше ва рӯи кушодае надид... **(С. А.)**. 5. Забони пахтаро ёфта, дониста, сонӣ дар ин бора гуфтугӯ кардан лозим меояд. **(Алихуш)**. 6. Ду ҷавон забони дар даҳонашон бударо аз ҳаракат боздошта, ба забони дилҳошон бо якдигар гуфтугузор карда мерафтанд **(С. А.)**. 7. Ману Исрофил ҳам оби яктои шишаро аз гулӯяш ба гулӯямон рехта холӣ кардем **(Ф. М.)**

**Машқи 7.** Калимаи «сахт» дар ҷумлаҳои зерин бо кадом маънӣ кор фармуда шудааст ва онро дар мисолҳои зерин бо кадом калимаҳои ҳаммаъноаш иваз кардан мумкин аст? Ҷумлаҳоро ислоҳ карда ба дафтар нависед.

1. Вале аз қӯрғон баромадан хеле сахт буд. 2. Дар ҳар ду пояш хун сахт шуда монда буд. 3. Дар пеши синаи вай нишони сурхи қаҳрамоние, ки дар натиҷаи аз сахттарин ҷойҳои хавфноки ҳаво гузаронидани болҳои шӯроӣ гирифта буд, медурахшид. 4. Дар порчаҳои васеътари он ҷо селобчаҳои сахт ҳам ҷорӣ буд (**Алихуш**). 5. Эшони Султонхонтӯра аз ислоҳоти замин сахт зарар дид (**А. Д.**). 6. Очил батрак сахт ақида дошт, ки бо омадани Оиша ба хонадони вай бахту толеъ рӯй овард (**Ҷ. И.**). 7. Оре, ба Гулнор як ҳолати бисьёр сахте рӯй дода буд (**С. А.**). 8. Дар поёни қишлоқ дар лаби наҳрчаи пуршӯр ҷанги сахте ба вуҷуд омад. 9. Мо бо фармони сардорони худ ба байни сангҳои калоне даромада, аз он ҷо тирборони сахт ташкил додем. 10. ...аз дасти босмачӣ ба тарафи рости синаи худ аз қундоқи сахти милтиқ як зарбае хӯрдааст... 11. Дар ҳамон моҳҳое, ки дар кӯҳистони Қаротегин шиори ғазои худоӣ иҷро карда шуда истода буд, сахттарини зулм барои мардумони меҳнаткаш ҳамоно улав (гирифтани ҳайвонҳои боркашонии онҳо) буд (**Алихуш**).

## Синонимҳо

Дар бораи ҳаммаъноии калима ва хусусияти услубии он дар забони асарҳои бадеии нависандагони тоҷик дар асару мақолаҳои илмӣ маълумот дода шудааст.[1]

Равшании ифодаи фикр, пеш аз ҳама, ба тарзи интихоби калима ва мавқеи кор фармудани он вобаста аст. Нависанда аз рӯи талаботи фикр ва тақозои услуби баён аз дохили силсилаи синонимҳо ҳамон калима-

[1] М. Муҳаммадиев. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик, Душанбе, 1962; Н. Маъсумӣ. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик, Сталинобод, 1959, саҳ. 154; Р. Ғаффоров. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил, Душанбе, 1967, саҳ. 21—67; И. Хасанов. Лексика и фразеология романа Джалол Икромӣ «Духтари оташ», автореферат, Пенджикент, 1966; Б. Камолиддинов. Забон ва услуби Ҳаким Карим, Душанбе, 1967, саҳ. 46—49.

ро интихоб карда мегирад, ки асли мақсадро саҳеҳ, равшан ва пурра ифода карда тавонад.

Маълум аст, ки калимаҳо аз рӯи маънои умумиашон бо ҳамдигар хусусияти синонимӣ пайдо карда, бо тобишҳои маъноӣ ва аломатҳои услубиашон фарқ мекунанд. Чунончи, устод Айнӣ дар тасвири манзараҳои зебои кӯҳистони тоҷик чун наққоши нодиракор нозукиҳои маънои ҳар як калимаро ба назар гирифта ин лавҳаро офаридааст:

Шумо гумон накунед, ки ин ҷӯйборҳо ҷӯйҳои калон ва обҳояшон ғурришдори ғалтон бошанд. Не! Мо аз тангии иборат ба ин ном ёд кардем, вагарна паҳнобе буд, қадаш аз қомати сабза ва себаргаҳои навхезе, ки дар роҳи ҳаракати ӯ рӯида буданд, баландӣ надошт ва садои ҳаракаташ аз овози ҷунбиши зангӯлаи симини сари зулфи симбарони нозукхироми тоҷик тафовуте намекард **(С. Айнӣ, Одина)**.

Нависанда баландии оби ҷӯйчаҳоро «қад» ва баландии сабзаву себаргаҳоро «қомат» гуфтааст. Доираи маънои «қад» нисбатан васеъ буда, ба баландии ашьёҳои гуногун нисбат додан мумкин аст: қади одам, қади девор, қади найза ва ғайра. Аммо калимаи «қомат» хоси қади инсон аст: қомати зебои ҷавон.

Азбаски нависанда дар зимни тасвири лирикии ҳаракати оби ҷӯйчаҳо ва ҷилваҳои сабзаю себарга амалиёти ошиқу маъшуқаро нишон медиҳад, ба оби дурушткирдор «қад»-ро ва ба сабзаи нозпарвар «қомат»-ро нисбат додани муаллиф ҳамон матлабро равшантар ифода мекунад. Дар тасвири мазкур ҳамин нозукиҳои маъно имкон намедиҳад, ки ҷои синонимҳоро иваз намуда, «қомати обу қади сабзаю себарга» гӯем.

Ҳарчанд дар таносуби маъноии калимаҳои «садо» ва «овоз» низ тафовуте вуҷуд дорад («садо» ба ҳамаи предметҳои ҷондору беҷон, аммо «овоз» бештар ба инсон хос аст), он тафовут ба он дараҷа аён нест, ки ба таносуби маънои синонимҳои мазкур ва калимаҳои дигар халал расонида тавонад.

Ҳамин тариқ, синонимҳо бо ҷиҳатҳои зерин аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

1. Синонимҳо, пеш аз ҳама, бо тобишҳои маъноиашон фарқ мекунанд. Чунончи, калимаҳои «фикр кардан» ва «андеша кардан» ба маънои умумии дар бораи

ҳодиса ва ё воқеае мулоҳиза кардан синоними ҳамдигаранд. Аммо калимаи «андеша кардан» тобиши маънои рӯихотир кардан, поси хизмати касеро нигаҳ доштан ва амсоли инро дорад. Калимаи «фикр кардан» аз ин тобиши маъної маҳрум аст. Ё ки дар силсилаи синонимҳои «садо», «овоз» ва «бонг» калимаи охирин маънои овози баланд, пурҳайбатро ифода мекунад. Бо ҳамин мулоҳизаҳо истеъмоли калимаҳои «фикр» ва «бонг задан» дар ҷумлаҳои зерин услубан ғалат шуморида мешавад:

Фикри модари зоратро накардӣ **(Аз газета)**. — Салом, бочаи азиз! Зиёрат қабул! — бонг зад ӯ бо овози ғафс **(Р. Ҷалил)**.

2. Калимаҳои ҳаммаъно бо обуранги эмоционалии мусбат ва ё манфиашон фарқ мекунанд. Чунончи, дар силсилаи синонимҳои «рӯй» калимаҳои «чеҳра», «симо», «лиқо», «рух», «рухсора» обуранги эмоционалии мусбат ва «афт», «башара», «суммот», «шакл» ва ғайра обуранги эмоционалии манфӣ доранд.

3. Синонимҳо бо обуранги услубиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Як қисмати калимаҳои синонимии як силсила ба як услуби забон (гуфтугӯӣ, хаттӣ ва ҳоказо) хос бошанд, калимаҳои ҳаммаънои дигар ба ягон услуби дигари нутқ хосанд. Масалан, калимаи «нағз» дар гуфтугӯ серистеъмол бошад, «беҳ» танҳо дар услуби адабӣ-китобӣ, калимаи «хуб» мӯътадилмаъно буда, дар ҳар ду услуб ба тарзи муштарак кор фармуда мешавад.

4. Калимаҳои ҳаммаъно аз ҷиҳати дараҷаи истеъмолашон ҳам баробар нестанд. Чунончи, калимаи «барно» нисбат ба «ҷавон» ва ё «боло» назар ба калимаҳои «қад» ва «қомат» хеле кам кор фармуда мешавад.

5. Синонимҳо аз ҷиҳати доираи маъноашон ҳам гуногунанд, мисли синонимҳои «қад» ва қомат», ки дар боло сухан рафт.

6. Калимаҳои синонимӣ аз рӯи таносуби маъноашон бо калимаҳои дигар низ фарқ мекунанд. Чунончи, калимаи «болин» ва «болишт».

**Машқи 8.** Матнҳои зеринро хонда, калимаҳои ҳаммаъноро навишта гиред .Аз луғатҳои тафсирӣ фонда бурда хаттӣ шарҳ диҳед, ки синонимҳо аз ҳамдигар бо кадом тобиши маъної ва ё хусусияти услубиашон фарқ мекунанд.

Офтоб бо ғурур қадампартой менамуд, чилванамой мекард... Сабзаҳои навхези баҳор ба истиқболи хуршед механдид (Ҳ. К.); Лекин ин гуна сангҳо, бо вуҷуди нотарошидагӣ, азбаски бо сабаби боронҳои баҳорӣ покиза ва мусаффо шуда буданд, дар ҳусн ва зебоии сабзазор меафзуданд (С. А.); Дар ин дам чашмони ӯро ашкҳои хашму ғазаб, сиришкҳои интиқом, ниқор фаро гирифта буданд (Ҳ. К.); Бечора Одина ба ин ҳама сахтиҳо аз хӯҷаин ягон бор забони хуше ва рӯи кушодае надид, балки ҳар вақт ки ба ӯ рӯ ба рӯ мешуд, бесабаб ва бебоис ҷанг, дашном ва ҳақорат мешунид (С. А.); Аммо тез-тез ба офтоб нигоҳ мекард, ба хамидани соя диққат менамуд ва фурӯ рафтани хуршедро мепоид (Ҳ. К.); Гуландом худро ба оғӯши ӯ андохта, рӯймоли сари худро кушода, ба сари Маъмур баст ва бо остини хеш арақи чеҳраи ӯро пок намуд (П. С.).

**Машқи 9.** Аз луғатҳои тафсирии забони тоҷикӣ фоида бурда синонимҳи калимаҳои «хурсандӣ», «ғам», «олам», «калон» ва «офтоб»-ро нависед ва ҷиҳатҳои фарқноки калимаҳои ҳаммаъноро эзоҳ диҳед. Бо ҳар кадоми онҳо ҷумла созед.

**Машқи 10.** Дар ҷумлаи зерин ба ҷои сенуқта синонимҳи «нигоҳ кардан»-ро нависед:

1. Зарафшонро пеш аз ин ман бисьёр . . ., манзараи онро дар Самарқанд, дар Миёнколот, дар деҳаи Соктаре . . .. 2. Аҳмад бесавод буд, ҳарчанд ба рӯи коғаз . . .. 4. Дарьё мавҷ зада меғуррид ва ман аз мавҷ ва ғурриши об . . .. 5. Ман ба тарафи торикии шаб, ба тарафи дарьё ва кӯҳсори сар ба фалаккашида . . . саҳифаҳои сиёҳи таърихро аз хаёл мегузаронидам. 6. Ҷавон аз асп фуромада эҳтиёткорона ба атрофаш . . .. 7. Гӯё ки дар умраш аввалин бор медида бошад, аз ман . . .. 8. Чӯпон дар баландӣ хомӯш истода ба марғзор . . .. 9. Оҳиста сарашро бардошта шармгинона ба ман . . .. 10. Қампир ба гирду атрофи хонааш . . ., лекин ягон ҷои боб наёфт.

**Машқи 11.** Синонимҳи калимаи **рӯй** дар кадом ҷумла дуруст кор фармуда шудааст ва дар кадом ҷумла нодуруст ва ё бемавқеъ? Ҷумлаҳоро ислоҳ карда ба дафтар нависед.

1. Ҳамроҳхола ба **дидори** домодшаванда чашм дӯхт. 2. **Башарааш** худди **башараи** модарам барин буд. 3. **Дидори** ӯ ба чашмонам ниҳоят гарм намуд. 4. Ҳозирон якбора ба **чеҳраи** Солеҳ понсади босмачӣ нига-

ристанд. 5. **Орази** раис дар равшании чароғ базӯр намудор мешуд. 6. Малол наоянд, **чеҳраатонро** як ба ман гардонед. 7. Шокирхӯҷа аҷаб **суммоти** ҷозибаноке дошт. 8. **Рӯи** он маҳваши паризода аз зери парда намудор шуд. 9. Акнун Остонақул яқин кард, ки ин ҳамон кӯҳистонист. Хира-хира **афту андоми** ӯро ҳам ба ёд овард. 10. Ҳарчанд **шаклу шамоили** ин савор даҳшатангез бошад ҳам, мардуми ин дара . . . аз вай ҳеҷ боке надоштанд. 11. Дар назди тирезаи ошхона **рӯ** ба шафақ Малоҳат меистод. **Орази** ӯро шӯълаи шафақ чун гули садбарги сурх дар субҳидам дилрабо гардонида буд.

**Машқи 12.** Ба ҷои калимаю таркибҳои бо ҳарфҳои сиёҳ чопшуда синонимҳои мувофикро ёфта гузоред ва эзоҳ диҳед, ки чаро маҳз ҳамин калима ё таркибро кор фармудан дуруст аст.

1. Ҳар кас ба ҳар сӯ гурехт ва **ҷогоҳ шуд.** 2. Худам **тоқа** бозгашта меомадам. 3. Дар ҳавлӣ ба рӯи кӯрпаи **қаркбастааш** домуллоро хобонд ва дарҳол ба муолиҷа сар кард. 4. Ҳар як коре, ки ба назари халқ бад аст, агар аз тарафи мо, хусусан аз тарафи **йигитҳои** отряди мо, карда шавад, тарафдорони босмачиён ба муқобили мо истифода мекунанд. 5. Раис «хӯш?» гуфтагӣ барин ба вай назар андохт. Вай ҳам вазъияташро тағйир надода аз таги **қӯлтуқаш** коғазеро баровარда ба раис дароз кард. 6. Назокат Қаримова барин **ударникҳои** номдор бо меҳнати **сидқии** худ **овозадор** шудаанд. 7. Раис арзи деҳқонони дигарро напурсида ба гапи дуру дарози **шикоятмонанд** шурӯъ кард. 8. Рӯзи тобистон, ҳаво ниҳоят гарм буд, аспҳои отряд кафк карда, ҳарсида **дам мегирифтанд.** 9. Ҳангоме ки раис ин саволро дод, ҳамагӣ **ҷим буданд.** 10. Вай **даруннокӣ** оҳе кашида, **пичи хафа шуд,** ки ба дунъё барвақттар омадааст. 11. **Он гоҳ** вай духтарчаи **майда** ва назарногир буд **(Ҳ. К.).** 12. Дар як ҷой як **бӯлак** коргарон аз вагон халтаҳои борнокро мефуроварданд. 13. Аммо ин занаки бечораро **бедарак** девона гуфта масхара мекунанд **(Ҷ. И.).**

**Машқи 13.** Дар матнҳои зерин синонимҳо бо кадом мақсад кор фармуда шудаанд?

1. — Мана, дар ҳамин ҷо **даст монед,**— гуфту бегап ангушти калони холаро бо сиёҳӣ ранг кард ва ба ҷои **имзо** ба рӯи коғаз пахш намуд. 2. Духтари ба қад ра-

сидаю ба ҷой лоиқи онҳо дар як рӯзи равшан **гум шуда буд.** Сабаби **ғайб задани** духтарро ҳеҷ кас намедонист. 3. **Гапҳои** ин мӯйсафед низ ба монанди **суханони** бесарунӯги дигарон дар ин талотуми садоҳо ғарқ шуда рафт. 4. Ҳамон воқеа боз дамашон ба дарунашон монд. **Ҷим шуда монданд. Лом намегӯянд.** 5. Лекин вай бача хабар надошт, ки ин рагу паи ман, ин устухонҳои ман бо **кор,** бо **меҳнат шах** шудаанд **(Ҳ. Қ.).**

**Машқи 14.** Дар мисолҳои зерин феъли «мурдан» бо кадом калима ва таркибу ибораҳо ҳаммаъност? Синонимҳо бо кадом тобишҳои маъноӣ ва хусусиятҳои услубиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд?

1. Баъд аз ягон соли хонадор шудани Мурод Фотимабибӣ мурд, Мурод хабари вафоти модаркалонии худро дар дашт дар вақте ки гӯсфандҳои хӯҷаинро чаронида гашта буд, шунид. ...Мурод гӯсфандонро аз чаро гирифта ба тарафи ҳавлии бой нигоҳ карда ронд ва пеш аз як соат аз фурӯ рафтани офтоб — яъне пеш аз як соат аз вақти муқаррарии ҳаррӯзааш ба ҳавлии бой расид.

— Чаро молҳоро ин қадар барвақт аз чарогоҳ гардондӣ? — гуфт Эшонқулбой...

— Магар ба шумо хабари аз дуньё гузаштани модаркалонамро нарасонданд? — гуфта пурсид Мурод аз бой дар ҷавоби ӯ.

— Расонданд, аммо чӣ шудааст, як кампир мурд, мурд-дия, бо зуд рафтани ту магар ӯ зинда мешавад? **(С. А.).**

2. Пас аз як моҳ шунидам, ки ӯ реҳлат кардааст **(Р. Ҷ.).**

3. Духтарчаи ҳамсояи ӯ касал будаасту домулло ба вай доруе додааст, ки ҳамоно по накашидааст **(Р. Ҷ.).**

4. Дар яке аз рӯзҳои нағзи соли гузашта мувофиқи тамоми қонуну қоидаҳои табиат пӯкид...

5. Ӯ шитоб менамуд, ки аз забон мондан пештар дар гувоҳии занонаш ба гуноҳаш иқрору аз онҳо пок шуда, бо хотири осуда рахти сафар барбандад **(Р. Ҷ.).**

**Машқи 15.** Дар мисолҳои зерин калимаҳои ҳаммаънои **садо, овоз, наъра** чӣ тарз кор фармуда шудаанд? Дар истеъмоли синонимҳо ба кадом ғалатҳои услубӣ роҳ дода шудааст? Ҷумлаҳоро ислоҳ карда ба дафтаратон нависед.

Дар вақти саҳар садои нолаи ҳазини модари бечора . . . ба гӯшҳо расид; Мавҷҳои наҳрча бо хуни сурх ҳубобҳо кушода овоз медоданд; Лекин баъд аз он ки сардори мо рафиқ Ғайниддинов бо як овози пурраи баланд садо дод, тирпарронӣ аз тарафи онҳо хомӯш шуд; Бо садои милтиқҳо наъраи сурудҳо, ки бо ғулғулаи ҳуҷумангези душман омехта мегардид, пайваста ба гӯшҳо мерасид ва ба мо имконият намедод, ки садои ҳамдигарро дурусттар шунавем; Баъд аз он ки посбон «Кистӣ?» гуфта овоз дод, шахси савора «Аз они худӣ» гуфта ҷавоб гардонд; Ҳамин ки аз байни Ҳоит овози тап-тапи сумҳои аспон шунида шуд, сагони қишлоқ ба ав-ав даромаданд... **(Алихуш)**; Баробари қади як найза рост шудани офтоб садои маоси гӯсфандон ҳам дохили кӯҳро фаро гирифт **(Аз газета)**; Дуртар аз майдони кишт ва боғҳо аз байни ҷангалзорҳо овози шағол монанди нолаи модаре, ки гӯё фарзандашро зери хок кардааст, шунида мешуд **(Алихуш)**.

**Машқи 16.** Синонимҳо дар ҷумлаҳои зерин чӣ тафовути маънойӣ ё услубӣ доранд? Дар кадом маврид калимаҳоро бо синонимашон иваз кардан мумкин ва дар кадом маврид имконнопазир аст?

Ин рӯзи фирӯз **дер напоид** ва он соати масъуд **дароз накашид**; Лекин лашкари сафеди Дутов... ба чӣ гуна **харобкорӣ,** ки гурехта бошад, ин ҳам бо ҳамон гуна **вайронкорӣ** мегурехт; Хӯҷаин... фӯтаи анбарбӯро, ки ба миёнаш бастагӣ буд, **кушода** бағалҳои ҷомаи тахпӯшашро, ки чити гулкалони серпахта буд, **яла карда** худро шамол дода-шамол дода рафта ба рӯи кӯрпача нишаст; ...ба болои шаҳсӯфа як ҷуфт гилем **андохта** ва ба тарафи пешгоҳи гилем ду қабат кӯрпача **паҳн карда,** се болишт монданд; Партави офтоби гарм дар мизоҷи олам як **хурсандии** аз одат берун ва як **шодмонии** бемаҳал медод; ...гурӯҳи дигар аз мардумон алафҳои **юнучқа**ро даравида барои **беда** паҳн мекарданд; Баъд аз **ҷустуҷӯ** ва **кофтукови** шавҳараш занак донист, ки Гулнор поён мондааст; Агар **поямон**ро беҷо монем, боғдороне, ки меҳнат мекунанд, **лингамон**ро аз осмон мебиёранд; ...ба **саъи** Қудрат ва **кӯшиши** оқсақол Ҳамробой аз сари келин кардани Гулнор гузашт. Шумо ки ҳокими бозоред ва аз ман закот мегиред, **музди** маро ёфта, **ҳаққи** маро ситонда диҳед;

Ман инро ба ту фаҳмондан мехоҳам, ки ба наздикӣ рӯзи фирӯзи **дохундагон — пойбараҳнагон...** мерасад; Дар хотирҳост, ки Одина модаркалони худ Бибиоишаро як ранг **тасаллӣ** ва **таскин дода** ба сафар баромада буд; Ин **андешаҳо** ва **мулоҳизаҳо** хирмани сабр ва шикебоии Бибиоишаро ба бод медод; Бечора Одина бо ин ҳама сахтиҳо аз хӯҷаин ягон бор забони хуше ва рӯи кушодаеро надид, балки ҳар вақт ки ба ӯ рӯ ба рӯ мешуд, **бесабаб** ва **бебоис** ҷанг, **дашном** ва **ҳақорат** мешунид **(С. А.).**

## Машқҳо доир ба пароним ва антонимҳо

**Машқи 17.** Дар мисолҳои зерин кадом калимаҳо аз ҷиҳати таркиби овозиашон ба ҳамдигар хеле наздиканд? Паронимҳо бо кадом мақсад кор фармуда шудаанд? Оё дар ҳамаи мисолҳо паронимҳо дуруст кор фармуда шудаанд?

Вале ин ҷавонмард ҳам (Анварпошо) ба нияти худ нарасида ҷавонмарг шуд; Бо чашмони ниммурдааш ба рӯи хола хеле синча кард. Дар ҳамон ҷо ду пояшро дароз карда ба рӯи хок шишта гирифт ва ҳамчун кӯдак ба гирья сар кард. Ҳунгидани ӯ аз ҳангидани хӯтукча ҳеҷ монданӣ надошт; Бовар кунед, он чизе, ки шумо виҷдон меномед, ҷиғилдон аст; Нимсолаи якуми соли хониш бо мувофиқиятҳои калон ба охир расид; Шоири ноком дар шароити тиpaву тори замони феодалӣ бо чанд азобу оқибатҳо аз дунъё чашм пӯшид; Ҳазор раҳмат ба духтароне, ки бо қобилии худ, дар меҳнатдӯстӣ намуна будани худ номашонро гирди забони умум мегардонанд; Инак, як суруди дигарро дар иҷрои ҳофизи дӯстдоштаатон ба самти шумо мерасонем; Барои донистани касалиатон пеш аз ҳама назматонро дидан даркор; — Аз дасти меҳнаткашони ситамдида, ки ба даст яроқ гирифтаанд, сари худро саломат гирифта гурехтан ҳам барои амир як зафар аст,— гуфт як одами дигар ва давом кард,— ҳарчанд ҷаҳонгир нашавад ҳам, дар хоки бегонагон дар ба дар гашта «ҷаҳонгард» мешавад; Баъзан вақте ки мурдани падар ва азобҳои аҳли ҷавонии худро, ки дар даври амирӣ дида будам, ба ёд меорам, чунин менамояд, ки ҳар кадоми онҳо монанди тири туфанг диламро шикофонида, аз назарам мегузарад.

**Машқи 18.** Ҷумлаҳоро хонда, калимаҳои зидмаъно — антонимҳоро ёбед ва шарҳ диҳед, ки нависанда онҳоро бо кадом мақсад кор фармудааст.

...ба Дарьяи аз мусибат, аз кашу фарҳаш ғарқи обу арақшуда ва ғамгину бедармон нишаста, ки дар чашмонаш об чарх мезад, нигаристу меҳри модариаш ҷӯш зад ва ба ҳоли ӯ дилаш сӯхта аз бағалаш гирифта бархезонд; — Хез, духтари сафедрӯю сиёҳбахт! **(Р.Ҷ.)**. Ранги зард ба рӯи сурх, ҳазинӣ бо қоҳ-қоҳи баланд бадал шуд. Галстуки сурхи пионерӣ бар салла ва ҷомаи дароз ғалаба кард; Хуб буд, бад буд, ҳар чӣ ҳам бошад, рӯзҳое, ки ҳамроҳи ту гузаронидам, дар ҳаёти бадбахтонаам аз рӯзҳои дурахшонам ва хушбахтам мешуморам **(Ҳ. К.)**; Командир аз саҳни масҷид берун шуда буд, ки қозӣ бо қаҳру итоб ба амакам рӯй овард: — Омии нодон, чаро ба командир арз кардӣ? — Набошад чӣ кор кунам? Шумо ки қозии доно ҳастед, бояд ба доди мани нодон мерасидед, дар он вакт ба пеши командир рафтани ман лозим ҳам набуд **(С. У.)**; Саодат барои мардумони ин қабил намехандид. Хуршеди истиқбол чеҳраи дурахшандаи худро ба онон нишон намедод. Барои онон ҳастӣ зиндон буд. Рӯзи равшан шаби торик буд; Мо дар дарвозаи Шарқи кӯҳансоли шалҳа, аммо ҷавон шудаистода... чунон кишваре ба вуҷуд овардем ва меоварем, ки вай машъали наҷоти садҳо миллион ҳамсоягонамон хоҳад гашт; Ман яктои миллионҳо муборизони далер, яктои армияи бузурги бинокоронам, ки имрӯз мо зимистони қаҳратунро ба баҳори абадӣ мубаддал карда истодаем **(Ҳ. К.)**.

## Машқҳо доир ба мавқеи истеъмоли калима

**Машқи 19.** Дар мисолҳои зерин кадом калимаҳо нодуруст кор фармуда шудаанд? Ба ҷои онҳо кадом калимаҳоро гузоштан мумкин аст? Ҷумлаҳоро таҳрир кунед.

1. Вақте ки ҷанги зидди гитлерӣ хотима ёфт, ба колхозҳо ҷавонон ва махсусан ҷавонони техникӣ бештар даркор шуданд **(Аз газета)**. 2. Ситораи субҳӣ набаромада овози дашном ва фарьёди Мулло Турдибой баланд мешуд **(Алихуш)**. 3. Меҳри халқи тоҷик ба оройиши меъмории бино, маҳорати аз рӯи мантиқ истифода

намудани оинабандӣ дар архитектура бояд мавкеи муайяни худро дар сохтмони меъмории республика пайдо кунад **(ж. «Садои Шарқ»)**. 4. Фурсат ғанимат, як шаб ҳуҷум карда дарой, ҳарчанд нагӯй ҳам, 10—20 асбоб ва як қатор тир ғанимат мегирӣ **(Алихуш)**. 5. Ҳамин вакт бо як чолокии мутаҳайййиркунанда ба кисачаи ӯ даст задаму аз он як чизи мулоимеро кашида гирифтам **(Б. О.)**. 6. Дар кӯчаҳои хурди байни қишлоқ мурдаҳо рӯйдарҳам рехтанд. Поёни қишлоқ аз савора ва пиёдаи душман сиёҳ гардид. 7. Вай милтиқи худро ба дасташ маҳкам дошта дар шаби торик шикамғелон худро ба пастии замини як тарафи қӯрғон пинҳон карда гирифт **(Алихуш)**. 8. ...тақдири ёдгориҳои қадимӣ ба дасти одамоне супорида мешавад, ки лаззати эстетикӣ надоранд **(Аз газета)**. 9. Ҳақиқатан он вакт барои ман ва ман барин касон меҳнат бемуддат ва беҳисоб буд **(Алихуш)**. 10. Зотан дар байни мардумони кӯҳпораҳои аз Ғарм поён коргарони мавсимӣ ва ҳамфикрони Усмон ниҳоят кам ва ҳатто ба дараҷаи ҳеҷ буданд **(Алихуш)**. 11. Падару бобоёни мо дар ҳасрати як панҷа хоки ҳамин гуна заминҳои ҳосилхез буданд **(Аз газета)**.

**Машқи 20.** Дар ҷумлаҳои зерин кадом калимаҳо бемавқеъ кор фармуда шудаанд? Ба таносуби маънои калимаҳо чӣ халал мерасонад (тобишҳои маъной, обуранги эмоционалӣ, услубӣ ва ё хусусиятҳои дигар?) Ҷумлаҳоро таҳрир карда, ба дафтаратон нависед.

1. Мо қарор додем, ки ба барҳам хӯрдани ягон сар ҳайвонот роҳ намедиҳем **(Аз газета)**. 2. Аслан ин кор кори майдаи зиқ бошад ҳам, ман онро хуррамона мекардам **(Ю. А.)**. 3. Мо, деҳқонон, ба кучое ки равем, замин аз они мост. Ҳукумат ҳеҷ чизро аз мо пинҳон намекунад **(Аз газета)**. 4. Дар байни ду шаб тахминан 1500 нафар бекҳои кӯҳнаи махсум Фузайлро... ҷамъоварӣ кардааст **(Алихуш)**. 5. Дар таркиби намояндагони халқи тоҷик артистон, муаллимон ва духтурони мо ҳам буданд **(Аз газета)**. 6. Ин маротиба душман аз таг то боло дар ҷӯйи об тамоку рехт. Оби тезу тунд ба даруни кӯрғон меомад **(Алихуш)**. 7. Вай аз он даме ки Асо дида буд, хеле лоғар ва пажмурда гашта, чашмонаш гирьяолуд ва қавоқҳояш дам кардагӣ буданд **(Ҷ. И.)**. 8. Фақат дар гирди дастурхони меҳмон-

навозӣ ва ё дар хиёбонҳои сабзу хуррами шаҳр иштироккунандагони конференция, вақте ки гурӯҳ-гурӯҳ сайр менамуданд, ҳақиқатро ба воситаи баҳсу мунозира ҳал мекарданд **(Аз газета).** 9. Лекин Усмон намояндагони аз тарафи мири Ғарм фиристодашударо ба ҳабс мегирад ва аспҳояшонро азхуд мекунад. Дар ин қишлоқ баъд аз ду рӯз истиқомат кардан боз қувваро як карда ба ӯрдаи Ғарм ҳуҷум мекунанд. 10. Аз ҳамаи ин сохтмонҳо ва ободонии шаҳр ҷонварҳои ваҳшии ин чӯли собиқ рамида рафтанд .11. Гуруснагӣ низ бо як ҳайбати тамом ғалаба кардааст. 12. Ман... ба мол ва чизҳои хӯҷаин бо чашми нек ва содиқона нигоҳ мекардам **(Алихуш).**

**Машқи 21.** Дар порчаҳои зерин кадом калимаю ифодаҳо нодуруст ва ё бемавқеъ кор фармуда шудаанд? Нависанда унсурҳои лексикию грамматикии кадом услубҳои забонро бо ҳам омехта кардааст?

1. Фарзандам, ҳеҷ як оташи сӯзанда барои модарони меҳрубон чун оташи фироқи фарзанди ҷавонмаргшуда сифати ҷонгудозиро надоштааст. Оташи расмӣ дар муддати кӯтоҳ сӯзандаро сӯзонида ба хокистар табдил медиҳад, вале оташи фироқи фарзанди ҷавонмарг, ки ҳақиқатан сифати ҷонгудозиро дорад, мағзу устухони модаронро дар муддати дарозе сӯхта ва то рафт шӯъла ва алангаҳои худро пурқувват мегардонидааст. Ана, фарзандам, ман муддати се сол аст, ки дар даруни манқали ҳамин оташ месӯзам. Ана ин пичаи ман, ана, торҳои ҷудогонаи вай сафед шудааст, шумо гумон набаред, ки ман пир шудаам, ман ҳам зани ҷавон, вале як умр азоб ва уқубати Махсуми Фузайл маро пир кард...

2. Дар он вақт зулфи ман ҳанӯз сиёҳ буд, дар Лангар — дар гӯристонии қишлоқамон, ки чашмҳои бодоммонанди ду ҷавондухтарро имсол соли сеюм аст, ки кирмон шикофта хӯрда истодаанд. Ҳозир дар болои гӯри онҳо дар баробари байрақчаи сурх як поч мӯи сиёҳ низ овезон аст, ки вай поч мӯи сиёҳи ман аст. Намунаи сиёҳии мӯи сари ман дар болои пояи гӯри духтари ҷавони ман монд, вале ба почи дигари зулфам, ки чун дили ман сиёҳ ва парешон буд, дар муддати ин се сол сафедӣ зад. . .

## Машқҳо доир ба истеъмоли калимаҳои иқтибосӣ

**Машқи 22.** Қалимаҳои иқтибосӣ бо кадом мақсад кор фармуда шудаанд? Чаро онҳоро бо калимаю таъбирҳои дигар иваз кардан мумкин нест?

1. Акнун ба азон ва азонгӯйҳо аз ҳар тараф за..з меомад **(А. Д.)**; Акбар амак ҳам сухани худро ба финали ба шиносон маълуми худ, ки «лаббай, чӣ гуфтед?» мебошад, тамом карда аз ҷой бархост... **(Р. Ҷ.)**; Акнун овози «оркестри» асбобҳои мисину тунукагин ва «хори» азону нолаҳо якбора баланд шуда рафт **(А. Д.)**.

2. — Замона нотинҷ шуда монд. Набошад, ин қадар саллоту палиса дар ин ҷо чӣ кор мекунад? Чӯб омада боз ба сари мо, бечораҳо, мешиканад гуфта метарсам.

— Илоҳӣ дар паноҳаш нигаҳ дорад. Мегӯянд, ки худи пирсуф омадаасту ҳамаи фуқарои хурду калонро ба Шӯроб ҳай карда бурда ба ангиштковию ангишткашонӣ меандохтааст.

— Ҳа, ман ҳам шунидам. Мегӯянд, ки агар фуқаро гарданшахӣ кунад, худи губур омада ҳамаро аз дами теғ мегузаронидааст.

— Ҳамаро нею ману шумо барин қашшоқи моламяшшоқро будагист. Гӯр ба сари губураш **(Р. Ҷ.)**.

3. Мулло ба миёнҷо расид, ӯро ба рӯи чорпояи хеле баланд баровbooарданд ва ӯ ба издиҳоми салла рӯ овард:

— Айюҳаннос! Эй халқи Бухорои шариф ва эй фуқароҳои ҷонсипори аълоҳазрат!

Одами миёнасоли гандумгуне, ки дар сар саллаи хурди чиркин ва ҷомаи дарида дар тан дошт, ба шахси қаддароз ва бесаллаи ҳамлибоси худ нигоҳ карда оҳиста пичиррос зад:

— Бемаънигӣ аз ҳамин ҳам зиёд мешавад-мӣ? Наход ки одам барои нос талабидан ин қадар халқу халоикро ҷамъ кунад?

— Аз куҷо медонед, ки вай аз одамҳо нос талаб мекунад? — бо тааҷҷуб пурсид одами қаддароз.

— Худатон магар нашунидед, ки болои минбар баромадан ҳамоно «эй ҳой нос!» — гуфта фарьёд зад?

— Ин тавр бошад, барои лашкари амир нос нарасида мондагисту акнун амалдорони вай аз мардум носпулӣ ҳам рӯёндани будагиянд... **(Р. Ҷ.)**.

4. — Марусяҷонам,— гуфт директор бо оҳанги таваллo,— извините, гарчанд шумо кушода шудаед, боз

ман аз таъназои дӯсту душман сар бардошта наметавонам. Онҳо ба ягон производство рафта кор кардани шуморо ва ё лоақал ба собранияҳои коргар ва коргарзанон рафта, участиват кардани шуморо талаб мекунанд. Ман, албатта, ба дастҳои булурин ва рӯи махтоби шумо чангу гарди производство шиштанашро пазволить карда наметавонам. Танҳо аз шумо хоҳиш карда метавонам, ки как экскурсия баъзе вақтҳо ба собранияҳои коргарон ва коргарзанон участиват карда истед (Б. А.).

**Машқи 23.** Дар кадом мисолҳо калимаҳои иқтибосӣ бо мақсади муайян кор фармуда шудаанд? Онҳо кадом вазифаи услубиро адо мекунанд? Оё ҳамаи калимаҳои иқтибосӣ дуруст кор фармуда шудаанд ва ба нормаи забони адабӣ мувофиқат мекунанд?

1. Имрӯз ҳам Коваленко дар ҳамин ресторан абед кард ва мунтазири афициант шуда орунҷи худро ба болои устал ниҳода, ба он бутилкаҳои холии арақ ва пива... синча мекард. 2. — Қариб ҳар рӯз баъд аз кор маҷлис аз паси маҷлис.— Момент ҳаминро талаб мекунад,— гуфт Александров. 3. Рафиқ раис, дар он вақт шумо набудед... Дар он вақт шумо дар Фарғона рабочик будед. 4. Эшони Бузрукхон фатво додаанд, ки истеъмоли оби вадапровод макрӯҳ аст. 5. Кампир рӯи суфра барин ҳавлӣ дошт. Ҳар рӯз як маротиба ин участкаашро давр зада мебаромад. 6. Нашъунамои хуби растаниҳои пахта аз ҳосили фаровон дарак медиҳад. 7. Шамсибойбача... аз бой ароз карда, ба қатори шумо рафта, колхозчӣ шуда гаштааст. 8. Агар пуламро ёфта надиҳӣ, дигар аз рӯзи рӯшноӣ умед накун. Сургун карда ба Сибирь мефиристонам. 9. ...агар пулу хилебҳои шумо намешуд, ман ба организми худ ба қадри лозимӣ витамин дода наметавонистам, агар ба қадри лозимӣ витамин намедодам, ин хел йигити пойдароз намешудам...

**Машқи 24.** Мисолҳоро хонда, муайян кунед, ки кадом ифодаҳо бо таъсири забонҳои дигар ба миён омадаанд? Кадом калимаю таъбирҳо қобили қабуланд ва кадоми онҳо қобили қабул нестанд? Ғалатҳои услубии ҷумлаҳоро ислоҳ карда ба дафтар нависед.

1. Вай ҳамаи корҳои тайёриро бо диққати махсус гузаронд. 2. Мо чунин ҳиссиётро надошта наметавонем. 3. Имрӯз Ғарми шӯроӣ бо қурбониҳои худ

хушбошад мекард. 4. Ин воқеаи аз одат берун боз бо як ҳодисаи дигар гуселонида мешуд. 5. Имрӯз мо ба шаҳри Самарқанд чоррӯза ташриф меорем. 6. Бо самолет территорияи Тоҷикистонро тамошо мекунем. Он гоҳ аз баландие, ки дар он ҷо паррандаҳо парвоз мекунанд, мебинем. 7. Ҳозир мо нафаскашии химияи калони республикаро ҳис карда истодаем. 8. Замини пурнозунеъмат дар оғӯши сабзаю себаргаҳо нафас мекашад. 9. — Сеньёрҳо, ман аз шумо як дақиқа диққататонро мепурсам. 10. — Ин кори ту нест! — дод зад пристав.— Қори худатро дону ба кори дигарон фукатро натиққон. 11. Ҳамаи аломатҳо ба он далолат мекунанд, ки дар Шӯроб социал-демократҳои вайронкор, ташкилоти онҳо ҳасту саркардаи онҳо, ба ҳар эҳтимол, худи Аверченко аст, ки ҳоло шумо дастгир карда натавонистаед ва, шайтон медонад, вай дар куҷост,— гуфт пристав **(Р. Ҷ.)**. 12. Баъд ҳаминро аз ёд набароред, ки ин сартҳои ваҳшӣ ба чарми пошнаи солдати рус ҳам намеарзанд **(Ҳ. К.)**.

## Машқҳо доир ба истеъмоли калимаҳои гуфтугӯӣ ва шевагӣ

**Машқи 25.** Унсурҳои шевагӣ дар мисолҳои поён кадом вазифаи услубиро адо мекунанд? Дар тасвири нависанда ва нутқи қаҳрамонҳо бо кадом мақсад истифода шудаанд?

Мӯйҳои сафедаш аз таги уребчааш пага-пага шуда баромада истодаанд **(Ҳ. К.)**; Бача ҳиқ-ҳиққунон: лойда... партофт. Ана ита-ита лагат кард,— гӯён почаҳои лойолудашро бар замин кӯфта чӣ гуна поймол карда шудани саракҳоро нишон дод **(С. У.)**; Босмачиён мехостанд бо ин ҳуҷум Сергейро бо рафиқонаш охиран дастгир кунанд, вале дар атрофи қӯрғон дар нимаи шаб аз ҳар тараф чун оташак ҷарқа зада мегузаштанд **(Алихуш)**; — Бувоҷон, мана хафа карданба дилатон мешавад-мӣ? — Не, чува дилам мешудааст! — Биё, ҳамту ки бошад, на ман туя озор медиҳам ва на ту мана **(Ҳ. К.)**; Дид, ки воқеан ҳам дар он ҷо марди нимбараҳнае почакӣ сохта (оташдони муваққатӣ аз санг) алов карда чизеро дар аланга тоб дода нишастааст **(С. У.)**; Шаб дар канори дарьё гоҳо боло ва гоҳо калапо омада, барои ёфтани гузар кӯшиш мекар-

дем **(Алихуш)**; — Саидалӣ «Боғи Мир»-ро лағат кард, — хабар дод ӯ. — Қаровулонро зад, банд кард. Худаш қатии одамонаш чизу чораи мирро толон карда истодааст **(С. У.)**; Ӯ ҳайрон шуда хост, ки чашмашро молиш диҳад, аммо дасташ боло намерафт. Аз ин ҳубдур гаранг шуда монд **(Ҷ. И.)**; Бибиробиа ду-се дақиқа гап назада ба меҳробтокчаи хона синча карда истод. Ниҳоят ба духтараш нигоҳ карда: «Духтарам, сандуқа кушода, бӯғчаи шолфара гир»,— гуфт **(Ҳ. К.)**; — Не, мулло Раҳмат, акнун мана ин дафъа шумо фиреб дода наметавонед,— гуфт Маҳтобхола...— Ин паттаҳотона ман намегирам. Ун вақт ман ҳеҷ чия намедонистам, акнун ман ҳам чала-чулпа саводнок шудагӣ... **(Ҳ. К.)**.

**Машқи 26.** Калимаҳои гуфтугӯии бо ҳарфҳои сиёҳ чопшуда бо кадом мақсад кор фармуда шудаанд? Онҳоро бо кадом калима ё таъбири адабӣ иваз кардан мумкин аст?

Қади симчӯб барин дарози **қоқ**, ҷоғҳои лоғари пӯсту устухонашон ба ҳам часпида, ранги мисли ранги шуш **кандагӣ** ва риши тунуки аз дуди кӯкнорхона зардшудагии эшон бо пӯстини **исликии** ба сар пӯшидагиаш аҷаб намуди хандаоваре дошт **(А. Д.)**; Раҳими қанд зери лаб ғур-ғуркунон **«исқит, мурданӣ»** гӯён ӯро дашном дода монд **(С. А.)**; Аз қанд ва обидандонҳои ӯ якдонагӣ гирифта, **ба даҳонаш зад (С. А.)**; Вақте ки ду-се қамчини ободор ба сағрияш **шинондам**, асп ба ҷавлон омад **(С. А.)**; Шайхони **хираи** мазор ҳам «назру ниёз» **меғундоштанду** ҳам «насиҳати падарона» мекарданд; — Ба ин одами **бепоиқадам** лаънат намегӯӣ, аблаҳ!; Пиразанони **серманаҳ** ҳам гӯш меандохтанд **(Р. Ҷ.)**. Ногаҳон пардаҳои гӯшҳои мо **ғип** гирифт **(Алихуш)**; Чунки панҷ сол пеш дар вақти мудири хоҷагии артели бофандагӣ буданаш беэҳтиётӣ карда **мисаш баромада буд**; Сарлавҳаи ин ҳикоя **(«Бо хирадмандон...»)** ба назари хонанда, албатта, ногаҳонӣ ва думбурида менамояд. Аммо ин айби нависанда нест, балки худи ҳикоя бо ҳамин номи **нимдумбул** таваллуд ёфта, дар байни як гурӯҳ ошноёни ман машҳур шуда будааст **(А. Д.)**; Ин саркорҳои калонро **«дамхӯр» карда** мондан зарур буд; Ман ба шумо гуфта будам-ку, ин бача аз бачаҳои **ҳузарби** колхози мо буд; Ҳатто шахсе ниҳоят **хит шуда**, барои ин ки танбеҳи ин беадабро диҳад, ба вай мушташро нишон дода монд; Духтари

Бекмуҳаммад, Бибимоҳи **кафиширхӯр** паризоди замон аст; — Рӯи вай **гунгро** мурдашӯ шӯяд, бадбахт маро фиреб додааст, ба ҷои пул ба ман **паттаҳо** додааст **(Ҳ. К.)**; Худашон **каллаи азон** катӣ ба корашон гум шуда мераванду бегоҳӣ ки гашта омаданд, дар таги манаҳи ана ҳамон **мошини картинка** шишта фақат **ҳараллаю тaралла** — тамошо **(А. Д.)**.

## Машқҳо доир ба истеъмоли калимаҳои кӯҳнашуда ва неологизмҳо

**Машқи 27.** Чаро дар мисолҳои зерин калимаҳои кӯҳнашудаpo бо калимаҳои дигар иваз кардан мумкин нест? Вазифаҳои услубии архаизм ва калимаҳои таърихиро шарҳ диҳед.

1. Дар моҳи **саратон** (июль) дар рӯзи **«фасх»** (рӯзест, ки баъди он зиёд карда гирифтани пули иҷора бекор карда мешавад) ин кас, Назарбой ака, омада ҳамин **вақфро** ба бадали панҷоҳ ҳазор **танга** ба иҷора гирифтанд, ба ҳамин шарт ки ёздаҳ ҳазор нақда диҳанд ва панҷ ҳазор ҳам **«мақбуз»** (маблағи нагирифтагиро гирифта ҳисобидан) шавад **(С. А.)**. 2. **Домулло** дар **масҷиди** маҳалла **имоматӣ** ва **мактабдорӣ** мекард. Ба **«қульё»** қӯймоқ, ба **«изоҷо»** эзор, илова ба ин **нони панҷшанбегӣ, китобдароён, ангишту бӯрьёпулӣ** ва ғайра манбаъҳои даромади **домулло** ҳисоб мешуданд **(Р. Ҷ.)**. 3. — Модом ки ман заминҳоямро бо **васиқаи қозӣ** ба шумо **гарав** медиҳам, боз **заркафил** барои чӣ даркор аст? 4. Ин саллаи ман саллаи **йиртишгирӣ** аст — гуфт қорӣ дар ҷавоб,— вақте ки бо ин салла ба сари дафни мурдагон ҳозир мешавам, ба ҳар кас як **оршин йиртиш** диҳанд, ба ман ду **оршин** медиҳанд **(С. А.)**. 5. **Эшони** Бузрукхон **фатво додаанд,** ки истеъмолаш (об) **макрӯҳ**. 6. Лекин нафси балохӯри ӯ ба ҳамаи ин қаноат намекард. Бинобар ин ӯ андак **дуохонӣ**, камтар **талояю қуръапартоӣ** ва дар байни онҳо табибӣ ҳам мекард. Доруҳои ӯ: **«ҳуббул-малик», «даҳони фаранг», «санои макка»** ва ғайра аз тарафи шаҳру қишлоқҳои атроф номаълумона бисьёр одамонро аз ин дуньё ба он диньё равона карда меистоданд **(Р. Ҷ.)**. 7. Баъд аз эъломияи **миршаб закотчии амир,** ки аз қиёфааш мансабдори мутакаббир ва бадҷаҳле менамуд, бо лаҳҷаи бухории худ ба сухан даромад... — Бинеду ибрат ги-

ред, фуқаро! — бонг зад ӯ. — **Хироҷу закотӣ султониро** надоданба ҳаракат карда, бадкирдорӣ ва ёғигӣ мекардагиҳоро мо ана ҳамин тӯр сазой мекунем **(С. У.)**.
8. — Завҷаи мӯҳтарами ман, Бибӣ Шарофат **бинти** Мулло Ашраф,— ӯ кӯтоҳ-кӯтоҳ нафас мекашид, суханашро канда-канда мегуфт, вале ба расму одати қироат хилоф намекард,— худованди таборак ва таоло **қобизи арвоҳро** ба ин ҷо роҳӣ намудааст, ки маро аз **дорулбақо** ба **дорулфано** реҳлат кунонад **(Р. Ҷ.)**.

**Машқи 28.** Калимаҳои «танзил» ва «рибо» дар матни зерин бо кадом мақсад кор фармуда шудаанд?

— Ту ҳанӯз бачаи нодон ҳастӣ. Гарму сарди дуньёро надидаӣ ва намедонӣ, ки пул аз куҷо мерӯяд ва чи гуна ба даст медарояд. Дониста бош, ки дар дуньё пули бекор нест. Ба касе дар муддати дароз қарзулҳасана намедиҳанд. Ҳамон даҳ тангае, ки Арбоб ба мурдаи падарат хайр кардааст, ҳар моҳе як танга фоида мезояд.

Мулло Хокироҳ сухани мӯйсафедро бурида:

— Фоида нагӯй, **танзил** бигӯй! — гуфта луқма дод.

Мӯйсафед ба сухани худ давом карда:

— Хуб,— гуфт,— ба қавли домулло гӯем, ҳар даҳ танга ҳар моҳе як танга **танзил** дорад, имсол, ки соли панҷуми қарздории туст, аз ғайри тани пул ба ҳисоби фоидаи он...

Ин дафъа Мулло Хокироҳ сахт шӯрида:

— Гӯш дорӣ? Як бор ба ту гуфтам, фоида нагӯ! — гуфт.

Мӯйсафеди дигаре ба гап ҳамроҳ шуда ба Мулло Хокироҳ гуфт:

— «Ғараз аз тушбера — гӯшт хӯрдан» гуфтаанд, хоҳ фоида гӯяд, хоҳ **танзил** мақсад он аст, ки болои даҳ танга моҳе як танга зиёд мешавад. Барои ин ҷанҷол лозим нест, домулло!

— Чаро лозим нест,— гуфт Мулло Хокироҳ,— фоида яъне **рибо** аст, **рибо** дар шариат бешак ҳаром аст, бинобар ин ҳар гоҳ судхӯрони тақводори Бухорои шариф барои «ҳоҷатбарории мардум» фоида хӯрданӣ шаванд, номашро **«танзил»** меноманд.

— Худат,— гуфт мӯйсафед,— судхӯрӣ карданӣ шавӣ, **«танзил»** гуфта хӯрдан гир, Арбоб мисли мардуми Бухоро тақводор нашудааст ва аз фоида гуфта хӯрдан

ҳам рӯй намегардонад, агар фоида ҳаром бошад, бо номашро **«танзил»** мондан ҳалол намешавад. Беҳуда ба ҷои «фоидаи» аз падару бобо шунида омадаамон сухани номаълум **«танзил»**-ро оварда чӣ мекунӣ? **(С. А.)**.

**Машқи 29.** Дар матнҳои зерин кадом калимаҳо бо тозагӣ сохта шудаанд? Онҳоро адибон бо кадом мақсад кор фармудаанд? Роҳҳои сохта шудани калимаҳои нав — неологизмҳои услубиро эзоҳ диҳед.

1. Зебу зинат дар диёри мо чунон бисьёр шуд, Қ-осмон ҳам бар сари инсон латофатбор шуд **(М. Т.)**. 2. Дар ғамистон, дар биёбони қазоқ, Дар муҳити мавҷҳои реги тасфони қазоқ... **(М. Қ.)**. 3. Ба зоҳир одаму даррандаботин, Лабаш дар хандаю дил хонаи кин **(М. Т.)**. 4. Ман ки дилбинам, ба чашми дил назар меафканам, Ман ба ҳар торе чу тори қалб нохун мезанам **(М. Қ.)**. 5. Зимистон буд. Аз теғаи кӯҳҳо сар карда то сатҳи наҳрча тамоми ҷойҳои қишлоқи С-ро сап-сафед барф пахш карда буд. Осмонро монанди пардаи хира абрҳои яклухт пӯшида буданд. Аз қабати ин абрҳо моҳ бемадорона ба ин барфистон рӯшноӣ меафканд **(Ҳ. К.)**. 6. Гулхандаҳо мекарду гул ба об мефиканд, Тифле ба об гавҳари ноёб мефиканд **(М. Қ.)**. 7. — Аз бозе ки ҳамон мусофири бемор ба ҳавлии мо омад, ҳамаи кӯрпа ва болишҳои ман шабушзор шуд **(С. А.)**. 8. Аҳмад «аз гап гап мебарояд» гуфтагӣ барин оташи ғазабдони ӯро тит карда монд **(Ҳ. К.)**. 9. Ин манзараҳоеро, ки тамошо кардед, бе сарфи назар ва бе ранҷи дасти касе қуввати табиат рӯёнда, ба ин обу ранги ҳушрабо ҷилва кунондааст **(С. А.)**. 10. Мо ин сарзамини худамонро... ба роҳатхонаи дусад миллион фарзанди одам мубаддал гардонидем **(Ҳ. К.)**.

## Машқҳо доир ба такрори калима

**Машқи 30.** Калима ва ибораҳои бо ҳарфҳои сиёҳ навишташуда бо кадом мақсад такроран кор фармуда шудаанд?

1. Одина аз пеши Сангин ба хонаи худ **баргашт**, лекин бо як алам, маъюсӣ ва ноумедӣ **баргашт (С. А.)**. 2. То ба сар шудани кор ҳоло вақт бисьёр аст, ҳоло **шаб** давом дорад, **шаби** бехобӣ, **шаби** танҳоӣ, **шаби**

фикру хаёлҳои бисьёре **(Ҷ. И.).** 3. **Ман наям** бегона дар ин сарзамин, **Ман наям** дур аз диёри дилнишин, **Ман наям** беошьён паррандае, **Ман наям** дар лаб тасодуф хандае **(М. Т.).** 4. Ҳоло вай аввалин бор дар умри худ андеша карда донист, ки дар ҳақиқат **метарсад,** аз ҳаёт **метарсад,** аз одамони оддӣ **метарсад,** аз муаллимҳо, аз ҳисобчиҳо, аз тракторчиҳо, аз занҳои шоду хурсанд, ки аз саҳроҳои колхоз сурудхонон бармегаштанд, **метарсад (Ҷ. И.).** 5. **Одина** ба се сӯм барои бор кардани колаи худ маркабе харида, бист тангаи нақдаи бухориро ба миён баста бо қофилаи муздурон **ба роҳ баромад. Одина ба роҳ баромад,** аммо дилаш аз ғояти изтироб аъзои баданашро дар ларза андохта буд... **(С. А.).** 6. Ман... ба дарди дил оғоз намудам. Ҳамин ки **гуфтаму гуфтаму гуфтам...** Ҳеҷ чизро аз вай руст накарда **гуфтам (Ҷ. И.).** 7. **Душман! Душман** монанди мурғи посӯхта дар даву тоз аст. **Душман** ҳамчун саги девона ба кӣ часпиданашро намедонад. **Душман** деводавор мечаспад **(Ҳ. К.).** 8. Духтар дар ҳини хиромидан **як нигоҳи** тунди муассире ба сӯи Аҳмад **кард...** Бале **ин нигоҳ аст,** ки хонаи дилу динро барбод ва сарвати ақлу ҳушро ба ғорат медиҳад. **Ин нигоҳ аст,** ки дар ҳар самти дунъё фарҳодҳо, вомиқҳо, маҷнунҳоро ба зуҳур оварда, аз асари худ дар ба дару парешон сохт **(П. С.).** 9. Зимистон намерафт ва баҳор намеомад, гумон мекардем, ки хунукӣ, рутубат, барфу борону шамол **поён надоранд,** нимторикии козаи мо, гирьяи Мухтори хурдтарак, дуди бехи ҷуворимакка, номи оқшоқ, хобҳои воҳиманоки модарам **поён надоранд,** сарсониҳои падарам дар ҷустуҷӯи ризқи аёлу фарзанд **поён надоранд (С. У.).** 10. Баъд, мебинам, ки сару либосатон ҳам хуб... **хӯш ки бошад,** ба шумо як кори нағз ёфтам... **хӯш ки бошад,** ба ин кор барои он шуморо тавсия мекунем, ки ҳам ман ва ҳам директор ба ахлоқ ва одоби шумо, ба хоксорӣ ва дониши мушо боварӣ дорем **(Ҷ. И.).**

**Машқи 31.** Дар кадом маврид калимаю иборaҳо бо мақсади муайян такрoран кор фармуда шудаанд ва дар кадом маврид бемавқеъ. Ҷумлаҳоро таҳрир кунед.

1. Се нафари дигарашон дигар ба ақиб нигоҳ накарда тӯғрӣ сӯи рӯд гурехтан гирифтанд **(Ҳ. К.).** 2. Ҳамин бародар буд, ки Искандари сағир ва бекасро, Ис-

кандари нотавон, Искандари кӯдакро саришта кард ва тарбия намуд (Ҷ. И.). 3. Чашми шӯхаш айни ноз, абрӯи мушкин нози маҳз, Ин чӣ тӯфон аст, ё раб, ноз бар болои ноз (Ҳофиз). 4. Ҳар як коргари дар ин ҷо кор мекардагӣ аз сидқи дил кор карда, баҳри обрӯ ва сарбаландона иҷро кардани вазифааш кӯшишу ғайрат мекунад (Аз газета). 5. Ин қӯшуни беяроқ... ҳар як қадамро бо ҷанг, бо ҷанги шадид, бо хун, бо хуни латифҳо, алиҳо, назарҳо пас мегирифт (Ҳ. К.). 6. Ин хатро ба ту модарат, модари меҳрубонат, ки туро аз ҷони худ азизтар медонад, модари ҷоноҷонат, ки шабҳои дарози зимистонро дар сари гаҳвораи ту рӯз кардааст, ...менависад (Ҳ. К.). 7. Шарафи кор Одинасаркорро дар байни мардум бошараф гардонд (Алихуш). 8. Ҷунбиши ин баҳри сиёҳ моро аз он таърихи сиёҳи нисбатан дуртар ба рӯзҳои сиёҳи қадре наздиктар овард (С. А.). 9. Аз сари яке аз сарҷӯйҳое, ки об аз он ба ҷӯйҳои майдаи пахта тақсим шуда меравад, шӯълаи каланде пасту баланд шуда меравад. Ин шӯълаи каланди Одинасаркор — аъзои колхози «Ҳаёти нав» буда, ба шӯълаҳо ва манзараҳои имшаба омехта шуда, истодааст (Алихуш). 10. Мо ҳам Ҳоҷӣ Абдулазизро дар инҳисори бойҳо гузошта, бо дилҳои кашол аз базмхона баромада рафтем. Аз базмхона баромада рафтем, аммо мисли он ташнае, ки ба сарчашмааш бурда, об надода боз гардонда бошанд ва ё монанди он гушнае, ки аз хӯрдани таоми тайёр маҳрумаш карда бошанд, ҳасрат мекашидем (С. А.). 11. Ба воситаи машинаҳои қудратнок, ки дарахтони озорнадидаро аз ҳавлиҳои кӯҳна ба ҳавлиҳои нав мекӯчонданд, қудрати техникаи советиро намоиш медиҳад (Аз газета). 12. Ҳар як кишвар метавонад роҳбареро сафарбар кунад, ки ӯ лаёқати ба ин кор ҷалб намудани ташкилотҳои дахлдоштаро дошта бошад (Аз газета).

**Машқи 32.** Дар мисолҳои зерин кадом калимаю иборахо такрор шуда омадаанд? Ғалатҳои услубии ҷумлаҳоро ислоҳ карда ба дафтаратон нависед.

1. Ӯ ба мо дар бораи чӣ хел нигаҳ доштани китоб, дар бораи ба китоб бо эҳтиром муносибат кардан гап зад. 2. Издиҳом бодиққат гӯш медод — он одам хоҳиши издиҳомро ифода мекард, издиҳом инро ҳис

менамуд. 3. Лекин агар хато накунам, барои усто Зокир ин шаб дар солҳои охир нохуштарин шабе буд, ки ӯ имшаб соате ором нахобид. 4. Диктори радиои Москва хушхабари тозаеро сар то сари мамлакат паҳн кард. Ин хушхабар дили ӯро шоду масрур гардонд. — Вақте ки ин хушхабарро шунидам, аз шодӣ сарам ба осмон расид. 5. Нӯҳ сол пеш худи ӯ ҳам бетаҷриба буд. Он вақтҳо таҷрибаро аз дигарон меомӯхт, акнун худ ба дигарон таҷриба меомӯзад, таҷрибае, ки ба ранҷу азоби беҳад ҳосил кардааст. Акнун ӯ медонад, ки дар вақти раъду барқ ва бӯрони пуршиддат ба таваккал не, балки ба таҷрибаи ҳосилшуда такья кардан лозим аст. 6. Абрҳои тирае, ки оҳиста-оҳиста ҳаракат мекарданд, бузург ва вазнин буда, дар торикӣ даҳшатангез буданд ва гӯё бо вазнинии худ одамро ба маҷақ кардан тайёр буданд. 7. Қӯрбошӣ ҳамроҳи йигитҳояш, ки имрӯз ё пагоҳ меоянд, ҳамагӣ шаш нафаранд, монда шуда меоянд. 8. Коминдир гап намезад, балки гӯё гап намезаду аз пулемет беором тир холӣ мекард. 9. Ҳар як асари эҷодкардаи Айнӣ намунаи барҷастаи забони ширин, соф, равон, оҳангдор ва таъсирбахши забони адабии тоҷик мебошад. 10. Маълум шуд, ки сафедон пеш аз ақибнишинӣ ҳамаи онҳо, яъне шаст касро аз шаҳр ба масофаи се километр бовардa, дар лаби чуқурие гузошта ҳамаашонро тирборон кардаанд. 11. Боғу токдорони мо нигоҳубини боғу токзорҳоро нағз ташкил намудаанд.

**Машқи 33.** Калимаю таъбирҳои забонзадаро, ки бо ҳарфҳои сиёҳ чоп шудаанд, бо калимаю ифодаҳои ҳаммаъноящон иваз намуда, ҷумлаҳоро таҳрир кунед.

Мо ҳамагӣ бо як **диққати** тамом ба суханҳои роҳбари ячейкаамон рафиқ Раҳмонов **диққат** мекардем; Душманон дар атрофи шаҳрчаи Ҷиргатол ҳар **тараф** гулхан зада, аз **тарафи** гулханҳо якта-якта тир холӣ мекарданд; Дар баробари он ки бисьёрии ҳуҷумкунандагон бо **аслиҳаҳои** ғайри такмил **аслиханок** шуда буданд, Усмон ва гурӯҳи пешқадами онҳо дар ҳол бо як қатор асбобҳои ҳарбӣ... мусаллаҳ гардида буданд; Аммо ин **гирья** ва **нолаҳое**, ки дар назди мо барпо шуда монд на монанди он **гирья ванолаҳое** буданд, ки дар назди босмачиён аз тарафи ин мардумони ситамкашида барпо карда мешуд; Аз болои ҳамин пан-

ҷараҳои иморат **баромада** Сангин партизан ба сухан **баромад**; Мардумони пароканда ва азодор бо як зудии **тамом** ба атрофи панҷараҳои иморат ҷамъ омада ва бо як диққати **тамом** ба суханҳои вай гӯш доданд; Мо ҳам шамшерҳоямонро аз ғилоф бароварда, ба **тарафи** дастае, ки аз **тарафи** қафо ба мо **ҳуҷум** мекард, ба **ҳуҷуми** ҷавобӣ гузаштем; Иртиҷоиён ба сифати **махфӣ** бо қишлоқҳои Ғарми поён ва Обигарм алоқаи **махфӣ** баста,... оммаро ба тарафи худ кашиданд **(Алихуш)**.

**Машқи 34.** Дар ҷумлаҳои зерин такрори ҷонишинҳоро чӣ тарз бартараф кардан мумкин аст? Ҷумлаҳоро таҳрир карда, ба дафтаратон нависед.

1. Бояд дар бадали ин ҳама ғоратгариҳо, беномусиҳо ва хунрезиҳое, ки вай ташкил додааст, мо бо ёрмандии шумо вайро ба ҷазо дучор кунем **(Алихуш)**. 2. Аммо дарҳол натавонист, ки ба сари мурда равад, аз касе, ки хабари мурдани модаркалонашро ба вай расонида буд, хоҳиш кард, ки ин хабарро ба хӯҷаини вай ҳам расонад ва аз вай илтимос кунад, ки ягон касро ба чарогоҳ фиристонад, то ки ӯ рамаро ба вай супорида ба сари мурда равад **(С. А.)**. 3 Табақаи амалдорон, ки «ғазои худой» барои онҳо, ба қавли шариат, «фарз» буд, онон ҳатто қисман акси ин рафтор карда ба ҷои ин ки худ ва ё фарзандони худро ба ғазо бифиристанд, баъзе камбағалонро... ба ғазо мефиристанд. 4. Ӯ барои зудтар ба анҷом расонидани мақсади худ аз тамоми имкониятҳо истифода бурда, роҳбарии худро ба рафиқони худ расонида меистод **(Алихуш)**. 5. Ӯ ба деҳаи худ баргашта, ба ҳамқишлоқиёни худ аз дидаю шунидаи худ нақл кард **(Аз газета)**.

**Машқи 35.** Матнҳоро бо ҳамдигар муқоиса карда эзоҳ диҳед, ки нависанда дар ҳангоми таҳрир бо кадом мақсад ба ҷои як калима ё ибора таъбири дигареро кор фармудааст.

| | |
|---|---|
| 1. Оби дидаҳо бемалол рӯйҳои парчини холаро шустан гирифтанд. | Ашкҳо рухсори пур аз оҷингашро шуста ба монанди донаҳои марворид ба рӯи синааш шорида мерафтанд. |

| | |
|---|---|
| 2. Яке аз лочинҳои аввалини ин галаи ваҳшӣ бо майли ба даст даровардани сайде аспашро тӯғрӣ ба юнучқазор ронд. | Яке аз калхотҳои аввалини ин галаи ваҳшӣ бо майли ба даст даровардани сайде аспашро рост ба юнучқазор ронд. |
| 3. Донистам, гунаҳкор ҳамон мӯйсафеди одамнажод, аммо ҳайвонтабиат будааст, донистам. | Донистам, гунаҳкор ҳамон мӯйсафеди одамсурат, аммо ҳайвонтабиат будааст, донистам. |
| 4. Вайронии ҳавои ин оғилхонаи пештара, дуди пай дар паи папирос ва чилим аз хушбӯии баҳор шаммаеро ҳам намонда буд. | Вайронии ҳавои ин говхонаи дирӯза, дуди пай дар паи папирос ва чилим аз бӯи хуши баҳор шаммае ҳам боқӣ нагузошта буданд. |
| 5. Назар ба доклади рафиқ Ворошилов маро нагиранд даркор. Чунки дар оилаамон се одами аз ӯҳдаи кор намебаромадагӣ ҳаст. | Назар ба доклади рафиқ Ворошилов маро нагиранд даркор. Чунки дар оилаамон се одами аз дасташон кор намеомадагӣ ҳаст. |
| 6. Бараҳнагӣ ба ҳардуи инҳо он қадар таъсир намекард. | Он вақтҳо нимбараҳнагӣ ба ҳардуи инҳо он қадар таъсир намекард. |
| 7. Аз рутубат ранги зарди чакмани пиёзии он сиёҳча метобид. Аз нӯги рӯймолаш чак-чак об мечакид. | Аз рутубат ранги зарди чакмани пиёзии лахлахаи ӯ сиёҳча метобид. Аз нӯги рӯймолаш чик-чик об мечакид. |
| 8. Андак поймониро ёд гирам, албатта ба ҳукумат рафта таслим мешавам. | Поям сиҳат шавад, албатта ба ҳукумат рафта таслим мешавам. |
| 9. Дар вақти ба коғаз синча кардан дар чеҳраи раис чанд ҳолатро хондан мумкин буд. | Дар вақти ба қоғаз диққат кардан дар чеҳраи раис чанд ҳолатро пай бурдан мумкин буд. |
| 10. Ва акнун бекафш ва фақат тани курта будани худро ҳис намуд. | Фақат акнун пойлуч ва тани курта будани худро ҳис намуд. |

**Машқи 36.** Порчаи зеринро хонда, шарҳ диҳед, ки дар истеъмоли калимаҳо чӣ гуна ғалатҳои услубӣ содир шудаанд ва онҳоро чӣ тарз ислоҳ кардан мумкин аст.

Шаб ним шуда аз пушти қишлоқ садоҳои милтиқ ва шиҳаҳои асп аз кӯчаҳо ба гӯшҳо мерасид. Мардумон қисме ҳар тараф гурехта пинҳон шуда, як қис-

машон дар хонаҳои худ буданд. Бачагони хурдсоли гаҳворагӣ дар ҳар як шунидани садои милтиқ дод зада ба гирья медаромаданд. Дилҳои мардум метапид. Занони ҳомила худро нигаҳдорӣ карда наметавонистанд. Бисьёрии босмачиён ба шаҳр даромада, аввал ба қӯрғон хучум карданд. Онҳо мехостанд бо ин хуҷум Сергейро бо рафиқонаш охиран дастгир кунанд, вале дар атрофи қӯрғон дар нимаи шаб аз ҳар тараф чун оташак ҷарқа зада мегузаштанд. Босмачиён ба гирифтани қӯрғон дар ин ҳуҷум муваффақ нашуданд. Вале дар шаҳрча дар як шаб хеле вайронкориҳо ташкил доданд. Тӯхтанбои қирғиз, ки дар пеши қӯрғон аз синааш тир хӯрда ба замин афтода монд, бо вуҷуди он маргро қабул намекард. Вай милтиқи худро ба дасташ маҳкам дошта дар шаби торик шикамғелон худро ба пастии замини як тарафи қӯрғон пинҳон карда бошад ҳам, даст ва панҷааш ба пар-ронидани тир ва чашмони танги хунинаш ба гирифтани нишони қисми касон қувват доштанд. Вай оҳистаоҳиста ба пастӣ хазида худро аз тир ғоиб кард.

Имшаб низ Сергей қӯрғонро бо рафиқони худ маҳкам дошта, душманро ба комилан ғалаба кардан роҳ надод. Вале аз қӯрғон берун баромадан низ барои вай сахт буд. Дар нимаи шаб то саҳар Аъзам ва йигитҳои вай дар пушти Ҷиргатол як ифлосигарии бедодонаи бузурге ба вуҷуд овардand. Гов ва гӯсфандҳо кушта шуда дар гулханҳо кабоб мешуд **(Алихуш).**

**Машқи 37.** Нависанда дар тасвири манзара ба кадом нуқсонҳои услубӣ роҳ додааст? Ҳангоми таҳрири матнҳо ба фасоҳати сухан ва равшании маънои калимаҳо эътибор диҳед. Тасвир бояд кӯтоҳ, саҳеҳ ва таъсирбахш бошад.

1. Субҳ низ кам-кам наздик шудан гирифта, ҳаракати ба ҳар тараф парида аз назар ғоиб шудани ситорагон кам мешуд. Наздик шудани субҳ аз ин ҷо ҳам тез ҳис карда мешуд, ки моҳи ба як карч харбуза монанд ба пушти кӯҳи Боботоғ ғуруб намуда, домани осмон аз тарафи шарқ каме равшанӣ пайдо карда буд **(Алихуш).**

2. Шаб моҳтоб баромада, ҷаҳонро равшан намуда буд. Гунбази кабуди масҷиди калон дар шӯълаи моҳтоб тобиш мекард. Рӯи суфаи масҷид ғарқи нур, ҳар тараф аз ҷондор холӣ буд. Мулло Бурҳон дар тахти нури моҳтоб намоз мехонд. Ҳар гоҳ чашмонаш ба

пештоқҳои сиёҳ ва торики масҷид афтад, метарсид **(Ҷ. Икромӣ)**.

3. Имрӯз ҳаво салқин. Абрҳои сафед ба рӯи осмони кабуд парча-парча паҳн шуда, ба болои ҳашарчиҳо соя афкандаанд. Онҳо ба як ҷо намеистанд. Пешпешкунакбозӣ карда истодагӣ барин аз паси якдигар медаванд, гоҳ ба ин қитъаи колхоз ва гоҳ ба дигаре соя меафкананд ва худи «арӯсбарон» доштагӣ барин шуои офтобро як нишон дода, боз дар домани якдигарашон пинҳон мекунанд.

Ин як намуди осмон буд. Дар киштзор ба насими форами баҳорӣ ниҳолон ҳамчун наварӯсон ба баргҳои ялтиросӣ ороста гардида сари худро ба ҳар сӯ меафкананд. Балки ба қадамҳои тарбиячии худашон — гурӯҳи колхозчиён аз писару духтарон арзи эҳтиром мекарданд **(Б. Азизӣ)**.

## ИБОРАҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ

Ибораҳои фразеологӣ як ҳиссаи боигарии забони миллии тоҷикро ташкил намуда, аз ҷиҳати маъно, ифода ва таркибашон хеле гуногунанд ва дар забон вазифаҳои мухталифи лексикӣ-семантикӣ ва услубиро адо мекунанд.

Ибораҳои фразеологӣ мафҳумҳои алоҳидаро ифода намуда, бо воҳидҳои лексикӣ — калимаю таркибҳо хусусияти синонимӣ пайдо мекунанд. Чунончи, ибораи фразеологии «суп-сурх анор» бо калимаҳои «камбағал», «қашшоқ», «тангдаст» ва амсоли ин ҳаммаъност:

Ману ту чӣ дорем? — Ҳеҷ чӣ. **Суп-сурх анор.** Мардуми луб-луччак.

Фразеологизмҳо на танҳо бо калимаю таркибҳо синоним шуда метавонанд, балки дар забон силсилаи ибораҳои фразеологии ҳаммаъноро ташкил дода, аз ҳамдигар бо баъзе тобишҳои маъноӣ ё обуранги услубию эмоционалиашон фарқ мекунанд. Масалан, ибораҳои фразеологии «ба касе дил бохтан» ва «булбули шайдо шудан» ошиқ шуданро ифода мекунанд. Агар ибораи «ба касе дил бохтан» танҳо ошиқ шуданро фаҳмонад, «булбули шайдо шудан» тамоман ошиқ шудан, ошиқи беқарор шуданро ифода мекунад. Ё ки ибораи «аз дунъё чашм пӯшидан» мафҳуми мурданро дошта бошад, ибораи «пой накашидан» яку якбора мурданро бо обуранги манфӣ (яъне бешарафона мурданро) мефаҳмонад.

Ибораҳои фразеологӣ мафҳумҳоро образнок, бо рамзу киноя ва муболиға ифода мекунанд ва бо ин хусусияташон аз унсурҳои лексикии ҳаммаънои

худ фарқ мекунанд. Чунончи, косаи сабр лабрез шуд, чашми рӯз кушода шуд, дар миёни обу оташ мондан.

Ибораҳои фразеологӣ баробари ифодаи мафҳумҳои муайян муносибати нисбат ба амалу ҳолат доштаи гӯяндаро мефаҳмонанд.

Мисли воҳидҳои лексикӣ ибораҳои фразеологӣ низ дар ҳамаи услубҳои забон баробар кор фармуда намешаванд. Чунончи, ибораҳои «афташ хушк шавад», «абҷақи касеро баровардан» ва ғайра дар услуби забони зинда маълум бошанд, ибораҳои «вирди забон будан», «волаву шайдо гардидан» дар услуби забони китобӣ (хаттӣ), «ба амал баровардан», «ҷомаи амал пӯшидан» ва ҳоказо дар услуби забони публицистика серистеъмоланд.

Ба замми ин, ибораҳои фразеологӣ дар забони асарҳои бадеӣ вазифаҳои зиёди услубиро адо мекунанд.

1. Нависанда ҳангоми баёни воқеа ибораи фразеологиро бо ибораи озоди ҳамшаклаш дар як маврид кор мефармояд ва бо ин васила дар байни маънои компонентҳои ибораи фразеологию синтаксисӣ як навъ алоқаи собиқа барқарор гардида, мундариҷаи умумии ибораи фразеологӣ тобиши нав пайдо мекунад. Чунончи, ибораи фразеологии «ба сари касе об рехтан» (ба касе бадӣ кардан) бо ибораи озоди синтаксисӣ (дар вақти шустушӯ ба сари касе об рехтан) хусусияти омонимӣ дорад. Нависанда Р. Ҷалил дар ҳикояи «Марги Хушомадхӯҷа» он ибораро дар интиҳои ҳикоя бо ду маънӣ: аз болои Хайруллохӯҷа об рехта, ӯро аз сӯхтан наҷот додан ва маҷозан ба маънои ба ҳалокат дучор шудан кор фармудааст.

То ҳаш-паш карда об ёфтанду аз каллаи вай рехтанд, ки хушомадгӯй ба сари ӯ **оби худро рехта буд. (Ҳикояҳо, саҳ. 21).**

2. Дар матн ибораи фразеологӣ бо чунин ибораи озоди синтаксисӣ ба тарзи мувозана оварда мешавад, ки дар байни онҳо як ҷузъ муштарак буда, дар воҳиди фразеологӣ маҷозан, вале дар ибораи озод ба маънои аслӣ кор фармуда шудааст. Дар ин сурат ҳам бо таъсири ибораи озод маънои аслии як ҷузъи ибораи фразеологӣ аз сари нав зинда мегардад, дар натиҷа ибора ифоданок ва пуртаъсир мебарояд: ярокро с у-

поридан (ба маънои аслӣ) — ҷонро супоридан (маҷозан):

Яроқро ба дасти душман супоридан барои ин ҷанговари номӣ нанг! Ба ҷои ин ҷонро супоридан осонтар буд (**Ҳ. Карим, Оқшуда, саҳ. 46**).

3. Дар забони асарҳои бадеӣ баъзан ду иборай фразеологӣ дар як ҷо кор фармуда мешаванд, ки як ҷузъи онҳо муштарак буда, маънои маҷозӣ дорад. Ибораҳои фразеологии «ҷон кандан» ва «дил кандан»-ро устод Айнӣ маҳз бо мақсади таъмин намудани ифоданокӣ ва ҷозибанокии тасвири ҳолати рӯҳии қаҳрамони асараш дар як ҷо кор фармудааст:

Ҳарчанд дар хона пинҳон мемонам, охир мебояд, ки як рӯз берун бароям, ё ин ки боз ба ёру диёр хайробод гуфта, аз висоли Гулбибӣ дил канда ба вилоятҳои ғурбат биравам, лекин барои ман ҷон кандан назар ба дил кандан аз Гулбибӣ осонтар аст (Куллиёт, ҷ. 1, саҳ. 242-243).

4. Адиб иборай фразеологиро кор фармуда, дар давоми матн маънои аслии он компоненти ибораро, ки маҷозан омадааст, батадриҷ кушода медиҳад: иборай «як тарафи дуньёро об барад ҳам, кор надоштан» фориғболӣ, бепарвоӣ, аҳамият надодан ба чизеро мефаҳмонад. Ин ибора дар повести «Муҳосира»-и Ҳ. Карим ин тарз кор фармуда шудааст:

Комиссари батальон — Петров шахси бисьёр ғалатӣ буд. Ба назар, агар **як тарафи дуньёро об барад ҳам, вай ҳеҷ саросема намешуд.** Аз субҳ то бегоҳ саросема нашуда дар ҷояш меистод ва дона-дона карда ба ҳар кас ҷудогона фармон медод, то ки **обхезро бартараф намояд...**

5. Ба иборай фразеологӣ калимаи нав ҳамроҳ намуда, ибораро тағьир медиҳанд. Масалан, иборай «димоғ сӯхт» дар повести С. Айнӣ «Одина» дар шакли «димоғ сӯхта дуд баровардан гирифт» кор фармуда шудааст:

...бо гарм шудани ҳаво пахтаҳои таршуда хам гарм шудан гирифтанд; кӯмаҳои пахта, ки ба қадди бом мерасиданд, монанди ҳолати пеш аз ҳаракати кӯҳи оташфишон ба осмон ба ҷои бухор дуд баровардан гирифтанд; бо таъсири ин ҳол **димоғи** пахтачиён ҳам **сӯхта дуд баровардан гирифт** (Куллиёт, ҷ. 1, саҳ. 219).

6. Дар забони асарҳои бадеӣ як ҷузъи иборай

фразеологӣ бо калимаи дигар, ки бо он ҷузъ ҳаммаъност ва ё аз ҷиҳати маъно наздикӣ дорад, иваз карда мешавад:

Зарар надорад, аз хонаи ман ба ҷои **ба дилатон оби сард задан яхоб дода меравед,** ки ин ҳам сабаби хотирҷамии шумо, ҳам боиси осудагии ман мешавад (С. Айнӣ, Марги судхӯр, саҳ. 55).

Дар забони тоҷикӣ ба маънои умедро кандан, осуда шудан, тан додан ва ғайра ибораи «ба дил оби хунук (сард) задан» истифода мешавад. Аммо нависанда дар нутқи Қорӣ Ишкамба маънои аслии ибораи «оби хунук»-ро инкишоф дода, дар таркиби ибораи фразеологӣ «яхоб»-ро кор фармудааст, ки он, аз як тараф, боиси як навъ обуранги тоза гирифтани ибора шуда бошад, аз тарафи дигар, мақсади гӯяндаро хеле равшан ифода кардааст. Бо ёрии ин воситаи забон муаллиф муфлисӣ, пастӣ, ҳарисӣ ва чашмгуруснагии судхӯрро ошкор менамояд.

Маҳз бо ҳамин мақсади ӯслубӣ гоҳе адибон як компоненти ибораи фразеологиро бо калимаҳои ғайритоҷикӣ иваз менамоянд. Чунончи, ибораи «ба гап луқма партофтан (андохтан)»-ро П. Толис дар шакли «ба гап тормоз додан» кор фармудааст:

...ба қавли шоферҳои Зарчашма, **ба гапаш тормоз додам** (Повесть ва ҳикояҳо, саҳ. 180).

7. Нависанда компонентҳои ҳатмии ибораҳои фразеологиро бо ёрии калимаҳои дигар тарзе шарҳ медиҳад, ки гӯё сухан дар бораи ҳолату амалиёти предмети конкретӣ меравад. Дар ин маврид ҳам маънои аслии ҷузъҳои ибораи фразеологӣ барқарор мегардад, вале ин боиси тағьири маънои умумии ибора намешавад, танҳо баъзе тобишҳои маънои ибора тағьир меёбад, ки он барои равшантар ифода кардани мақсади нависанда кӯмак мерасонад. Ибораи «гурги борондида» дар романи Р. Ҷалил «Шӯроб» ин тарз кор фармуда шудааст:

— Фитнагию халос! — гуфт ӯ ба оромӣ, ҳатто табассумкунон.— Фитнагарии ноӯҳдабароёна. Намедонанд, ки **гургони пир боронҳои бисьёрро дидаанд...**

8. Нависандагон дар асоси варианти маъмул (инвариант) вобаста ба талаботи фикр ва тақозои услуби эҷодиашон вариантҳои нави ибораи фразеологиро сохта, дар асарҳояшон кор мефармоянд:

...агар вай, яъне амир арзи ғиждувониҳоро қонеъ ва як нафар амалдорро қурбон кунад, на фақат ҳеҷ зараре намекашад, балки дар байни халқ шӯҳрати **«филкуши мушпарварии»** худро зиёд мегардонад **(С. У.).**

Вале чунин тағьирот дар сохту таркиб ва тобишҳои маънои ибораҳои фразеологӣ як ҳадди муайяне дорад. Аз тарафи дигар, дар шаклҳои гуногун кор фармудани ибораҳо на ба ҳама муяссар мегардад, зеро барои тағьир додани сохт ё таркиби ибораҳои фразеологӣ, пеш аз ҳама, боигарии забони тоҷикӣ, нозукиҳои маънои калимаҳо ва мавриди кор фармудани онро донистан лозим аст.

Маълум аст, ки дар ибораҳои фразеологӣ ду ва ё зиёда калимаҳо ва таркибҳои муайян бо тарзу воситаҳои грамматикӣ алоқаманд шуда омада, ибораҳои рехтаро ташкил медиҳанд. Ягонагии семантикии ҷузъҳо ва маънои яклухти ибора имконият намедиҳад, ки таркиби ибораи фразеологӣ вайрон карда шавад. Вале азбаски ҷузъҳои ибора мустақилияти семантикӣ ва қимати маънои худро аз даст додаанд, дар таносуби маънои компонентҳои ибора ноқисӣ ҷой дошта бошад ҳам, маънои умумии ибора фаҳмида мешавад. Чунончи, дар ибораҳои «ғубори дилро баровардан» ва «занги дилро тоза кардан» маънои феълҳои «баровардан» ва «тоза кардан» бо «губор» ва «занг» мутобиқати том дорад (ғубор мебарояд, занг тоза мешавад). Аммо дар мисолҳои зерин он феълҳо ба ҷои якдигар кор фармуда шудаанд:

Ягон китоби фольклор гирифта хонам, бояд аз кайфияти он асабам ором гирад. **Занги дил барояд,** зеро дар лаҳзаҳои дилтангӣ ғазал **ғубори дилро тоза мекунад (журн. «Хорпуштак»).**

Аз ҷиҳати маънои умумӣ ба ҳамдигар наздик шуда хусусияти синонимӣ пайдо кардани ибораҳои фразеологӣ ва ё монандии зоҳирии сохту таркиби онҳо боиси омехта шудани компоненти як ибора бо компоненти ибораи фразеологии дигар мегардад.

Масалан, дар забони тоҷикӣ ибораи фразеологии «косаи сабри касе лабрез шуд» маълум ва машҳур аст. Дар баробари он ибораи «шишаи сабри касе шикаст» низ гоҳ-гоҳе дар гуфтугӯ дучор меояд. Аммо нависанда дар мисоли зерин калимаи «коса»-ро бо

«шиша» иваз намуда, ибораро дар шакли «шишаи сабрам лабрез гардид» кор фармудааст:

Аз ин ҳолати ӯ тоқат карда истода натавонист, **шишаи сабраш лабрез гардид (А. М., Фироқ).**

Аммо агар ба ин талабҳои ҳаққонии мо ҳам гӯш накунед, боз полицияю амалдоронро ба ин ҷо даъват намоед, он вақт аз худатон гила куьед. Зеро косаи сабри мо лабрез шудааст **(Р. Ҷ. Шӯроб).**

Як қисми ибораҳои фразеологӣ вариантҳои гуногун доранд, яъне аз ҷиҳати таркиб ё сохташон фарқ мекунанд: ба дил оби хунук задан — ба дил оби сард пошидан: касеро чашми дидан надоштан — чашмаш нест, ки касеро бинад ва ҳоказо. Аммо дар сурати тағьир додани компоненти дигар (ба қалб оби хунук задан) ва ё дигар кардани тартиби калима дар таносуби маъноии компонентҳо ва мундариҷаи умумии ибора ноқисӣ пайдо мешавад:

Дар колхоз якта-нимта одамони бевиҷдон низ ёфт мешаванд, ки **чашми Сатторовро дидан надоранд (Аз газета).**

**Машқи 38.** Ҷумлаҳоро хонда, ибораҳои фразеологиро бо калимаю таркибҳои ҳаммаънояшон навишта гиред ва шарҳ диҳед, ки ибораҳои фразеологӣ бо кадом тобишҳои маъной ва хусусиятҳои услубӣ аз синонимҳояшон фарқ мекунанд.

1. Солҳои гузашта аз истеъмоли ин оби муборак бисьёр ҳоҷиён аз остонаи Маккаи мукаррама берун нарафта дар ҳамин ҷо по дароз мекарданд **(Ф. М.).** 2. Дар яке аз рӯзҳои нағзи соли гузашта мувофиқи тамоми қонуну қоидаҳои табиат пӯкид, яъне мурд **(Р. Ҷ.).** 3. Бечора тамом аз ҳол рафта қариб буд, ки қолиб тиҳӣ кунад **(С. У.).** 4. Пас аз як моҳ шунидам, ки ӯ реҳлат кардааст **(Р. Ҷ.).** 5. Ғулғулаи босмачиён хомӯштар гардид. Аз онҳо чанд нафар дар ҷояшон заминро газида монданд **(Ҳ. К.).** 6. Духтарчаи ҳамсояи ӯ касал будаасту домулло ба вай доруе додааст, ки ҳамоно по накашидааст **(Р. Ҷ.).** 7. Бечора аз «дорулфано» ба «дорулбақо» сафар кардааст **(Ҷ. И.)** 8. Дар вақти набудани Зебинисо дар маҳалла ва гирду атроф чӣ воқеаҳо рӯй додааст, чашми киҳо равшан шудаасту киҳо аз дуньё чашм пӯшидаанд, як ба як нақл карда дод **(Ҳ. К.).** 9. Ӯ шитоб менамуд, ки аз забон мондан пештар дар гувоҳии занонаш ба гуноҳаш иқрору аз онҳо пок шуда, бо хотири осуда

рахти сафар барбандад **(Р. Ҷ.).** 10. Вай ҳам кайҳо ҷонашро ба ҷаббор супорида аз ин дунё ба он дунё ҳиҷрат кард **(Ф. Н.).**

**Машқи 39.** Дар матнҳои зерин ибораҳои фразеологиро бо кадом таркибу калимаҳои ҳаммаънояшон иваз кардан мумкин аст? Онҳоро муқоиса карда тафовути маъноӣ ва ё услубии синонимҳоро муайян кунед.

1. Монед, **ҷигаратона хун накунед,** маро ҳам беҳуда дар азоб намононед. Ҳар чӣ қадар заҳмат кашед ҳам, ман боз **алифро калтак гуфтан мегирам.** 2. Хола як бари бӯрьёро болои он кашиду **«ба лабаш кулӯх молида»** ба сари кораш нишаст ва чархашро ресидан гирифт. 3. Ин муқаддимаи дуру дарози ошноям **ҷонамро ба ҳалқам овард.** Аммо чорае надоштам. **Гӯш ба қимор шуда** нишастан гирифтам. 4. Лекин Шокирҷон як камбудии калон дошт: вай то ҳанӯз бехату савод буд. Дар ин хусус ҳар хел гапу насиҳати хурду калон ба гӯши ӯ намедаромад. Ҳатто дар тирамоҳи соли гузашта рӯзе дар ин бора бо акои калониаш **гапашон гурехт.** Акаю ука **сурху сафед шуданд.** Дар ҳамон вақт вай ба пеши акааш буду шуди масъаларо гуфт, **арғамчинро аз миён бурид.** 5. Охир ман **офтоби сари дарахтам,** худо нахоҳаду вақт-мӣ бевақт **бандагиро ба ҷо оварда монам,** ин духтари ба қад расида дар рӯи хона мемонад-мӣ? 6. Шавҳар ин дафъа ҳам **дандон ба дандон монда** гап назад. 7. — Ҳушьёр бошед, душман ҳуҷум карданист, **тиратон хок нахӯрад!** — гуфт боз ҳамон марди гармрӯ. 8. Собирбой калавида-калавида аз дар даромада омад ва рост ба ҳавлии дарун равон шуд, **на осмонро мешинохт, на заминро.** 9. Ошноямро ба ҳолаш намондам. «Чӣ шуд? Чӣ монд? гӯён **аз ҷонаш сер кардам.** 10. Баъд аз чанд сония боз бо ҳамон нармӣ:— Рафиқ Ильёсов?! — гуфт он зан. **Чашмонам чароғ барин равшан шуданд (Ҳ. К.).**

**Машқи 40.** Ибораҳои фразеологӣ бо кадом обуранги эмоционалӣ (мусбат ё манфӣ) кор фармуда шудаанд? Вазифаи услубии онҳоро шарҳ диҳед.

Дар байни издиҳоми бачаҳо аз хусуси дуздию гургии шавҳараш карнай навохт; Зубайда ҳам хомӯш наистода дар навбати худ аз банди риши Қосим гирифта бо як тарсакии обдор таги гӯши ӯро тасфонд

(**Р. Ҷ.**); Дар ҳамин фурсате, ки ӯрдуи разил гилемҳои сабзи айёми баҳорони кӯҳистонро бо хуни Назари панҷьяккор, сафармардикорҳо сурхранг карданӣ буд, умедгоҳи охирин — чанд нафаре аз ҷонбозони дастаи худмудофиа дар пости чорӯм ҷон медоданду ҷон мегирифтанд (**Ҳ. Қ.**); Бо вуҷуди ин ки ӯ ҳозир аз меҳмонхона ош хӯрда баромада буд, бештарини он ошро ҳам «дугӯштаю оринҷшор» карда, пасту расо ба таги биниаш зад (**С. А.**); Аз онҳо (босмачиён) чанд нафар дар ҷояшон заминро газида монданд (**Ҳ. Қ.**); Лӯнда карда гӯем, барои сохтани кӯпрук имои бурут кунед; Дар худи Душанбе ҳам як зоти номуборак дар байни магазинҳои марказӣ анкабудвор тор танида ба фурӯшандаҳо дӯғу даранг мекардааст (**Хорп.**); Лекин замин кафида ҳоҷӣ баромадааст; Баъзе шаккокон мегӯянд, ки ҳамаи пайғамбарони мо... ба меҳнати ҷисмонӣ аз паси панҷа менигаристаанд (**Ф. М.**); — Одами дуруст дар ин дунё хор намешавад, бародар, хор намешавад! — Абдулатиф хеста ба сари дегаш рафт. Ҷоғиҷ «одами дуруст» хеле тасфид (**П. Т.**); Қувваи панҷаи зӯрманди ҳариф, чи тавре ки мегӯянд, ҳасиби Ҷӯрабоширо хеле калта карда бошад ҳам, номус сахт гиребонгираш шуда буд (**Р. Ҷ.**).

**Машқи 41.** Дар кадом мисолҳо нависанда иборахои фразеологиро тағйир додааст? онҳоро бо варианти аслии иборахои фразеологӣ муқоиса намуда эзоҳ диҳед, ки ибора бо кадом мақсад тағйир дода шудааст.

1. — Ҳаштоду чор кило! Қандата зан, Нафисахон,— таъриф намуд ӯро бригадир...— Э, барои ҳаштоду чор кило қанд зананд, мо шоколад мезадагемдия,— шӯхӣ карда монд йигити нав омада (**Қаламҳои пурумед**). 2. — Тобам не,— гуфт Махсум,— табиб гуфт, ки агар сафар накунам ва аз ин ҷо наравам, дар андак муддат поча дароз мекунам(**Ҷ. И., Ҳ. Н.**). 3. ...ин дунё бечоракушу бойпарвар аст! «Об ба сой менигараду пул ба бой» гуфтааст кадом маҳмадоно. 4. Аз Қӯқанд бошад ё маро фаромӯш кардаанд, ё дар он ҷо ҳам ба сархорӣ нохун намеёбанд, ки ғайр аз ду каси омада рафта дигар хабару асаре нест (**Р. Ҷ.**). 5. То ба шумо хабар доданам даҳ бор ба осмони ҳафтум экскурсия карда омадам-дия. 6. — Бародар, ман қасам хӯрдаам,— гуфтам.— Ҳа, қасам то худи туро нахӯрад, аз ту соф намешавад,— гуфту аз ҷояш хеста

оҳиста маро аз дар берун бароvarд (**Қаламҳои пурумед**). 7. — Қамаш панҷоҳта фрицро ба охират командировка карда, ана баъд се шабу се рӯз қаймоқ барин мехобем (**Ҳ. С.**). 8. Дар ин дуньёи мардкушу номардпарвар инсоф, мурувват, ҳақиқат ҳаст ё не? (**Р. Ҷ.**). 9. — Чаро хафа менамоӣ, димоғат аз чӣ сӯхт? — Димоғ чӣ, ҷигарам месӯзад, домулло, мағзи устухонам месӯзад,— бо лабханди дардмандона гуфт Муллосафар (**С. У.**).

**Машқи 42.** Мисолҳоро хонда муайян кунед, ки дар кадом ҷумла ибораи фразеологӣ дуруст кор фармуда шудааст ва дар кадом ҷумла ғалат. Сабабҳои ноқисии ибораҳои фразеологиро шарҳ диҳед.

1. — Сабр кун, боҷа, сабр кун,— тафсида рафт Шукуров, ки қаҳраш дар нӯги биниаш будани вайро Назаров медонист ва ба зарбаи ҷавобӣ нигарон буд (**Р. Ҷ.**). 2. Бибиҳафиза гап назад, маълум буд, ки гирьяи ӯ ба нӯги бинаш омада истодааст (**Ҷ. И., Ҳ. Н.**). 3. Агар ту одами бесавод мебудию ба сарфаҳми ину он намерасидӣ, кас «хайр, намефаҳмад-дия» мегуфт (**Р. Ҷ.**). 4. Ман фаҳмидам, ки модарам бо ин тариқ ашӯлахонии меҳмонро бас кунонидаңӣ аст, лекин, мутаассифона, меҳмон ба фаҳми ин намерафт (**С. У.**). 5. Ту бошӣ, ба ҷои ин ки омада аввал ба кор сарфаҳм равӣ, аробаи хушку холиро гирифта мегурезӣ (**Р. Ҷ.**). 6. ...агар касе, ки ба ёрдам набарояд, сари ӯ барбод хоҳад рафт. 7. Лекин бо ин як-ду милтиқ ва бо ин аҳвол ту дар ин ҷо... ҷони худатро барбод медиҳӣ (**Алихуш**). 8. Гоҳо абрӯҳояш бо як вазнинӣ ба рӯи чашмаш афтода, аломати шодиро аз чашмони вай берун ва тумшуқи ӯро турш менамуд (**Ҷ. И.**). 9. Шукуров бо дили нохоҳам, монанди он ки «намемонанд, як дами беғам занем» — гуфта ҳасрат мекарда бошад, гӯшаки телефонро ба гӯш гирифта, чеҳраи худро турш кард (**Р. Ҷ.**). 10. — Дами беғам мекашем, писарам — изҳор намуд Саъдуллобобо (**Аз газета**). 11. Гулизор ҳатто ба аломати норозигӣ рӯяшро турш карда ақиб гашту дар паси дари ҳавлии дарун ғоиб гардид (**С. У.**).

**Машқи 43.** Матнҳоро муқоиса намуда, шарҳ диҳед, ки нависанда ҳангоми таҳрир кадом нуқсонҳои услубии ибораҳои фразеологиро ислоҳ кардааст,

| | |
|---|---|
| 1. Балки бо тири босмачиён дар ягон ҷарӣ ба хунаш ғелида ҷон канда истода бошад. | Балки вай бо ягон тири ногаҳонии босмачиён дар ягон ҷарие ба хуну хокаш оғӯшта шуда ҷон канда истодагист. |
| 2. Назар ба доклади рафиқ Ворошилов маро нагиранд даркор. Чунки дар оилаамон се одами аз ӯҳдаи кор намебаромадагӣ ҳаст: шумо ва ду нафар хоҳарчаам. | Назар ба доклади рафик Ворошилов маро нагиранд даркор. Чунки дар оилаамон се одами аз дасташон кор намеомадагӣ ҳаст: шумо ва ду нафар хоҳарчаам. |
| 3. ...якбора вай: — Заҳро! — гуфт, ки гӯё коинот ба ларза даромад. | ...якбора бо тамоми овозаш — Заҳро! — гуфт, ки бо ин садои ӯ гӯё тамоми ҳастӣ ба ларза даромада буд. |
| 4. Баъзеи онҳо аз ин кирдор, дӯғ ва пӯписаи кампир чашми таҳаййури худро намекананд. | Баъзеи онҳо аз ин кирдор, дӯғ ва пӯписаи кампир чашми худро намекананд. |
| 5. Бобӣ Заҳроро дӯст медошт. Аввалҳо инро, чуноне ки мебоист, фикр накарда буд, чунки ҷавон буд. | Бобӣ Заҳроро дӯст медошт. Аввалҳо инро, чуноне ки мебоист, фикр накарда буд, зеро ки он гоҳ дасти рост ва чапашро ҷудо карда наметавонист **(Ҳ. К.)**. |

## Ифодаҳои маҷозӣ

Ифодаҳои маҷозӣ яке аз воситаҳои таъсирбахши забон ба шумор мераванд. Дар матн калимае аз доираи муқаррарии истеъмолиаш баромада, бо калимаҳои дигаре таносуби маъноӣ пайдо мекунад, дар натиҷа ифодаи маҷозӣ ҳосил мегардад. Чунончи, калимаи «даст» дар таркиби ибораҳои «дасти падарам», «дасти бақувват», «дасти нозук» ва ғайра бо калимаҳои «падарам», «бақувват» ва «нозук» таносуби маъноӣ дорад, аммо дар таркиби «дасти аҷал» маҷозан кор фармуда шудааст.

Ифодаҳои маҷозӣ дар забони тоҷикӣ дар асоси монандии зоҳирӣ ё ботинӣ, зинда тасвир намудани ашьёҳо, бо ёрии санъатҳои ташбеҳ, истиора, ташхис, муболиға ва ҳоказо ба вуҷуд меоянд. Бинобар ин ҳар гуна калимаро бо ҳам пайваста ифодаи маҷозӣ сохтан мумкин нест.

Дар ташаккули ифодаҳои маҷозӣ баъзе аломатҳои морфологии ҳиссаҳои ҷудогонаи нутқ аҳамияти калон пайдо мекунанд. Дар натиҷаи ба исмҳои ҷондор, узвҳои бадани инсон алоқаманд намудани исмҳои беҷон (гули ҳаётат — фарзанд, чашми заминҳо) ва бо ҳам пайвастани исмҳои конкрету абстракт (чанголи марг, аспи ҷаҳл) ифодаҳои маҷозии исм ба миён меоянд.

Ифодаҳои маҷозии сифат дар натиҷаи ба предметҳои беҷон нисбат додани аломат, хислат, характер ва сифатҳои маънавии шахс (мавҷҳои сармаст, наҳри девона) ва ё ба исмҳои маънӣ нисбат додани аломати предметҳои конкрет (ҳақиқати талх, толеи сиёҳ) ба вуҷуд меоянд. Баъзан сифатҳои нисбии хоси як предмет ба предмети дигаре нисбат дода мешаванд (дили сангин, хатти заррин).

Дар ифодаи маҷозии феъл ҳолат, вазъият, рафтор, кирдор ва амалиёти гуногуни инсон ба предметҳои беҷон ва ё исмҳои маънӣ нисбат дода мешаванд: Бориш ноз мекард; Ситораи субҳ мезавқид; Чароғ зихна буд; Як бех офтобпарасти худрӯй... қоматашро рост намуда, осмонро бӯсиданӣ мешуд **(Ҳ. Қ.)**.

Ифодаҳои маҷозӣ матлабро образнок ва таъсирбахш ифода мекунанд ва ба воситаи обуранги дилпазир ва бадеиёт тасвирро зиндаю ҷозибанок мегардонанд. Масалан, ҷумлаи «Солеҳ Понсад ба палос менигарист» мақсадро дуруст ифода карда тавонад ҳам, вале хушку камтаъсир аст, ба хонанда завқи бадеӣ намебахшад. Вақте ки нависанда ҳамон фикрро ба воситаи ифодаи маҷозӣ баён мекунад, гӯё тасвир дар пеши назар ҷон гирифта зинда мешавад: Солеҳ Понсад бо чашмонаш рӯи палосро шудгор мекард **(Ҳ. Қ.)**.

**Машқи 44.** Ифодаҳои маҷозии ҷумлаҳои зерин чӣ тарз сохта шудаанд ва дар матн кадом вазифаи услубиро адо мекунанд?

1. Китоби ҳаёт саҳифаҳои асрашро гардондан гирифт. Ҳар як байти он, ҳар як достони он ба ту дарси ҷӯшу хурӯш доданд. 2. Тӯғьёни фараҳ ва шодӣ риштаи анъанаҳои ҳазорсоларо пора-пора менамуд, лекин аз он касе пай намебурд. 3. Як гурӯҳашон сарҳояшон хам бо нӯги биниашон ба замин хат мекашиданд. 4. Ин мошубиринҷии мӯйҳоям оқибати ҳамон рӯзҳои

сахти ҳаёти талхам аст. 5. Маро аз баландии тахти саодат ба қаъри мудҳиши разолат ҳаво додӣ. 6. Саодат барои мардумони ин қабил намехандид. Хуршеди истиқбол чеҳраи дурахшандаи худро ба онон нишон намедод. Барои онон ҳастӣ зиндон буд. Рӯзи равшан шаби торик буд. 7. Ҳоло ӯ (Зебинисо) ниҳоли навраси боғи ҷавонист. Ҳоло ӯ дар гулистони саодат мебошад, дар бӯстони фараҳ гул мекунад, дар баҳористони даврон нашъунамо меёбад. 8. Ин наҳри девона монанди одами сил базӯр роҳ мепаймуд. 9. Рӯи майсаҳои махмалинат ғел мезадам. 10. Қишлоқ дар хоб буд. 11.Ба навозиши ҳаёт завқидем, ба ғазабаш устуворӣ кардем **(Ҳ. К.)**.

## МОРФОЛОГИЯ

Дар ифодаи маъно ва муносибатҳои грамматикӣ шакли калима дар забони тоҷикӣ роли муҳим намебозад. Аффиксҳои шаклсоз чандон зиёд нестанд, бинобар ин дар ифодаи баъзе аломату категорияҳои морфологии ҳиссаҳои нутқи забони тоҷикӣ воситаҳои синонимии ифодаи грамматикиро мушоҳида кардан мумкин аст, ки он дар баёни фикр баъзе хусусиятҳои услубӣ зоҳир мекунад. Масалан, категорияи ҷамъ ва номуайянӣ дар исм, дараҷаи муқоисавӣ дар сифат, замон ва тарз дар феъл ва ҳоказо.

Дар калимасозӣ воситаю имкониятҳои забони тоҷикӣ зиёд аст. Як мафҳумро бо роҳҳои гуногун ифода кардан мумкин аст: бамаърифат — маърифатнок, босавлат — савлатдор ва ғайра.

Дар забони асарҳои бадеӣ кор фармудани калимаҳои нав (неологизмҳо) аҳамияти калони услубӣ дорад. Нависандагон аз қоидаҳои маъмули забон ва имкониятҳои услубии он фоида бурда калимаҳои нав месозанд. Чунончи, устод Айнӣ манзараҳои дилфиребн кӯҳистони тоҷикро дар фасли баҳорон «ҳушрабо» номидааст:

Ин манзараҳоеро, ки тамошо кардед, бе сарфи назар ва бе ранҷи дасти касе қуввати табиат рӯёнда, ба ин обу ранги ҳушрабо ҷилва кунонидааст (Куллиёт, ҷ. 1, саҳ. 207).

### Хусусиятҳои услубии исм

Аз категория ва аломатҳои грамматикии исмҳо забони тоҷикӣ ифодаи мафҳуми ҷамъ ва но-

муайянӣ хусусиятҳои услубӣ зоҳир мекунад. Илова бар ин дар калимасозии исм ҳам баъзе воситаҳои морфологии ҳаммаъно вуҷуд доранд.

Маълум аст, ки категорияи ҷамъ дар забони тоҷикӣ ба воситаи суффиксҳои **-ҳо, -он (-гон, -ён, -вон)** ва қисман бо тарзи солиму шикастаи арабӣ ифода мегардад.

Дар услубҳои гуногуни забони тоҷикӣ он воситаҳо баробар кор фармуда намешаванд.

Агар дар услуби забони китобӣ (хаттӣ) бо суффиксҳои **-он (-гон, -ён, -вон)** ифода намудани мафҳуми ҷамъ дар исмҳои ҷондори инсон (қисман ҷондори ғайриинсон ва беҷон) ва бо суффикси **-ҳо** ифода кардани он мафҳум дар исмҳои беҷон характернок бошад, дар услуби забони гуфтугӯӣ қариб ҳамаи исмҳо бо суффикси **-ҳо** дар шакли ҷамъ меоянд. Ин фарқияти услубии ҷамъбандии исмҳои забони тоҷикӣ дар сухани тасвири нависанда ва нутқи қаҳрамонҳои асари бадей риоя карда мешавад.

Дар забон як миқдор калимаҳо мавҷуданд, ки сарфи назар аз он қоидаҳои маъмули ҷамъбандӣ танҳо бо яке аз он воситаҳо омада, маънои ҷамъро ифода мекунанд: дугона — дугонаҳо, оя — ояҳо ва ҳоказо.

Дар чунин калимаҳо ҳамоҳангии таркиби овозии калима ба эътибор гирифта мешавад.

Суффикси **-ҳо** бо ҳама гуна исмҳо омада, шакли ҷамъро ифода мекунад, вале доираи истеъмоли суффикси **-он (-гон, -ён, -вон)** маҳдудтар аст.

Калимаҳои ба забони тоҷикӣ нав дохилшуда бештар бо суффикси **-ҳо** ва агар чунин калимаҳо дар забон умумият пайдо карда, ҳазм шуда рафта бошанд, бо суффикси **-он (-гон, -ён, -вон)** шакли ҷамъ месоянд: космонавтҳо, машинистҳо, археологҳо — пионерон, комсомолон, коммунистон.

Исмҳо бо шумораи миқдорӣ ва зарфҳои **чанд, якчанд, чандин** ва ғайра омада бошанд, дар шакли танҳо кор фармуда мешаванд, чунки мафҳуми ҷамъ дар шумора ва зарфҳо ифода меёбад. Пас аз шумораи миқдорӣ нумератив омада бошад, исмҳо гоҳе танҳо ва гоҳе дар шакли ҷамъ меоянд.[1]

Агар калимаҳои арабӣ дар шакли ҷамъ омада,

[1] Ниёзӣ Ш. Н. Исм ва сифат дар забони тоҷик. Сталинобод, 1954.

мафҳуми ҷамъро равшан ифода кунанд, ба он зам кардани суффикси ҷамъбандии забони тоҷикӣ ҳоҷат нест.

Тарзҳои ҷамъбандии арабӣ дар забони асарҳои бадеӣ барои фардӣ кунонидани забони қаҳрамону персонажҳо низ ба кор бурда мешаванд.[1]

Бо мақсади риоя намудани услуби коргузории расмии тоинқилобӣ калимаҳои арабӣ дар шакли ҷами шикаста ё солими арабӣ кор фармуда шудаанд:

Дар давоми ҷанги ҳозира мардони халқҳои бегонаи империя, ки... ба корҳои сохтани **истеҳкомоти** мудофиавӣ ва **мухобароти** ҷангӣ заруранд, ҷалб карда мешаванд **(Ҳ. Қ.)**.

Категорияи номуайянӣ дар забони тоҷикӣ бо артикли **-е** ва калимаи **як** ифода гардида, дар услубҳои нутқ ба андозаи гуногун кор фармуда мешавад. Дар ифодаи номуайянӣ дар забони хаттӣ бештар артикли **-е** ва дар гуфтугӯ калимаҳои **як, ягон, кадом** истифода карда мешавад. Дар забони асарҳои бадеӣ ин тафовути услубӣ ба назар гирифта мешавад. Чунончи, Р. Ҷалил дар нутқи қаҳрамонон он маънои грамматикиро ин тарз ифода кардааст:

Ба як хонаи калон гирифта бурду ба як харак шинонд... Як маҳалле чароғ мурду ҳама тип-торик шуд... Як дам нагузашта девори дар миёна будагӣ бардошта шуду чӣ мебинам, ки як ҳавлии калону як духтари хушрӯи кокулдароз... (Одамони ҷовид).

Суффиксҳои **-ча, -ак (-акак)** бо исм, сифат, зарф, ҷонишин ва феълҳо омада, дар баробари хусусияти калимасозию шаклсозии маъмулаш ба калима тобишҳои нави маъноӣ, обуранги эмоционалии мусбат ё манфӣ мебахшад ва бо ин васила муносибати гӯяндаро нисбат ба фикри ифодашуда нишон медиҳад.

Дар асарҳои бадеӣ баъзе исмҳои хос, ному лақаби қаҳрамонону персонажҳо ҳам вазифаи муайяни услубиро адо мекунанд. Номҳои **Қорӣ Ишкамба, Хушомадхӯҷа** ва амсоли ин аз тарафи нависанда тасодуфан интихоб карда нашудаанд. Ном, фамилия, тахаллус, лақаби шахс дар тасвир ва кушода додани

---

[1] Камолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. Душанбе, 1967, саҳ. 85.

баъзе сифатҳои зоҳирӣ ё ботинӣ, хислат, характер, муносибат, касбу ҳунар, мансаб ва ғайра кӯмак мерасонад: Гулрӯ, Пӯлод, Фирӯза, Махдуми гав, Алоуддини говҷигар, Солеҳпонсад, Абдулло командир, Сафармардикор, Ҳоҷӣ Абдӯлазизи дуторӣ, Рустами Ашкии ғиҷдувонӣ...

**Машқи 45.** Дар ҷамъбандии исмҳо чӣ нуқсонҳо мушоҳида карда мешаванд? Исмҳоро бо кадом суффикс ҷамъ бастан дуруст аст?

Майлаш, дугонагон бозӣ кунанд, ҳоло сари вайҳо кушодагӣ **(Б. А.)**; Ҷасади нимҷони Сергей дар пеши дарвозаи қӯрғон фақат ба воситаи тирҳои туфангон ҳимоя карда шуда, ба дасти душман дода намешуд; Бо ҳамин ҳуҷуми худ... ба азхуд кардани тамоми дороияти қӯрғон комьёб мешаванд; Дар худи ҳамин шаб ҳам фуқароёни наздик фавҷ-фавҷ ба сӯи Усмон омада, ба вай шарик мешаванд; Ман дар Москва аҷоиботҳои бисьёре дидам **(Алихуш)**; Номи зан дар тамоми умри ӯ ду бор гирифта мешуд: як бор дар вақти ба шавҳар баромадани зан, ...дуюм, дар рӯзи мурдани ӯ — дар вақти фурӯхтани **гуноҳони** вай ба бадали садақа **(С. А.)**; Ҳамин ки аз байни Ҳоит овози тап-тапи сумҳои аспон шунида шуд, сагони қишлоқ ба ав-ав даромаданд ва мардумони дар хоби ширин буда бедор шуданд **(Алихуш)**; Дар ҳамин дам аз куҷо ду-се сагон пайдо шуда, ба мурғбирьён ва нон чанг андохтанд **(Б. А.)**; ...раисҳои комитетҳои иҷроияҳои районӣ — ҷӯраҳои наздики Ӯчилбой ҷамъ мешуданд; Дар республика шаҳр ва районе нест, ки дар он ҷо солҳои охир биноҳои нави кинотеатрҳо сохта нашуда бошанд **(Аз газета)**; Дар ҳамин вақт аз хонаҳо ва чайлаҳои ҳавлиҳои колхоз овози борики думболадори мурғҳо низ пай дар пай баланд шудан гирифтанд **(Алихуш)**; Шабона дар вақти хоб медидед, ки ба дасти сурхон гузаштааст; ...босмачиёнро нест кардан на фақат вазифаи мо, отрядони ихтиёрӣ аст...; Раис ва бригадирон ба рӯихат кардани иштироккунандагони канал — стахановчиён ва ударникони беҳтарини колхоз сар карданд; Аммо бадбахтона ҳамаи саводнокон муллоҳо ва эшонон буданд **(Ҳ. К.)**; Дар даруни ҳавлӣ як қатор саллакалонон ва хушлибосон ба болои сандалича нишастаанд **(Б. А.)**.

**Машқи 46.** Ному лақаби қаҳрамонҳо кадом ҷиҳатҳои мусбат ва ё манфии хислату характер, рафтору кирдор ва муносибати онҳоро ошкор месозанд?

1. Дар ин вақт боз Гоҷалакмирзо мизбон ва соҳиби зиёфат буданашро ба ёди онҳо оварда, сулҳҷӯёна худ мансабро тақсим карданӣ шуд... Қозии собиқ Сумалакмахсум — боз қозӣ. Домуллокаҷқӯл — аълам, Лӯкидонхӯҷа — шайхулислом, худаш бошад — мингбошӣ **(Б. А.)**. 2. — Қурочкин куҷо бошад? — Коваленко суол дод.— Дар ҳақиқат ҳам мурғ буд. Гӯё ба Ғарм фиристодаанд. Дар ёд дорӣ, ҳамон рӯз хуб моро шарманда кард-дия **(Ҳ. К.)**. 3. Он вақтҳое, ки қаҳрамони ҳикояи моро «Исмоилҷон» меномиданд, ӯро на ҳама мешинохтанд. Аммо аз он рӯзе, ки ба ҷои «ҷон» ба исми шарифи ӯ калимачаи «пиён» ҳамроҳ шуд, бо номи «Исмоилпиён» шӯҳрат пайдо кард **(Қаламҳои пур.)**. 4. Рӯзҳо, моҳҳо ва солҳо паи ҳамдигарро таъқиб менамоянд. Инак, Партав ҳам оҳистаоҳиста соҳиби дастору тасбеҳ мегардад ва Партавхон ба Мулло Партав иваз мегардад. 5. — Дар аввал корамон бисьёр нағз буд. Плани кишту корро дар вақташ иҷро кардем. Ғӯзаҳо нағз сабзиданд... Акнун маро мардум «Қали Ҷӯра» нагуфта, «Ҷӯрабой саркор» ва ҳатто «раис» мегуфтагӣ шуда буданд **(Ҳ. К.)**. 6. Вале булҳавасии зани Ҳошим Қосимов Мӯнисабону не, Васвасабону ӯро ҷинояткор намуд ва аз гиребонаш гирифта ба байни мардум бароварда шармандаю шармсор кард **(Р. Ҷ.)**.

**Машқи 47.** Мисолҳоро хонда эзоҳ диҳед, ки кадом исмҳо нодуруст сохта шудаанд ва ё нуқсонҳои услубӣ доранд. Ғалатҳояшро ислоҳ карда ҷумлаҳоро навишта гиред.

1. Синфи истисморкунанда, ...кори истисморчигиашро давом дода меомад **(Алихуш)**. 2. ...ман дар дуньё чӣ гунаҳкориҳоеро накардаам **(Ҳ. К.)**. 3. Шодиев... ҳамчун истеҳсолотчии пешқадам ном баровардааст **(Қаламҳои пурумед)**. 4. Аксари органҳои маҳаллии кино то ҳол кинонамоишдиҳиро бе баҳисобгирзии талаботи маданнии меҳнаткашон... ташкил дода меоянд **(Аз ғазета)**. 5. Вай чунон устоди навомӯзгор, духтаронро беш дар атрофи худ ҷамъ бинмуду басе таълим дод **(Қаламҳои пурумед)**. 6. Магар босмачии золим ғалаба карда, дар қишлоқ озодона ифлосигарӣ карда истодааст? **(Алихуш)**. 7. Хушо, мо

халқи озоди ҷаҳонем, Ҳимояткори сулҳи безаволем **(Қаламҳои пурумед)**. 8. Ана, хуни фарзанди дилбанди маро бо дами шамшери золимии худ резонида макиданд. 9. Меҳнаткашон, ...барои афтидани салтанати кӯҳнаи истибдодӣ мубориза бурдаанд. 10. ...дар синаи вай ду нишони сурхи меҳнатӣ медурахшиданд **(Алихуш)**. 11. Не, вай ба ҷудошавии шашмоҳа асло розӣ намешавад **(Қаламҳои пурумед)**. 12. Набзи онҳоро санҷида касалашонро зуд муайян мекунанд **(Аз газета)**. 13. Лекин волии вилояти Қаротегин Абдулҳафизхон аз мақсади Усмон иттилоъ ёфта ва худ тасмим мегирад, ки ба ҳар роҳе ки бошад, ҳаракати Усмонро манъоварӣ намояд **(Алихуш)**.

**Машқи 48.** Дар мисолҳои зерин суффиксҳои **-ак** ва **-акак** ба калимаҳо чӣ гуна тобишҳои маъноӣ медиҳанд?

Вой модарат гиргиттон шавад, модаракат аз сараки азизат гардад, бачаҷонам! — овози модар меларзид.— Гулрӯҷон, кудо, Пӯлодакам омад, Пӯлод омад **(Р. Ҷ.)**; Умарбой, илоҳӣ ҷувонмарг шав, бачаяконат ятим монанд **(Ҳ. К.)**; — Гирья накун, писарам! Аз гирьяи ту душманҳо хурсанд мешаванд, ба пӯсташон намеғунҷанд, ки хуб одамаки боби дандонро ёфтаанд **(Ҷ. И.)**; Қорӣ Ишкамба бо шунидани ин хабар:— Оҳ, пулакам...— гӯён бо ҳамон вазъияте, ки ба гӯянда гӯш медод, якпаҳлу ба замин ғалтид **(С. А.)**; Рейс ки хориҷист, ба қоидаву низоми он насимаке аз анъанаҳои хориҷа вазидааст **(Ф. М.)**; Ин хел бошад, азизам, биё, ки як нафас ба ҳамон ҷо рафта шинем, лабаки дарьё, шабаки моҳтобро монда ин қадар ба куҷо мешитобем; Ӯро набераащ Малоҳат чархресаку ҷӯлоббофак карда мондааст **(Р. Ҷ.)**; Соро овози писари ба ҷон баробари худро шинохт...:— Ҷонакам, ҷонаки азизакам, ҷонаки ширинакам,— гӯён ба сари ӯ давид **(С. А.)**; Қалаке буд ошиқи гулаке, Шӯхаке мушкбор — кокулаке **(Ҷомӣ)**; Бойҳон дараҷаи дуюм ва дастьёракҳои онҳо патаку пайтоба шуда ба хизмат миён баста буданд; Дар он ҷо барои панҷсад нафар бесавод ҳамааш шуда панҷ синфакак курси саводомӯзӣ буд **(Р. Ҷ.)**; То 250 сӯмакатро нарӯёнаму ҷорта сарсону саргардонат накунам, қасам ба риши бобоям, ки кайфияту роҳати газро намебинӣ **(Хорпуштак)**.

## Сифат

Сифат мафҳуми аломату хусусиятро ифода намуда, бо обуранги эмоционалии худ чун воситаи таъсирбахши забон ва санъати сухан аҳамияти калони услубӣ пайдо мекунад.

Тавсиф барои пуртаъсир ва барҷаста нишон додани аломати ашьё ва ба тарзи табиӣ тасвир намудани ҳодисаю воқеаҳо хизмат мекунад.

Муқоисаи аломати предмете бо предмети дигар, то чи андоза зоҳир гардидани аломат дар забони тоҷикӣ бо роҳҳои гуногун сурат мегирад: ба воситаи суффиксҳо ва бо ёрии пешоянд ва таркиби ҷонишину пешоянд.

Дар услуби забони гуфтугӯӣ барои ифодаи дараҷаи олӣ тарзи такрори сифат ба кор бурда мешавад: хунуки хунук — аз ҳама хунук — хунуктарин.

Ин тарзҳои ифодаи дараҷаи олии сифат бо баъзе тобишҳои маънои грамматикиашон фарқ мекунанд, ки хусусан дар матни асари бадеӣ равшантар зоҳир мегардад.

Дар сифатҳои забони тоҷикӣ камӣ ё зиёдии аломат низ ифода мегардад. Чунин сифатҳо бештар мафҳуми рангро меҳафмонанд: суп-сурх, кабудча, сиёҳтоб ва ғайра.

Вале дар забон аз қабили «каппа-калон», «дуппадуруст» сифатҳо низ дучор меоянд, ки на мафҳуми рангро, балки аломатҳои дигарро ифода мекунанд. Маҳз ҳамин қабил сифатҳо бештар дар матн хусусияти экспрессивӣ пайдо мекунанд:

— Хабаратон ҳаст, дина вақти говгум дар пеши чашми мардум одамҳои дузди Исҳоқ дар кӯчаи каппа-калон аз дасти писарчаи Содиқсобунгар гӯсфанди соли дароз мурда-мурда хоридаю молида фарбеҳ кардаашро кашида гирифтаанду бурдаанд? (Р. Ҷ., Шӯроб, саҳ. 182).

Сифатҳои аслӣ бо суффикси **-ак, -акак,** омада, бо исмҳо мутобиқат мекунанд ва маъноҳои хурдӣ ва ё навозишро қувват медиҳанд, вобаста ба мундариҷаи матн тобишҳои маънои гирифта ифоданок ва таъсирбахш мегарданд.

Баъзе воситаҳои калимасози забони тоҷикӣ аз рӯи маъно ва вазифаашон ба ҳамдигар хеле наздик шуда хусусияти синонимӣ пайдо мекунанд, ки ин ҳодиса аз

боигарии воситаю имкониятҳои калимасозии забон шаҳодат медиҳад:

Префиксҳои «бо-» ва «ба-»: боақл — бaақл, боинсоф — баинсоф.

Префиксҳои «бе-» ва «но-»: бетоб — нотоб, беором — нооpом, безеб — нозеб, беинсоф — ноинсоф.

Префиксҳои «бо-», «ба-» ва суффикси «нок»: бошуҷоат — шуҷоатнок, башарм — шармнок, босавод — саводнок.

Префиксҳои «бо-», «ба-» ва суффикси «-манд»: бохирад — хирадманд, бадавлат — давлатманд.

Префиксҳои «бо-», «ба-» ва калимаи «дор»: босавлат — савлатдор, баинсоф — инсофдор.

Бо вуҷуди ин, воситаҳои калимасозӣ бо баъзе хусусиятҳои услубиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Чунончи, бо префикси «бо-» сохтани сифат дар услуби забони адабӣ-китобӣ бештар мушоҳида карда шавад, бо префикси «ба-» дар нутқи зинда.

Ин воситаҳои морфологӣ дар калимасозӣ бо тобишҳои маъноиашон ҳам фарқ мекунанд. Масалан, префикси «бе-» ба он далолат мекунад, ки ашьё аз аломату хусусияти зикршуда умуман маҳрум аст, префикси «но-» бошад, қисман ва ё дар айни замон доро набуданро ба аломате ифода мекунад. Аз ҳамин сабаб ҳам ин префиксҳо на ҳамеша ба ҷои якдигар омада калима месозанд: ношоям, нобоб, номуносиб, ночасп, нобино, ношинос — бешарм, бемадор, бемурувват, беақл...

Як миқдор калимаҳо табиатан бо яке аз он воситаҳои калимасозӣ меоянд. Масалан, сифати «сеҳрнок» ҳеҷ гоҳ бо префиксҳои «бо-», «ба-», суффикси «-манд» ва ё калимаи «дор» кор фармуда намешавад. Бинобар ин дар мавридҳои гуногун бо ҳар гуна суффиксу префиксҳо сохтани калима ба нормаи забон мувофиқ намеоянд:

Хурд будам, менамудам орзу, Болиғу бодонишу доно шавад **(Аз журн.)**; Роҳатовар меҳнати мову шумо аз пахта аст, Устувориҳои сулҳи бобаҳо аз пахта аст **(Қаламҳои пур.)**; — Набошад, барои интизор карданам узр мепурсам,— гуфт боз гапашро **кинояннок** карда Латофат **(Б. О.)**; ...ҳаракатҳои инқилобии Осиёи Миёна, ки торафт авҷнок шуда истода буданд,

аркони салтанати подшоҳии Бухороро аз ҳар тараф ба ларза меоварданд (**Алихуш**).

Дар мисолҳои боло калимаҳои «бодониш», «бобаҳо», «кинояиок» ва «авҷнок» ба тарзи сунъӣ сохта шудаанд. Дар ин ҷо калимаҳои «донишманд», «бебаҳо», «кинояомез» (бо киноя), «пуравҷ»-ро кор фармудан дуруст аст.

**Машқи 49.** Дар калимасозии сифат чӣ гуна нуқсӣ дида мешавад? Ғалатҳои услубии онҳоро эзоҳ диҳед. Калимаҳоро ислоҳ кунед.

1. Ин рафтори духтар бухгалтерро боз ҳам умеднок мекард (**Қалам. пурум.**). 2. Дар назди дари кӯча мӯйсафеди миёнақади рангзардоб, ки риши шоназадаи тунук ва мӯйлаби борики позебое дошт, меистод (**Қалам. пурум.**). 3. Дар маҷлис ба амал баровардани тадбирҳои тирамоҳию зимистонӣ муҳокима карда шуданд (**Аз газета**). 4. Қобила ҳамин сол панҷ пальто дӯзонд: се пальтои зимистонаю ду пальтои баҳоронӣ (**Р. Ҷ.**). 5. Онҳо бештар ба нормаи хӯрокӣ диққат доданд (**Аз газета**). 6. Чеҳраи гарми баҳории хуршед барфҳои охирини барфандозҳои қишлоқро об кард... 7. Дар байни порчаҳои абри сиёҳ ҷонварони парвозӣ ба ҳар тараф болзанон мегаштанд. 8. Меъмор ва рассомони оинабанд кӯшиш кардаанд, ки барои истироҳат ва вазъияти оромибахш шароити мусоид фароҳам оваранд (**Аз журн. «Ш. С.»**). 9. Дар қатори ташкилоти комсомолӣ ба муқобили душмани мусаллаҳ ба мубориза бархестани маро табрик карданашон бароям хеле хурсандибахш буд. 10. ...як нафар зани миёнсоли дигаре дар миёни онҳо бо як овози аламоваре нола мекард... 11. Ин дақиқаҳо бисьёр нозук ва хавфовар буд. 12. Дидам, ки ин таъсири гирьяовар на танҳо ба ман рӯй додааст... (**Алихуш**).

**Машқи 50.** Порчаи зеринро хонда вазифаҳои услубии тавсифро шарҳ диҳед. Нависанда бештар чӣ гуна тавсифро кор фармудааст ва онҳо ба хислату характери васфшаванда то чӣ андоза мувофиқанд?

1. Албатта, кӣ будани ин духтарро гуфтан лозим нест, хонандагон ба хубӣ мефаҳманд, ки ин Гулнор буд; ин Гулнори **ҳиҷронзадаи гирифтор** буд; ин Гулнори **вафодор** буд, ки ба дастгир шуда рафтани ошиқи **зори** худ тоб оварда наметавонист...

2. Дар ҳақиқат ҳам ҳусну ҷамоли Гулнор **таъсирбахшо** буд: чашми **сиёҳи оташбор**, мижгони **дарози ҷоншикор** ва абрӯи **каҷи дунболадори** ӯ дили ҳар бинандаро аз ҷо мебурд; мӯи **дарози тобдораш**, ки то хамгашти зонуҳояш мерасид, барои ҳаваскорон каманди **печоне** буд; зулфи **парешонашро** дар гирди рухсори **тобонаш** бо он зебой тасвир кардан аз дасти хеҷ наққоши **нодиракор** намеомад: қади **навраста**, рӯи **хуҷиста**, зулфи **шикаста**, абрӯи **пайваста** — ҳама ба якдигар мутаносиб, ҳама ба якдигар **шинам**, ҳама ба якдигар **зебанда** афтида буданд. Донаҳои ашки **алмосгун**, ки аз чашмони **дурахшонаш** ба рӯи **рахшонаш** мечакиданд, намуди шабнами **саҳарирo** ба рӯи **гулбарги сурхи таре** ҷилва медоданд.

3. — Ман барои ту, барои ин чашму абрӯи **сиёҳи** ту, барои ин рӯи **чун моҳи** ту, барои ин дасту бозуи **тавонои** ту, барои ин суханҳои **қатъию буррои** ту тайёр ҳастам, ки худамро дар як деги **ҷӯшон** дар оташи **сӯзон**, дар кӯраи **тасфон**, дар дарьёи **хирӯшон** андозам **(С. А.)**.

4. Фақат мани бечора ба **«нодираи давронаш»** вохӯрдаам, ки ин ҳам шӯри пешонаи ман аст **(Р. Ҷ.)**.

5. — Ту кампир бошӣ ҳам, ман ҳанӯз пир нашудаам. Духтарҳо ба ман нигоҳ кунанд, дилашон гум мезанад. — Ба шумо нигоҳ карда? — боз хандид Сурайё.— Ҷавони **маҳлиқо! (Ҷ. И.)**.

6. Аслашро гӯям, ҷигарам, худи ман ҳам айбдор. Ин «маликаи» **дилозорро** худам ёфтаам **(Р. Ҷ.)**.

**Машқи 51.** Порчаҳои зеринро хонда, аз рӯи мундариҷаи умумии матн ва талаботи фикр ба ҷои сенуқта тавсифоти мувофиқро ёфта гузоред:

1. Зарафшонро пеш аз ин ман бисьёр дидаам, манзараи онро дар Самарқанд, дар Миёнколот, дар деҳаи Соктаре, ки таваллудгоҳи ман аст, бисьёр тамошо кардаам, боре аз Ҳазораи Қармина то соктареи Бухоро бо амад ва амадчиён ин дарьёи (...)-ро саёҳат карда бо ҳамаи печу тобаш ва бо ҳамаи гирдобҳояш шинос шудаам. Бинобар ин ман бо ин оби (...) ошнои деринаам ва ин дарьёи (...)-ро монанди як ошнои деринаи қадрдон бисьёр дӯст медорам...

2. Мо аз тарафи дасти чапи дарьё мерафтем, дар тарафи дасти рости он қаторкӯҳҳои (...) сар ба фалак

мекашид. Дарьё бо оби (...)-и худ аз камари ин кӯҳи (...) дар ҷавлон буд. Қанорҳои чапи дарьёро шолипояҳои (...) зинат дода ва канори росташро қаторкӯҳҳо ҳошия баста буданд...

3. Партави офтобе, ки ба сари девори ин дара афтодааст, аз даруни ин оби (...) ва ҷӯи (...) акси худро намоён карда шаъшаапошӣ мекунад; сангҳои девори дара аз даруни ин оби (...) ба тарзе намоён мешавад, ки гӯё сангтарошони ҳунарманд сангҳои рахдорро ба як тартиби ҳандасагӣ болои ҳам чида бошанд...

**Машқи 52.** Аз романи «Дохунда»-и С. Айнӣ тасвири Дараи Ниҳонро хонда, тавсифҳоро дар таркиби ибора навишта гиред ва шарҳ диҳед, ки нависанда онҳоро бо кадом мақсад кор фармудааст. Вазифаи услубии тавсифҳоро муайян кунед (Куллиёт, ҷ. 2, саҳ. 7—10).

**Машқи 53.** Мисолҳои зеринро хонда мулоҳиза кунед, ки дар кадом маврид тавсиф дуруст ва бамавқеъ кор фармуда шудааст ва дар кадом маврид номувофиқ. Сабаби ноқисии онро шарҳ диҳед. Ба ҷои тавсифи ғалат кадом калимаро кор фармудан беҳтар аст?

Аҷоиб фасл аст фасли баҳор!... Замин бо сабзаи тару тоза пӯшида мегардад, дарахтон гулпӯш мешаванд, дар ҳаво як бӯи муаттар, бӯи сармасткунанда, бӯи дилбозандае пайдо мешавад, ки аз он ҳам одамон, ҳам ҷонварон ва ҳам мурғон ба хурӯш меоянд, маст мешаванд; Пагоҳ аз байни шоххои дарахтони кабуд ва хуррами пушти Ҳоит офтоб шӯълаҳои худро ба ҳар тараф паҳн карда истода буд; Шаби баҳор бошад ҳам, осмон чодири абрин гирифта буд; Дар киштзор ба насими форами баҳорӣ ниҳолон ҳамчун наварӯсон ба баргҳои ялтаросӣ ороста гардида сари худро ба ҳар сӯ меафканданд; Он фитнаангези балоҷӯ ҳар замон нигоҳи лутфомез мекард ва бо ин васила оташи ишқи маро тез мекард; Агар шумо пеш нигоҳ карда рафтан гиред, баногоҳ ин оби дурахшон монанди моҳи тобоне, ки дар паси абр медарояд, ба зери санге даромада аз назаратон пинҳон мешавад; Хоркаш дар байни анбӯҳи пахтачинон бо як овози дилхуше шеъри чинакчиёнро мехонд; Ҳамин гуна тухми пахтаи мисрӣ... бо оби ширгарми соф нарм карда шавад; Қамбағалон, мардикорон ва фақирон, ки аз зулм ва андозҳои вазнин як рӯзи шодӣ

ва хурсандиро надида меомаданд,... имшаб барои онон як шаби фирӯзманде менамуд; Октябрь дар дуртарин ҷойҳои овознораси кӯҳистони Қаротегин ғалаба кард; Шумо ҷигарпораи маро ба сари дори хунин кашида... маро девонаи фироқи духтари дилбарам гардонидед; ...дар кӯчаю бозори Исфара... овозаҳои пур аз шохчабандии аҷоибу ғароиб гашту гузор мекарданд.

## Ҷонишин

Ҷонишинҳо предмет, аломату миқдори онро бевосита номбар накарда, ба онҳо ишора мекунанд, бинобар ин маънои ҷонишинҳо танҳо дар матн равшан мешавад.

Ҷонишинҳо ба ҷои калима, таркиб, ибора ва ҳатто порчаҳои яклухти нутқ омада баёни фикр ва фаҳмидани матлабро осон мекунанд, гӯяндаро аз такрори калимаю ифодаҳо бозмедоранд ва бо ин васила дар забон чун воситаи саҳеҳу мӯҷаз ифода кардани фикр хизмат мекунанд.

Ҷонишинҳои шахсӣ баробари ифодаи мафҳуми шахсу шумора дар матн муносибатҳои гуногуни гӯяндаро низ дар бар мегиранд, ки онҳо ба вазифаҳои услубии ҷонишинҳо алоқамананд.

Ҷонишини «ман» дар нутқ такроран омада, худписандӣ, манманӣ барин хислати бади шахсро ошкор менамояд:

Шумо **маро** буздил, аблаҳ гумон накунед, ифлосҳо! **Ман** хӯҷаин, **ман** амалдор, **ман** жандарм, **ман** полиция, **ман** поп, **ман** эшону мулло ҳам мебошам! Пул ҳамаи мушкилҳоро осон, ҳамаи душманонро мағлуб, ҳамаи мураду мақсадро ҳосил мекунад. **Ман** пул дорам, аҳмақҳо, пул! **Ман** метавонам ҳамаатонро бадарға кунонам... (Р. Ҷ. Шӯроб, саҳ. 224).

Дар шеъри М. Турсунзода «Ман аз Шарқи озод» дар зимни калимаи «ман» танҳо шахси гӯянда не, балки тамоми халқи озоди советӣ ва дар тахти ҷонишини «ту» халқи мазлуми Шарқ дар назар дошта шудааст. Шоир ба воситаи муқоисаи ин ду калима ду сохт ва ду ҳаётро муқобили ҳамдигар гузошта, бартариҳои сохти социалистиро таъкид мекунад:

Чаро **ман** зафарманду **ман** сарбаланд?
Чаро **ту** ҳақиру чаро мустаманд?
Чаро аз рӯҳи **ман** саодат падид?
Чаро **ту** дар уммеди рӯзи саид?

Чаро **ман** чу парранда озодбол?
Чаро бенасибӣ **ту** аз ин камол?
Чунинанд рамзи нигоҳат агар,
Шунав пас,
Ҷавобат диҳам мухтасар!

Ҷонишини «мо» танҳо бо ифодаи маънои шахси якуми ҷамъ маҳдуд нашуда, дар забони имрӯза тобишҳои зиёди маъноӣ пайдо кардааст: ба маънои шахси танҳо — гӯянда омада, хислатҳои хоксорӣ, фурӯтаниро ошкор месозад, дар услуби забони коргузорӣ — концелярӣ ба гуфтор оҳанги расмият медиҳад ва ҳоказо.

Ҷонишини «шумо» дар гуфтугӯ бештар барои ифодаи эҳтироми гӯянда нисбат ба каси дигар кор фармуда мешавад. Дар мусоҳибаҳои ҳазломез ва мунозираҳои тезу тунд киноя, истеҳзоро ҳам ифода мекунад.

Ҷонишини «ту» аз забони ҷавонон нисбат ба калонсолон, одамони оддӣ нисбат ба шахсони бузург ё обрӯманд кор фармуда шуда бошад, беэътиноӣ ва таҳқирро мефаҳмонад:

— Оқсақол, **ту** бе розигии мо ба мардикорӣ дастамон, халқ дастатро бурида мепартояд **(Р. Ҷалил, Одамони ҷовид).**

Дар забони тоҷикӣ синонимикаи ҷонишинҳои шахсӣ ва ишоратӣ низ ҷолиби диққат аст. Агар дар ифодаи шахсҳои якуму дуюми танҳо, аз як тараф, ҷонишинҳои «ман» ва «ту» кор фармуда шавад, аз тарафи дигар, бо ҳамин маънӣ ҷонишинҳои «мо» ва «шумо». Бар замми ин, барои ифодаи шахси якуми танҳо калимаҳои «банда», «фақир», «камина» ва амсоли инҳо ҳам гоҳ-гоҳе истеъмол мешаванд, ки тобишҳои гуногуни маъноиро ифода намуда, дар матн вазифаи муайяни услубиро адо мекунанд:

— Фақирулҳақиратон аз тахти дил миннатдор... Илоҳи саломат бошед (Р. Ҷалил, Шӯроб, саҳ. 222).

Ҷонишинҳои шахси сеюми танҳо «вай» ва «ӯ» бо ишораҷонишини «ин» ва таркиби «он кас», ҷонишини шахси сеюми ҷамъ «онҳо» бо «инҳо», «онон», «вайҳо»,

«ҳамонҳо», ҷонишинҳои шахси якуму дуюми ҷамъ «мо» ва «шумо» дар ифодаи мафҳуми ҷамъ бо «моҳо», «моён», «шумоҳо» ва «шумоён» хусусияти ҳаммаънои дошта, аз ҷиҳати обуранги услубиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Бандакҷонишинҳои шахси дуюм **-ат, -атон** бо исмҳои номи шахс омада, муносибати гӯяндаро нисбат ба шахси дигар ифода мекунанд:

— Чор рӯз қорибача шуда дар қорихона ғалоғула кардан катӣ даррав ту олим шудию ман ҷоҳил шудам-мӣ?.. — Собир аз «шумо-шумо» акнун якбора ба «ту-ту» гузашта...— Иблиси чалпакхӯр, **ҷоҳилат** кӣ? (А. Деҳотӣ, Асарҳои мунтахаб, саҳ. 163).

Ҷонишинҳо вазифаҳои зиёди услубиро адо мекунанд, ки бештар дар забони зиндаи гуфтугӯӣ, дар ҳамгоми муколима ва ё дар матни асари бадеӣ равшантар зоҳир мегардад.

Азбаски ҷонишинҳо мафҳуми предмет, аломат ва ғайраро ба тарзи конкретӣ ифода накарда, ба ҷои номи он мафҳумҳо омада, танҳо ба онҳо ишора мекунанд, табиист, ки дар сурати зиёд ва ё бемавқеъ кор фармудани ҷонишинҳо носаҳеҳӣ ё дуҳӯрагии маъно ба миён меояд. Дар чунин ҳолатҳо худи ҳамон калимаҳои ифодакунандаи предметро кор фармудан дуруст аст.

**Машқи 54.** Ҷонишин ва бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибии бо ҳарфҳои сиёҳ чопшуда ғайр аз ифодаи мафҳуми шахс ва соҳибият дар матн боз чӣ гуна тобиши маъноӣ пайдо кардаанд? Нависанда онҳоро бо кадом мақсад кор фармудааст?

1. — А, лаббай? Ба ҷону... лекин **каминаатон** он қадар саводи пухта надорад-дия,— гӯён мулоимхунукӣ кард вай **(Р. Ҷ.)**. 2. Бой ҳам ба ӯ муомилаҳои хуб мекардааст. Дар вақти кор фармудан ба ӯ намегуфтааст, ки, масалан, «ғӯзаро хишова кун» ё ин ки «гандумро дарав», балки мегуфтааст, ки **«ғӯзаатро** хишова кун», **«гандуматро** дарав» **(С. А.)**. 3. Ба **Ашӯратон** ягон гап шуд-мӣ? **(Р. Ҷ.)**. 4. — «Ба лашкари ислом фариштаҳо мададгоранд» гуфтани **домуллоимомат** чӣ шуд? ...**Имомат фариштаҳояшро** дар хобаш дидагист **(Ҳ. К.)**. 5. Бой ӯро бо қамчин мезад, аз мӯяш гирифта кашола.мекард, аммо Рисолати сарсахт дам намешуд, балки фарьёд мекашид, ки: «Куш маро! Ё зиндаву зор дар гӯрам тиққону баъд духтарамро

бурда ба **ҳокимат** тортуқ кун! **(С. У.).** 6. — Ҳар як **гӯсфандам** ба назари ман аз даҳто **кампири ту** азизтаранд **(С. А.).** 7. — **Амакатон** аз **наботашон** то ҳол ба ҳеҷ кадоми мо намедоданд, ин як порчаро дода «ба келин ноботчой карда деҳ...» гуфтанд; — Ман ноботчой намехӯрам,— гуфт зани хурдӣ оташинона,— ба келин додан гиред! Наботро **амакашон** барои он кас фиристодаанд **(С. А.).** 8. — Думбуранавози қаротегинӣ танҳо не,— гуфт ӯ ҳарсосзанон ва хурсандона,— дар он ҷо боз як русу як мусулмон ҳам шиштаанд... — **Мусулмони ту,** писарам, албатта Боҳири конибодомӣ будагист **(Р. Ҷ.).** 9. Инак, арӯси ҳикояи **мо,** ки Гулбибӣ аст ва дар замони хурдтаракиаш **шумо** бо ӯ шиносо шуда будед ва дубора мехоҳем, ки ӯро ба тамошогоҳи **шумо** ҷилва диҳонем, ба ҳамаи ҳусн ва латофати табиӣ доро буд **(С. А.).**

## Феъл

Феълҳо дар забони тоҷикӣ аз ҷиҳати боигарии маъно ва шаклу категорияҳои морфологӣ як системаи мукаммалеро ташкил медиҳанд.[1] Феълҳои забони тоҷикӣ мафҳуми амал, ҳаракат ва ҳолатро аксар образнок, муболиғаомез ва пуробутоб ифода мекунанд.

Фасли хазон буд. Аммо имсол бориш ноз мекард... Ин наҳри девона монанди одами сил базӯр роҳ мепаймуд. Мор барин борик шуда, мастввор худро ба ҳар тараф зада, калавида, шаттаи сангҳоро хӯрда, базӯр нафас кашида мехазид (Ҳ. Карим, Оқшуда, саҳ. 30).

Чунон ки услубшиноси рус Греч гуфтааст, «феъл ба нутқ ҷон мебахшад... дар тасвир калимаҳои ҷудогонаро зинда месозад».

Дар ифодаи баъзе мафҳумҳои амалу ҳолат дар забони тоҷикӣ шаклҳои гуногуни феълҳо истифода бурда мешавад. Чунончи, дар баробари феълҳои соддаи **завқидан. нолидан, хандидан, рақсидан** феълҳои таркибии **завқ кардан, нола кардан, ханда кардан, ракс кардан** вуҷуд доранд, ки чун вариантҳои

---

[1] В. С. Расторгуева, А. А. Керимова. Система таджикского глагола, Москва, 1964.

ҳамдигар кор фармуда мешаванд. Ё ки баробари феълҳои таркибии «ҷилва намудан», «қадам партофтан» феълҳои «ҷилванамой кардан», «қадампартой кардан» ва дар баробари ибораҳои феълии «домодро дидан», «пиёла кофтан» феълҳои таркибии «домодбинӣ кардан», «пиёлакобӣ кардан» дучор меоянд. Ҳамаи ин воситаҳои ҳаммаънои ифодаи фикр бо тобишҳои нозуки маъной ва хусусиятҳои услубиашон фарқ мекунанд. Муқоиса кунед: ...боғистонро насайридӣ, меваашро начашидӣ... Монанди кӯдак назавқидӣ, монанди гул нашукуфтӣ (Ҳ. Карим, Оқшуда, саҳ. 365).

Акнун он рӯзҳоро ба хотир оварда, худ ба худ завқ мекардам (Ҳ. Карим, Ҳикояҳо, саҳ. 19).

Феъли «завқидан» дар забони адабӣ-китобӣ маъмул бошад, «завқ кардан» бештар дар гуфтугӯ. Дар мисоли боло дар тасвири лирикӣ феъли «завқидан» истифода шудааст, чунки аз рӯи фасоҳат ва вазн ба феълҳои «насайридӣ», «начашидӣ», «нашукуфтӣ» калимаи «назавқидӣ» баробар меояд.

Феълҳои «ҷилва намудан» ва «ҷилванамой кардан» низ аз ҷиҳати маъно тафовуте доранд: охирин ба давомнокии амал далолат мекунад.

Дар сохти феълҳо намудҳои гуногун мушоҳида карда мешавад: «мебардорам — бармедорам», «менагирам — намегирам», «барнаёмад — набаромад» ва ғайра. Ин шаклҳо мавқеи муайяни истеъмол дошта, баъзе тобишҳои фарқноки маъной ҳам пайдо кардаанд: барнаёмад — набаромад.

Феълҳои сохтаи «барчидан», «баркандан», «дардодан», «даррасидан», «даргузаштан»... ҳоло танҳо дар услуби забони хаттӣ дучор меоянд.

Ба воситаи суффиксҳои «-идан», «-ондан» сохтани феълҳо низ дар забони имрӯзаи тоҷик чандон маъмул нест. Бинобар ин феълҳои **гаравидан, палавидан, қатиқидан, ҳалавидан, мураббидан, бикабобидан, эътирофидан, софидан, бисубҳидан, налофидан, хилофидан, иттифоқидан** (Савдо), **шалҳидан** (Айнӣ), **хамидан, насайридан, шиноваридан, ҳунгидан** (Ҳ. Карим), **яхидан (Р. Ҷ.)** танҳо дар забони асарҳои онҳо маҳдуд шуда мондаанд.

Дар забони тоҷикӣ муносибатҳои нисбат ба амал доштаи гӯянда ба воситаи сиғаҳои хабарӣ, амрӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ, эҳтимолӣ ва нақлӣ ифода мегардад,

ки ҳар кадоми онҳо бо шаклҳои муайяни феълӣ ифода ёфта, маъною вазифаи хос доранд. Дар айни замон дар байни он шаклҳои феълӣ як навъ алоқамандии маъно, хусусияти синонимӣ мушоҳида карда мешавад. Чунончи, феълҳои замони гузаштаи ҳикоягӣ ва ҳозира-оянда ба вазифаи сиғаи амрӣ омада, илтимос, хоҳишро ифода мекунанд:

Агар бемалол бошад, шумо бо ман **ҳамроҳӣ мекардед (С. А., Марги суд., 118); Мебахшӣ,** дили туро сиёҳ кардам **(Ф. Н., Вафо, 160).**

Дар ифодаи шарти ғайриреалӣ низ феълҳои замони гузаштаи сиғаи хабарӣ ба кор бурда мешавад:

Агар ҳукумат гандум намедод, онҳо мемурданд **(Ҳ. Карим, Ҳик., 9).**

Дар забони гуфтугӯӣ дар ифодаи ҳамин маъно шаклҳои махсуси феъл: «равад буд», «гӯяд буд»... истифода мешаванд.

Баракс, шаклҳои феълии сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ дар баъзе мавридҳо ба вазифаи феълҳои сиғаи хабарӣ омада метавонанд:

Аз ҷояш хест ва монанди тире, ки ба тарафи нишон равад, рост ба тарафи обхӯрак нигоҳ карда давид **(С. А., Ятим, 130).**

Дар ифодаи замони воқеи амалу ҳолат низ шаклҳои гуногуни замонӣ ба кор бурда мешавад. Чунончи, бо мақсади ба ҳангоми сухан наздик намудани ҳодисаи дар гузашта воқеъгардида шакли замони ҳозира-оянда кор фармуда мешавад:

Қорӣ Ишкамба бо шунидани ин пешниҳод аз шодӣ ба пӯсташ **намеғунҷад... (С. А., Марги судх., 168).**

Бараксн мисоли боло шакли замони гузаштаи ҳикоягӣ дар ифодаи замони ҳозира омадааст:

Ман **таклиф мекардам,** ки ба шартномаи социалистӣ... ин ҷиҳати корро дар назар дорем **(Ҷ. И., Шодӣ, 257).**

Тарзи мафъулӣ низ бо роҳҳои гуногун ифода меёбад. Дар услуби адабӣ-китобӣ бо ёрии феълҳои «шудан», «гардидан», вале дар гуфтугӯ бештар бо шакли пурраи сифатҳои феълии замони гузашта:

Дар он ҷо электростанцияи нав **сохтагӣ (П. Толис, Тобистон).**

Тарзи аввали ифода ба гуфтор оҳанги расмият

медиҳад: ташкил ёфтан, барпо гардидан, буньёд карда шудан.

Феълҳои забони тоҷикӣ ба давомнокӣ ва мутлақияти амал низ далолат мекунанд. Дар забони китобӣ бо префикси **би-** ифода гардидани намуди мутлақ ва бо префикси **ме-** ва феъли ёридиҳандаи «истодан» ифода шудани намуди давомнок характернок бошад, дар услуби гуфтугӯӣ бештар бо феълҳои ёридиҳандаи «мондан», «рафтан», «баромадан», «гирифтан», «додан», «фиристодан», «гаштан», «хобидан»...

— Эй насанҷида раведе, гурда-мурдаамро кафонида фиристод **(Р. Ҷ., ҷ. к. 1, 60)**; — Бо корд бурида партоӣ, хуб мешавад,— гуфт Шокир ба Қулмурод **(С. А., Ғул., 227)**.

**Машқи 55.** Дар ин порчаҳои бадеӣ феълҳо аз рӯи маъно, мутобиқати шаклҳои замонӣ, аз ҷиҳати сохту таркиб ва оҳанги талаффуз чӣ хусусияти услубӣ зоҳир кардаанд?

1. Хурд будӣ, навозишат карданд. Хандидӣ. Завқидӣ. Қоҳ-қоҳ задӣ. Кӯдакона ноз кардӣ. Модар модарона бӯсид. Падар падарона саратро молид. Чашмонат лахча барин медурахшиданд. Рухсораат себи сурх барин метобид.

2. Китоби ҳаёт саҳифаҳои асрашро гардондан гирифт. Ҳар як байти он, ҳар як достони он ба ту дарси ҷӯшу хурӯш доданд. Закӣ будӣ, аммо шогирди саркаш будӣ. Ноз мекардӣ. Ба дарс дер меомадӣ, шӯх будӣ, Вале устодат забардаст буд. Ин дарсҳо ҷӯшу хурӯшатро паст накарданд. Ҷилаватро доданд. Калиди саодатро ба ту супурданд...

3. Ғамзаи дурушти ҳаёт, нози дағалонаи зиндагонӣ ҳастии ҳассоси туро коҳонданд. Рӯҳи фарахнокй туро пай дар пай пажмурда намуданд. Рухсори сурхатро зард, оташи чашмонатро хомӯш, мӯйҳои сиёҳатро парешон карданд. Хамидӣ. Маъюс, ҳазин шудӣ. Аз сари минбар дар болои тобути ҷасади зинда, вале рӯҳи мурдаи ту «ҷаноза» хонданд. Наханидидӣ, наболидӣ. Гиристӣ...

4. Ҷилаваш дар дастат аспи аср шиҳа зад, ғамзанамоӣ кард, вале ту болои он дуруст нанишастӣ. Савор шуда боғистонро насайридӣ, меваашро начашидӣ, гулҳояшро ба баногӯшат наовехтӣ. Ба бӯяш сер нашудӣ. Монанди кӯдак назавқидӣ, монанди гул нашукуфтӣ (Ҳ. Карим, Оқшуда, саҳ. 364—365).

**Машқи 56.** Маъною вазифаи феълҳои бо ҳарфҳои сиёҳ чопшударо эзоҳ дода, муайян кунед, ки ҳамон мафҳумҳои амалу ҳолатро боз бо кадом шаклҳои феълӣ ифода кардан мумкин аст. Эзоҳ диҳед, ки чаро муаллиф маҳз ҳамин шакли феълиро писандидааст.

1. Чунон зираку девкор аст, ки вай кор кунад, ту **тамошо карда шинам мегӯӣ! (Р. Ҷ.).** 2. Охир, ҳамин ҳазлу вақтхушист, ки худ масту аласт шуда **ғалтида бихоб!** Як бечораи ба домат афтодаро ҳам **дарди сар кун! (С. А.).** 3. Пӯлод ако, модарам хӯрок тайёр карданд, **рошед будааст (Р. Ҷ.).** 4. — Душманро шинохтан бисьёр душвор будааст. Ҳар қадар **тоза кунед** ва **чинед** ҳам, ин лаънатӣ курмаки биринҷ барин якто-нимто мемондааст **(Ҳ. К.).** 5. — Ин қадар дер мондед?..— Ба лашкари ислом «ёрӣ» надиҳем, намешуддия **(Ҳ. К.).** 6. Оҳиста ба рӯяш **нигоҳ кунам,** рангаш канда истодааст **(С. У.).** 7. — Меҳмонҳо аз куҷо **омадагӣ? — Надонам (Р. Ҷ.).** 8. Лола бошад, газетаро **дид-диду** боз гашта ба рӯи стол гузошт **(Ҷ. И.).** 9. Ҳой, арраи ҳазордандони умр, **мегӯям,** шахтаҳо акнун рӯз барин **равшан шудагӣ (Р. Ҷ.).** 10. ...агар ман котиби бюрои фирқа мебудам, масъаларо дар маҷлис монда, албатта, аз дасташ билети фирқавиро гирифта монда, баъд ҷавобаш медодам. Сонӣ, ба куҷое, ки мехост, майлаш, **равад буд (Ҳ. К.).**

**Машқи 57.** Ҷумлаҳоро хонда мулоҳиза кунед, ки кадом феълҳо ду тарзи истеъмол (мисли хобонд — хобонид) доранд ва дар он матн кадом шаклро кор фармудан беҳтар аст.

— Нафаҳмидед, инҳо (абрҳо) таронаҳои Раънооконро шунавида аз роҳи дуру дароз давон-давон омада, ба сари гӯяндаи тарона соя афканда гузашта истодаанд...; Рамазон... ҷавобе, ки аз дуруст шудани зиндагонии худаш ва ҳамсинфонаш бошад, намешунавид, маъюс мешуд; ...ҳар замон ба ҳамхобааш дилдорӣ дода, ҳикояи зоида шудани худро (аз забони момодоя шунавидагиашро) ба ҷӯраҳояш нақл мекард; Домулло оташинона аз ҷояш хест ва ба модар лаънат боронид; Танҳо як хирмани пахтаи сафед... аз чанд қадам он тараф менамоид; ...ҳоло одамҳои аноӣ ёфт мешаванд, ки «ваъзу насиҳати» Муллоҳасратро шунавида рӯза доранд...; Ана акнун ба пеши чашми Раҷаб ширрӣ мурдаи падараш нанамоида, рӯзҳои оянддааш ҷилва менамуданд; Гулбибӣ ба дасти худ ҷорӯб гирифта, рӯи ҳавлиро мерӯбид; — Ҳа, ин кас риш

тарошиданӣ буданд; Ман фақат риш тарошиданамро фаҳмонидам **(Б. А.)**; Дар ҳамин вақт яке аз се телефони дар паҳлуи столи хатнависӣ, дар рӯи чорпояи давраи махмалпӯш истодагӣ занги чунон баланд зад, ки ҳам сухани Назаровро буриду ҳам мурғи хаёли дар ҳавои Қрим парвозкунандаи Шукуровро дар як он гардонда, ба ин ҷо оваронд (Р. Ҷ.); ...баъд аз борон дар натиҷаи тобидани офтоб болои замин шахсафолак баста пахтаро сабзидан намемонад **(Алихуш)**; ...кампирволида ғурбатро сар карда, ба сарам таъна мебоверонид; Ҳеҷ шарм намедорӣ, ки дар сари ҳафта туро ин гуна калтаккорӣ карда ба сари ман фиристоданд? **(Б. А.)**; Писарчаашро ба пеши чароғ оваронда хатро **мехононад (Р. Ҷ.)**; ...баъди аз кадом лаҳади торик, аз бадарға гашта ба ин ҷо омада мондани додари бенӯхтааш Ҳасан, ки дар ҳеҷ ҷо кор намекунаду ба карру фарраш оби хуми Намангон мебаходад, овози ин гови бешир боз баландтар шуда монд **(Р. Ҷ.)**; Акнун чашмони ӯ ба худаш итоат намекарданд... ҳамчун мили қутбнамо фақат ба тарафи духтар метобиданд **(Р. Ҳайдаров)**.

Машқи 58. Дар мисолҳои зерин ба мавқеи истеъмоли феълҳои **фуромадан — фуруд омадан, гузаштан — гузар кардан** диққат кунед. Дар кадом маврид феълҳои содда ва ё сохтаро кор фармудан лозим аст ва дар кадом маврид феълҳои таркибии ҳаммаъноашро?

1. Бе равшании моҳтоб дар ин гуна шабҳо аз ин роҳҳои пурхавф ва мудҳиши байни кӯҳҳо гузар кардан ҳеҷ мумкин набуд. 2. Сурхоб дар моҳҳои зимистон ва тирамоҳ ва аввали баҳор имконият медиҳад, ки дар ҷойҳои ҷудогонаи вай асп ва шутурон гузар кунанд. 3. Дар аввали шаб дар пушти кӯҳ тарафи ғарбии Ҷиргатол як парчаи моҳтоб дида шуд, вале баъд аз соати 12 шаб вай ҳам ба паси кӯҳ фурӯ омада, равшании шабро ба торикии тира мубаддал кард. 4. Шамоли дашт торафт тезтар шуда, ба димоғҳо анвои бӯйҳои гуногуни даштро пай дар пай мерасонид, гоҳе бӯи тезу тунди алафи камоли кӯҳӣ димоғҳоро баста мекард. 5. ...Сергей бо отрядҳои худ ағбаи Тӯпиро фурӯ омада, ба Ҳоит дохил шуд. 6. Занони ҳомила худро нигаҳдорӣ карда наметавонистанд. 7. Отряди Шестопалов аз наҳрча гузар накарда буд, ки овози даҳшатноки туфанг аз байни дарахтон ба-

ланд шуд. 8. Чойхоначӣ бо як саросемагӣ милкҳои чашмонашро бо кафи дасташ молиш дода сар бардошт **(Алихуш).**

**Машқи 59.** Дар мисолҳои зерин ба ҷои феълҳои **ташкил додан, барпо карда шудан** ва ғайра кадом феълҳоро гузошта содда ва равон ифода кардан мумкин аст? Ҷумлаҳоро таҳрир карда, ба дафтар нависед.

Дар вақте ки нафаси охирини ҷон кашида мешавад, мубориза барои зиндагонӣ, барои раҳидан аз марг чӣ андоза тез мешавад; Дар ҳамин сафарам ба даруни Ҳоит ҳам даромадам. Дар Ҳоит ғайр аз се-чор милиция ва панҷ-шаш коргар дигар касе нест, ки туро зада бигиранд; Аъзам дар ин ҷо ҳам як тирборони даҳшатноке ташкил дод; Дар нимаи шаб то саҳар Аъзам ва йигитҳои вай дар пушти Ҷиргатол як ифлосигарии бедодонаи бузурге ба вуҷуд овардаанд; Гов ва гӯсфандон кушта шуда дар гулханҳо кабоб карда мешуданд; Имшаб низ Сергей қӯрғонро бо рафиқони худ маҳкам дошта, душманро ба комилан ғалаба кардан роҳ надод; Дар байни ду шаб тахминан 1500 нафар бекҳои кӯҳнаи махсуми Фузайл, боён ва якчанд фиребхӯрдагонро ҷамъоварӣ кардааст...; Сергей дар роҳ мегуфт: «Душман бояд ба даст дароварда шавад»; Аз зери борае, ки Тутанбой ҷой гирифтааст, нӯги милтиқи вай меҷунбад. Вале худи вай дида намешуд; Аз омадани мо ғавғо ва гирьяву нолаи наве сар зада монд. Аммо ин гирья ва нолаҳое, ки дар назди мо барпо шуда монд, на монанди он гирья ва нолаҳое буданд, ки дар назди босмачиён аз тарафи ин мардумони ситамкашида барпо карда мешуд; Душман боз ҳам бадқаҳртар шуда буд, аз рехтани мурдаи бисьёри худ наваҳмида хунрезиро ташкил медод; Вай мехоҳад бедодгариҳои шаш-ҳафт сол пеш давом додаи худро дар сари меҳнаткашон аз нав ташкил намояд **(Алихуш).**

**Машқи 60.** Дар мутобиқати шаклҳои замонии феъл ба кадом нуқсонҳо роҳ дода шудааст? Ҷумлаҳоро ислоҳ карда ба дафтар нависед.

1. Душман ҳанӯз пеш меомад. Офтоб кам-кам ба паси кӯҳҳо фурӯ рафта, нимаи дашти Рахшро сояи кӯҳ пахш карда гирифтааст **(Алихуш).** 2. Дар айвони

масчиди қишлоқ Исмат-командир машғули таомхӯрӣ буд. Аз ҳар гӯшаи қишлоқ овози Эшмат-оқсақол омада истодааст. 3. Офтоб аз назар ғоиб шуда, дар уфуқи дур фақат шӯълаи гулхани чӯпонони саҳроӣ абрпорчаҳоро бӯса карда истодааст. Оҳиста-оҳиста боди форам мевазид. 4. Мардум аз хуфтан баромада, сӯи хонаҳои худ пароканда шуданд. Рӯшноии моҳтоб бақувваттар шуда истодааст **(Ҳ. Қ.)**. 5. Сухан ба ин ҷо расида буд, ки ҳама чаппак зада Раъноҷонро ба болои дасти худ бардоштанд ва табрикҳо мекарданд **(Б. А.)**. 6. Вай (синфи истисморшаванда) зулм медид ва ё дар ҷанг ва ҷидолҳо кушта шуда маҷрӯҳ мешуд. 7. Рӯзи сешанбе офтоб аз теғаи кӯҳи Мунданӯл намоён шуда, барф дар замин қариб як метр боридааст **(Алихуш)**. 8. Ҳамин ки дузди пахтаро ба пеши чароғ оварда кофтуков намуданд, аз соқи мӯзааш як дудамаи хунолуд ёфта, ҳама дасту по гум карданд ва аз пиёда воқеаро мепурсиданд. Пиёда сари худро хам карда, ҷавоб намедиҳад. Саволҳо ба болои ӯ мерезанд, вай боз ҷим... охир дузди номаълум забон баровард... **(Б. А.)**.

**Машқи 61.** Феълҳо аз ҷиҳати сохту таркиб ва дигар хусусиятҳои морфологиашон чӣ нуқсон доранд? Онҳоро чӣ тарз ислоҳ кардан мумкин аст?

1. — Пудратчӣ фаҳмад, маро ҷанг мекунад,— гуфта аз қабули ин таклиф ибо варзид **(Ҳ. И.)**. 2. Ҳикояи «ифторкунони арақнок» ба ёдам расид, ки чанде пеш онро ба ӯ яке аз ҳамсоягонаш нақл намуду ҳар ду тоза ҳам ханда-ханда карда буданд **(Р. Ҷ.)**. 3. ...аз пешонии ҳамвори васеъ, лабҳои ғафси ба табассум кушода ва дандонҳои сап-сафедаш кас бар хеле ҷавон будани ӯ яқин ҳосил мекард **(Ҳ. Қ.)**. 4. Дар колхози ҳамсоя... аллакай барои ба пахтакорӣ машғул шудан қарор намуда, ба кор сар карда буданд **(Аз газета)**. 5. Дар ҳолати давоми ҷанг Мулломирзо Умед ном рӯҳонӣ масъалаи барҳам задани ҷанги байни волии Ғарм ва Усмонро ба шакли дигар оварда, барои аз ҳуҷум баргардонидани Усмон бо чанд нафар амалдорони дигар, ки дар вақти шӯриш зоҳиран ба тарафи Усмон гузашта ва ба сурати махфӣ ба волии Ғарм алоқа доштанд, кӯшиш мекунанд. 6. Дар пастӣ ва баландиҳои доманаи дашт гулҳои

лоламонанд чунон базеб метобиданд, ки гӯё дар он ҷойҳо қолини сурхи ҷигарие густаронида бошанд **(Алихуш).**

### Пешояндҳо

Пешояндҳо дар ифодаи муносибатҳои семантикию грамматикии калимаҳо дар ҷумла роли калон мебозанд.[1] Як миқдор пешояндҳои аслӣ аз ҷиҳати маъною вазифаашон ба ҳамдигар хеле наздик шуда хусусияти синонимӣ пайдо мекунанд:

Бо ин андеша **дар** атроф чашм меандохтам **(С. А.).** Гулрӯро **ба** шаҳр монда омадӣ **(Р. Ҷ.);** Вай **ба** зин кардани асп рафт **(С. А.);** Эҳтимол **ба** хотири хонандагон гузарад... **(С. А.).**

Дар мисоли аввал пешоянди **дар** ба вазифаи **ба** ва дар мисоли дуюм баръакс омадааст. Дар ҷумлаи сеюм ба ҷои пешоянди **ба — барои** ва дар мисоли охирин пешоянди «аз»-ро кор фармудан мумкин аст.

Пешояндҳо аз рӯи мавқеъ ва дар кадом услуби забон истеъмол шуданашон ҳам фарқ мекунанд. Пешояндҳои таркибии «ба сӯи», «дар бобати», «ба туфайли»... бештар дар услуби хаттӣ, «худи», «қати», «қати»... дар гуфтугӯ маъмуланд.

Дар забони тоҷикӣ пешояндҳои ҷуфти ҳаммаъно мавҷуданд, ки яке хоси услуби китобӣ буда, дигаре хоси забони зинда ва ё характери умумиистеъмолӣ доранд: ҷуз, ба ҷуз — ғайри, ғайр аз, баҳри — барои, қабл аз — пеш аз...

Пешоянди «зи» варианти пешоянди «аз» буда, танҳо дар назм кор фармуда мешавад.

Дар забони гуфтугӯӣ баъзан як ҷузъи пешояндҳои таркибӣ меафтад:

Ҳар шаб як бор **пеши** қӯрбошӣ рафта меоям; Бисьёр шабҳо **даруни** хокистари гарми ошхонаи бозор хобидам. Пеш-пеш Шаҳобиддин командир **болои** аспи ҷиранаш меомад **(Ҳ. Қ.).**

Ихтисори пешояндҳои аслӣ низ аз хусусиятҳои хоси забони зинда аст:

Ҷишаб хона рафта ош хӯрд; Гурӯҳе, ки на пул

---

[1] Неменова Р. Л. Предлоги в таджикском языке. Сталинабад, 1954.

доштанд ва на фарзанд, на ҷавонӣ ва на зӯр ризо ба қазо дода Бухоро рафтанӣ шуданд **(С. А.)**.

Дар аъзоҳои чидаи ҷумла барои таъкиди фикр пешоянд ё пасояндҳо такроран оварда мешаванд: Ин бозӣ ҳам ба Шодӣ, ҳам ба Соро ва ҳам ба худи бузғола бисьёр хуш омад; Ман рӯи туро, мӯи туро, бӯи туро дӯст медорам, ман чашми туро, чашми бехашми туро, суми чун яшми туро дӯст медорам **(С. А.)**.

Аммо баъзан дар ҳангоми кор фармудани пешояндҳо ба ғалатҳои услубӣ роҳ дода мешавад.

Мисолҳо:

1. Аз Хайринисо оид ба ин масъала ҳеҷ кас чизе напурсид. 2. Падару модараш бар зидди хоҳишаш вайро ба Ҳусейн номзад намудааст **(Қаламҳои пурумед)**. 3. Бо нодонии мо, одамони қадим, ҳарчанд хандетон ҳам, меарзад **(Б. А.)**. 4. Ҳалли бисьёр масъалаҳои муҳимму таъхирнопазир вобаста бо ба истифодадиҳии завод кашол ёфта истодааст **(Аз газета)**. 5. Шабҳое, ки падарам ба қаровулии завод мерафт, ман бо Мухтор дар хона танҳо хобидан метарсидем **(С. У.)**. 6. Дар пагоҳии бисту ҳафтум Аҳмадҷонамак ҳам аз ақиби писараш ба пункти даъват равона шуд **(Ҳ. К.)**.

Дар мисоли аввал пешоянди **оид ба** бемавқеъ омадааст. Пешоянди таркибии **бар зидди** низ дар ҷумлаи дуюм ба ҷои **бар хилофи** кор фармуда шудааст. Пешояндҳои мазкур бо тобишҳои маъноияшон фарқ мекунанд. Дар мисоли сеюм пешоянди **бо** тамоман ғалат истеъмол шудааст, зеро феъли хандидан пешоянди **ба**-ро талаб мекунад. Дар ҷумлаи чорум ду пешоянд (вобаста бо, ба) дар як ҷо омадаанд, ки ин хилофи фасоҳати нутқ аст. Дар ин ҷо матлабро ба воситаи ҷумлаи пайрав ифода кардан беҳтар аст: ...ки ба истифода додани завод вобаста аст... Дар мисоли охирин пешоянди «дар» партофта шавад, ҷумла зарар намебинад, баракс равонтар мешавад.

**Машқи 62.** Дар ҷумлаҳои зерини повести «Одина» кадом пешояндҳоро иваз кардан мумкин аст? Ҳаммаънӣ ва ҷиҳатҳои фарқноки пешояндҳоро муайян кунед.

1. Одина аз ин ҳол пай бурд, ки ҳар чӣ ҳаст, ба он тараф аст. 2. Ҳоло ҳам хайрият, ки афтодани гӯс-

фанд дар ҳангоми пур шуда омадани селоб рост наомадааст... 3. Акнун вақти он аст, ки аз хӯҷаини худ рухсат гирифта дар паи кори худ шавӣ... 4. Арбоб Одинаи бо шатта шалпаршударо ба ҳоли худ гузошта, монанди касе, ки ногоҳ чизе ба хотираш расида бошад, давида ба сари кӯча баромад... 5. Агар сирам фош гардида ба дасти ин номарди ғаддор талаф шавам, аз ман абадӣ ҷудо мешавӣ... 6. Ин вақт хашми Арбоб қадре паст гардида... ба муносибати омадани аҳли деҳа Одинаро ба ҳоли худ гузошта, пеш аз пурсидани онон шикоят сар кард. 7. ...ситамгарони бедодгар... ӯро ба ҳоли худаш намегузоранд ва ба зӯру зулм дар панҷаи як марди аҷнабӣ... гирифтораш созанд. 8. ...раво мадор, ки дар ин пиронсолагӣ ман ба сабаби ҷудоии ту гӯё ки ба дасти ту ҳалок шавам. 9. Ҳар сангеро, ки гӯсфанд дар асной ғалтидани худ дар ҷунбиш ва ҳаракат меовард, ба ҳамин тариқа аз расидани санге ба санге ғулғулае дар кӯҳсор бархоста буд.

**Машқи 63.** Ҷумлаҳоро хонда маъною вазифаи грамматикии пешоянду пасояндро муайян кунед. Шарҳ диҳед, ки дар кор фармудани пешояндҳо ба кадом ғалатҳои грамматикӣ ё услубӣ роҳ дода шудааст. Ҷумлаҳои ғалатро ислоҳ карда ба дафтар нависед.

1. — Ҳайфи туро даҳ сол хонондани муаллимон, Амон,— гуфт ӯ аз дарун-дарунаш афсӯс хӯрда (**Б. О.**). 2. Дар пойгаҳ шахси дигаре нишастааст, ки аз парешонии хавоси вай, ба мулоҳиза ба даҳони ҳар кадоми онҳо нигоҳ карда шиштанаш зоҳир мешавад, ки ӯ аз аҳли ин маҷлис бегона аст ва дафъаи аввал дар ин ҷо афтодааст (**Б. А.**). 3. Совхози мо аз зиёд кардани саршумори чорво, супурдани гӯшт, шир, пашм, ба зимистон тайёр кардани чорво соли ҷориро бомуваффақият анҷом медиҳад (**Аз газета**). 4. Халқи ҷоҳил низ аз онҳо пайравӣ намуда, омин гуфт (**Ҳ. И.**). 5. Ана, дадои Муайяна, Қодирамакат ба нафақа баромаданашонро як сол шуд ё нашуд, аз баҳраш гузаштанд (**М. Х.**). 6. Аксари органҳои маҳаллии кино то ҳол кинонамоишдиҳиро бе ба ҳисобгирии талаботи маданий меҳнаткашон, дараҷаи синну сол, маълумот, касбу кори онҳо ташкил дода меоянд (**Аз газета**). 7. Ершов, ки дар замин нишастан одат накарда буд, дар кӯрпача пойҳои мӯзадорашро ба як

тараф дароз карда нишаст **(С. У.)**. 8. Ман дар ҳамин вақт баҳайронӣ монда будам, ки як ҷавон дар бағалаш як даста қоғаз ҳозир шуда монд **(Б. А.)**. 9. Вай фақат ба шодии мо шарик шудан одат карда буд **(С. У.)**. 10. ...риши монанди риши буз дароз ва борики сафеди аз ба лаби кӯрпаи болопӯш расидан мисли нӯги чоруғи осмоннигар ба боло қатшуда, чашмони фурӯрафтаи вай ӯро ҳоло... чун як себи дукафон ба ҷин монанд карда буд **(Р. Ҷ.)**. 11. Ин буд, ки мо ту маҳбут дар рӯи ҳавлӣ ба куҷо, ба кадом аз ин хонаҳо рафтанашро надониста меистод **(Б. А.)**. 12 Инкишофи беназири маданияту санъати халқи ӯзбек на танҳо бо мавзӯъҳои нав ба нав, балки бо ба вуҷуд омадани жанрҳои барои мусиқии ӯзбек нави ҳозиразамон ҳамроҳӣ мекард **(Аз газета)**.

**Машқи 64.** Дар истеъмоли пешояндҳо чӣ гуна ғалатҳо содир шудаанд. Ҷумлаҳоро ислоҳ карда навишта гиред.

1. Дар ин ҷо ҳам аз ҳар тараф заҳматкашони довталабро ба сӯи худ — ба сӯи сарнагун кардани зулм даъват менамоянд. 2. Иртиҷоиён ба сифати махфӣ бо қишлоқҳои Ғарми поён ва Обигарм алоқаи махфӣ баст. 3. ...дар Ғарм ба Усмон хушомадгӯӣ, меҳмоннавозӣ намуда, ӯро чунон бовар кунониданд, ки вай ба вуҷуд омадани аксулҳаракатчигӣ боварӣ накард. 4. ...дар вақти шӯриш зоҳиран ба тарафи Усмон гузашта ва ба сурати махфӣ бо волии Ғарм алоқа доштанд. 5. Об аз ҷӯй равон гашта, ба ҷӯйҳои байни кишти пахтаи Одина саркор медарояд, бо байни ниҳолҳои пахта поён меравад **(Алихуш)**. 6. ...ҷӯраҳои ҳамкораш ба рафтани Майдони Сурх омода мешуданд **(Б. А.)**. 7. Пагоҳӣ шод андар соати шаш, Равон гардид ёрам сӯи саҳро. 8. Қарим синфи даҳумро ба якҷоягии Соҷида тамом карда бошад ҳам, аммо дар ягон ҷой кор намекард. 9. Соҷида ду-се маротиба ба байни кӯчаи калони қишлоқ рафтуой кард 10. Ҳар ду ба сӯи теппае, ки пеш аз кӯҳ ҷой гирифта буд, мерафтанд. 12. — Аз ин орзуи ман ту розӣ нестӣ? Ман хаёл доштам, ки ба ин орзуи ман бениҳоят хурсанд мешавӣ **(Қаламҳои пурумед)**.

**Машқи 65.** Матнҳои асари бадеиро муқоиса карда шарҳ диҳед, ки нависанда дар ҳангоми таҳрир кадом унсурҳои лексикӣ ё морфологиро тағйир додааст ва сабаби он чист.

| | |
|---|---|
| 1. Заҳро ҳар як калимаро худди шумурда истодагӣ барин карда ба командир гуфт. Ҳар як калимаи Заҳро гӯё як санге буд, ки ба сари командир зада шикаста мешуд. | Гӯё вай гап намезад, балки сангҳои дар дастонаш будаpo якто-якто чоқ карда ба нишон мегурронд. Гӯё он ҳадаф командир буд ва ҳар як санг ба хок нахӯрда рост ба синаи ӯ мезад ва мешикаст. |
| 2. Як нафар аз онҳое, ки дасти вайро мебастанд, аз ин овоз ҳаросида якбора худро ду қадам ба ақиб кашид. | Яке аз онҳое, ки дасти Бобиро мебастанд, аз ин фарьёди ӯ ҳаросида, монанди аспи аз ягон чизе хӯсида якбора худро ду қадам ба ақиб партофт. |
| 3. Балки бо тири босмачиён дар ягон ҷарӣ ба хунаш ғелида ҷон канда истода бошад. | Балки вай бо ягон тири ногаҳонии босмачиён дар ягон ҷарие ба хуну хокаш оғушта шуда ҷон канда истодагист. |
| 4. Оби дидаҳо бемалол рӯи парчини холаро шустан гирифтанд. | Ашк рухсори пур аз оҷингашро шуста... ба рӯи синааш шорида мерафт. |
| 5. Мижгонҳои дарозаш худи парида истодагӣ барин беором пасу боло шуда меистод. | Мижгони дарозаш беором мепарид... |
| 6. Фузайл аз болои асп фуруд наомада... майдони ҳарбро аз назар мегузаронид. | Фузайл аз болои асп нафуромада... майдони ҳарбро аз назар гузаронид. |
| 7. Моҳ аз қабати ин абрҳо шуоҳои худро бемадорона ба рӯи барф ба қишлоқи С равон намуда буд. | Аз қабати ин абрҳо моҳ бемадорона ба он барфистон рӯшноӣ меафканд. |
| 8. Тирамоҳ, борони майда борида истодааст. | Аввали зимистон буд. Ду рӯз боз беором борон меборид. |
| 9. Аспони отрядҳо сап-сафед каф карда буданд, ҳаросида дам мегирифтанд. | Аспҳои отряд каф карда, ҳарсида дам мегирифтанд. |
| 10. Ман «азони худӣ» шудам. Чорон панҷ шудем. (Ҳ. Карим, Садои рӯзҳо, 1935). | Ман «азони худӣ» шудам. Чор тан панҷ тан шудем. (Ҳ. Карим, Ҳикояҳо, 1940). |

# СИНТАКСИС

## Хусусиятҳои услубии ибораҳо

Ибораҳо воҳиди муҳимми синтаксисӣ буда, аз калимаҳои мустақилмаъно таркиб меёбанд ва дар забон барои пурра ва мукаммалтар ифода кардани фикр хизмат мекунанд. Аз ҷиҳати сохт, тарзу воситаҳои алоқаи калимаҳо, аз рӯи муносибатҳои семантикию грамматикии ҷузъҳо дар забон типҳои гуногуни ибора мавҷуданд, ки як қисми онҳо дар ифодаи баъзе мафҳумҳо хусусияти синонимӣ зоҳир мекунанд:

1. Ду сол подабонии қишлоқро кардан, мардикории дусола дар Кӯлоб ва се сол дар дари як бой панҷьяккорӣ карда истодан ба ӯ аз китоби қомуси зиндагӣ хуб сабақ дода буд.

2. Ду сол подабонӣ дар қишлоқ, мардикории дусола дар Кӯлоб ва се сол панҷьяккорӣ дар дари бое ба ӯ аз қомуси зиндагӣ хуб сабақ дода буд (Ҳ. Карим, Садои рӯзҳо, 1935, саҳ. 12; Оқшуда ва ҳикояҳои дигар, 1936, саҳ. 39).

Дар мисолҳои боло ибораҳои «ду сол подабонии қишлоқро кардан» ва «ду сол подабонӣ дар қишлоқ» як мафҳумро бо ду роҳ: ибораи масдарӣ ва ибораи номӣ ифода кардаанд.

Дар байни ибораҳои номию сифати феълӣ низ хусусияти синонимӣ мушоҳида карда мешавад:

Чойхонаи дар рӯ ба рӯи ревкомхона будагӣ — чойхонаи рӯ ба рӯи ревкомхона.

Дар натиҷаи тағьир додани ҷои компонентҳои ибора тарзҳои гуногуни ифода ба миён меояд: аскари сурхро надидагӣ одам — одами аскари сурхро надидагӣ, нолиданҳои аз ҳукумати подшоҳӣ — аз ҳукумати подшоҳӣ нолиданҳо, ба коргарон расидани ин мужда — расидани ин мужда ба коргарон, ин золимонро ҳимоя кардани маъмурони подшоҳӣ — ҳимояти маъмурони подшоҳӣ ин золимонро ва амсоли инҳо.

Иборахо бо тарзҳои дигари ифода низ хусусияти ҳаммаъноӣ пайдо карда метавонанд:

Гулбибиро мо намегӯем, ки аз дебо қабо, аз катон пироҳан, аз зарбафт камзӯл, аз махмал калтача; аз фарангӣ сарбанд, аз дурру марворид овеза ва гарданбанд, аз зари холис дастпона ва аз алмос ангуштарин дошт (С. Айнӣ, Куллиёт, ҷ. 1, саҳ. 208).

Дар ин ҷо мафҳумҳои «аз дебо қабо, аз катон пироҳан, аз зарбафт камзӯл, аз махмал калтача, аз фарангӣ сарбанд, аз дурру марворид овеза ва гарданбанд, аз зари холис дастпона ва аз алмос ангуштарин»-ро бо ибораҳои номии «камзӯли зарбафт», «сарбанди фарангӣ», «овеза ва гарданбанди дурру марворид» ва ғайра ҳам ифода кардан мумкин аст. Вале ин ду роҳи ифода бо хусусиятҳои услубиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Нависанда бо ёрии тарзи ифодаи аввал маҳз аз чӣ гуна матоъ ва ашьёҳои пурқимат дӯхта ё сохта шудани он либос ва асбоби зинатро таъкид намуда, бо ин васила камбағалӣ ва тангдастии қаҳрамони асарро бори дигар хотиррасон мекунад. Дар сурати бо ибораҳои изофии номӣ баён кардани фикр ин ҷиҳати тасвир ноаён мемонад.

Бояд дар назар дошт, ки дар ҳолати аз ҳад зиёд тафсил ёфтани таркиби ибора баёни фикр душвор ва тарзи ифода вазнин мегардад. Дар чунин мавридхо аз қолибҳои дигари синтаксисӣ фоида бурдан беҳтар аст:

То ҳанӯз ду ҷои гӯшаш бо докаи сафеди тоза аз пешона ва пушти сараш гузаронида бастагӣ Қосим бисьёр вақт ба хонааш намеояд **(Ҳ. Карим)**; Тирҳои дам ба дам аз ярокҳои гуногун аз ҳар ду тарафи дарьё ба муқобили якдигар паррондашуда ҳамчун чароғак равшании якнафаса медоданд **(Р. Ҷалил)**.

Дар ҷумлаҳои боло ба ҷои ибораҳои хеле тафсилёфтаи «то ҳанӯз ду ҷои гӯшаш бо докаи сафеди тоза аз пешона ва пушти сараш гузаронида бастагӣ» ва «дам ба дам аз ярокҳои гуногун аз ҳар ду тарафи дарьё ба муқобили якдигар паррондашуда» ҷумлаҳои пайравро истифода кардан ба мақсад мувофиқ аст.

**Машқи 66.** Дар сохту таркиб ва тарзи кор фармудани ибораҳои масдарии ҷумлаҳои зерин ба кадом ғалатҳои грамматикӣ ва услубӣ роҳ дода шудааст? Ҷумлаҳоро таҳрир карда ба дафтаратон нависед.

Оқибат коргаронро кор ба ҷон ва корд ба устухон расид, миёни худ машварат карда аз хӯҷаин... кори барзиёдиро аз гарданашон бардоштанро талаб кардани шуданд **(С. А.)**; Шамсӣ як ҷавони фаъол ва як колхозчии зарбдор бойҳо ба вай душман буданро донистааст (Б. А.); Усмон дар ҳамон вақт ба хубӣ замина ва имконият доштааст, ки ҳукумати кӯҳна ва усули вайро тамоман барҳам зада, шӯришро бо аз миён бардоштани усули подшоҳӣ ва ҳукумати кӯҳна натиҷанок кунад; Аз додани ҷарима ва андозҳо саркашидагон дар зиндон мемурданд ва ё ними умри худро дар торикии ҳабс мегузаронианд **(Алихуш)**; Ночор ба гашту гадоӣ баромадааст, ба ҳар дари хона рафта... худаш гову гӯсфанд надоштанашро бо як ҳолати маъюсона мефаҳмондааст **(С. А.)**; Мо туро «як қадрдони кӯҳна» гуфта дар ин ҷо чеғ задем, набошад бо дигар роҳ духтари туро ба даст дароварданро ҳам медонем; Пахтаи болин аз кадом сол андохта шуданаш ба худи Холҷон он тараф истад, ба модараш ҳам маълум набуд... **(Б. А.)**; Ман ҳамин шаб ба шаҳр даромаданам лозим буданро гуфта аз шабхобӣ узр овардам; Дар қатори ташкилоти комсомолӣ ба муқобили душмани мусаллаҳ ба мубориза бархестани маро табрик карданашон бароям хеле хурсандибахш буд; Ҳозир номе, ки мо ба қалам меоварем ва ё аз ҳар ҷой мешунавем, магар дар вақтҳои дар кӯҳистони Ғарм аспи золим тохтани амирони манғитии Бухоро овозаи гӯши ҷаҳониён мешуд? **(Алихуш).**

**Машқи 67.** Дар ин мисолҳо чӣ тарз фикрро соддаю равон ифода кардан мумкин аст? Дар вақти таҳрир кӯшиш кунед, ки ду пешоянд дар як ҷо наояд.

1. Мақсади аз ба комсомол даромадан дар сохтмони социалистӣ боз ҳам ҷиддитар кор кардан аст. 2. ...ҳар кас барои ба ин рӯихат даромадан корҳои худаш кардаро баён кардан гирифт. 3. Аз ба ҳамин амири худобехабар хизмат кардан дуздиву роҳзанӣ карда гаштанамон ҳазор бор авло буд. 4. Онҳо бо ба коргарон расидани ин мужда худро бахтиёр мешумурданд. 5. Аз дар назди қозикалон нишастани ман рашк бурда буданд. 6. Ҳатто бачагони шӯх ҳам... баъд аз мактаб омадан хӯрокашонро чала-чулпа хӯрда ба сӯи каналковӣ давиданд. 7. Бо ҳамин ҳуҷуми худ дафъ-

атан қалъаи ҳокими Ҳоитро комьёб мешаванд. 8. — Агар мумкин бошад, имсол чанд рӯзи меҳнат кор кардагии маро мегуфтед. 9. Ӯ аз дар даромадан ҳамон се каси сару либосҳояшон аҷиби дар атрофи стол давр зада нишаста — пристав, ёрдамчии сардори уезд, волостной ва расми калони монанди одами зиндаи аз дарича сари худро берун оварда ба одамони ин хона бо табассум, вале салобатнок нигоҳ карда истодан подшоҳ дар зери пои қолини гулҳояш мисли гулҳои доманаи кӯҳҳои Чоркӯҳ дар баҳорон зебову ранг ба ранги дилкушо ва дигар чизҳои кабинетро дида ҳайрон шуд. 10. Ин муҳаббати номаълум дар байни ду сол ҳамчунон ба камол расида будааст, ки ҳоло дар ин саҳрои колхозӣ Ҳусейн баробари диданаш Хайринисоро дар ин синну соли муносиб ва Хайринисо Ҳусейнро як таноби мустаҳкам кайҳо дили онҳоро ба якдигар мустаҳкам баста буд ва ин таноб муҳаббат буд.

## Ҷумлаҳои содда

Бо инкишофи забони адабии тоҷик воситаҳои синтаксисии ифодаи фикр ҳам такмил мeёбанд, имкониятҳои услубии забон зиёдтар ва бо ин васила мубодилаи фикр дар байни одамон осонтар мегардад. Ҳоло дар забони тоҷикӣ конструкцияҳои гуногуни синтаксисӣ мавҷуданд, ки барои ифодаи як фикр хизмат мекунанд, аз рӯи структура ва мундаричаашон бо ҳамдигар хусусияти синонимӣ доранд. Аз рӯи ифодаи муносибати гӯянда нисбат ба амал ва воқеият чунин қолибҳои ба ҳам наздики ҷумлаҳои соддаро дидан мумкин аст:

1. Дар забони имрӯзаи тоҷик чунин ҷумлаҳои содда дучор меоянд, ки фикр дар онҳо ба тарзи инкор ифода ёфта бошад ҳам, асли мақсад тасдиқи амалу ҳолат ва аломати дар ҷумла зикрёфта аст:

Бале, ман имрӯз ба қишлоқ, пеши модарам нарафта наметавонам.— Бале, ман бояд имрӯз ба қишлоқ, пеши модарам биравам (Ҳ. Карим, Оқшуда, саҳ. 80).

Дар ҳарду ҷумла ҳам як мақсад ифода шудааст. Дар ҷумлаи аввал дар шакли манфӣ овардани феъл «нарафта натавонистан» ба он дахолат мекунад, ки амал бояд иҷро шавад. Дар ҷумлаи дуюм ҳам зарурияти иҷрои амал қайд карда мешавад, вале фар-

қият танҳо дар ин ҷост, ки ҳамон зарурат дар ҷумлаи дуюм қатъитар аст.

2. Дар ҷумлаи соддаи боло инкори инкор маънои тасдиқи фикрро додааст. Аммо дар забони тоҷикӣ худи шакли инкор ҳам барои тасдиқи фикр омада метавонад:

Гӯр ин Давлати баттол нашавад **(Р. Ҷ.)**.

3. Агар дар ҷумлаҳои содда фикр ба оҳанги пурсиш ифода гардида, ҷавоби шунаванда талаб карда нашавад, дар ин сурат, гарчи ҳабари ҷумла амал ё аломатеро тасдиқ кунад ҳам, асли матлаб инкори фикри дар ҷумла зикршуда мебошад. Дар чунин мавридҳо ҳам бо ягон мақсад аз ду тарзи ифода яке интихоб карда мешавад:

Хола чӣ кунад? Ба хонаи духтараш биравад ва дастнигари домодаш бишавад? (Ҳ. Карим, Оқшуда, саҳ. 95). Ба хонаи духтараш намеравад ва дастнигари домодаш намешавад.

Дар мисоли аввал фикр бурро ва пуртаъсир ифода ёфтааст, аммо дар ҷумлаи охирин матлаб нисбатан холисона баён карда шудааст.

4. Дар натиҷаи иваз кардани мавқеи субъект ду қолиби синтаксисӣ ба миён меояд, ки барои ифодаи як фикр хизмат мекунад. Дар ин ҳолат ҳам танҳо сохти ҷумла андаке тағьир ёфта, вале ба мундариҷаи асосии ҷумла халале намерасад. Чунин ҷумлаҳои соддаи синонимӣ бо баъзе хусусиятҳои услубиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд:

Ин аҳволи ӯ ҳамаро дар тааҷҷуб монond (Ҳ. Карим, Оқшуда, саҳ. 201). — Аз ин аҳволи ӯ ҳама дар тааҷҷуб монданд; Ин кирдори шумо тоқати маро тоқ кард (Ҳ. Карим, Оқшуда, саҳ. 192). — Аз ин кирдори шумо тоқати ман тоқ шуд.

5. Маълум аст, ки дар забони тоҷикӣ баъзе конструкцияҳои ҷумлаи содда бо ҷумлаҳои мураккаби тобеъ муносибати синонимӣ доранд. Дар баёни фикр кор фармудани онҳо ба тақозои услуб ва мақсади гӯянда ё нависанда вобастагӣ дорад:

Лекин ҳамин тавр шуданаш ҳам мумкин буд — Мумкин буд, ки ҳамин тавр ҳам шавад (Ҳ. Карим, Оқшуда, саҳ. 301, 82).

Дар ифодаи муносибатҳои грамматикӣ низ тарз ва воситаҳои синонимӣ вуҷуд доранд. Чунончи, дар

мисолҳои «Раҳимабегимро ягона муддао ин буд» **(С. А.)**, «ошиқонро миёнарави маҳрамест» **(С. А.)** ва «муддаои ягонаи Раҳимабегим ин буд», «миёнарави маҳрами ошиқон аст» ҳамон як маънӣ бо ду роҳ, бо ёрии воситаҳои гуногуни грамматикӣ ифода ёфтааст.

Ё ки ифодаи «хизмати шуморо карда» **(С. А.)**, «соҳиби як миқдор чизу чора шуд» **(С. А.)**, «ба ҳамаи ҳусн ва латофати табиӣ доро буд» бо ифодаҳои «ба Арбоб хизмат мекунӣ» **(С. А.)**, «ба як миқдор чизу чора соҳиб шуд» ва «дорои ҳамаи ҳусн ва латофати табиӣ буд» хусусияти синонимӣ дошта, танҳо аз ҷиҳати тобишҳои маъноӣ ва баъзе хусусиятҳои услубиашон фарқ мекунанд.

Дар ифодаи аъзоҳои ҷумла низ забони тоҷикӣ имкониятҳои услубии зиёд дорад. Масалан, дар ифодаи ҳоли замон: фурсате нагузашта **(С. А.)** — баъд аз фурсате, ҳоли тарзи амал: ба саломат биравам **(С. А.)** — саломат биравам; бо сарфи маблағи калон **(С. А.)** — маблағи калон сарф карда, ҳоли сабаб: бо дидани ин ҳол рӯзи равшан ба чашми Одинаи бечора шаби торик гардид **(С. А.)** — ин ҳолро дида ва ҳоказо.

Дар забони тоҷикӣ баъзан мубтадо дар шумораи ҷамъ омада, муайянкунандаи соҳибии мафҳуми ҷамъдоштаро ба худ тобеъ кунад, барои фасоҳат ва равонии тарзи ифода суффикси ҷамъбандиро танҳо муайянкунанда мегирад; Барги зарди дарахтон... ба лои кӯча омехта шудаанд **(Ҳ. Қ.)**.

Аммо баъзан бо таъсири дигар аъзоҳои ҷумла, ки бо исмҳои ҷамъ ифода гардидаанд, мубтадо танҳо бошад ҳам, саҳван хабар дар шумораи ҷамъ кор фармуда мешавад:

Кӯдак мемакид, истиқболи ӯ хаёлоти Зебинисоро дар ҷавлонгоҳҳои ҳаёт ва ҳақиқат давр мезанониданд **(Ҳ. Қ.)**.

**Машқи 68.** Мисолҳои зеринро хонда, гӯед, ки дар кадом ҷумлаҳо хабар бо мубтадо аз ҷиҳати шумора мувофиқат кардааст ва дар кадом ҷумла ин мувофиқат дида намешавад. Сабабҳояшро эзоҳ диҳед.

1. Дар ин ҷо овози Сурхоб бо овозҳои дигар якҷоя шуда ба гӯш мерасиданд **(Алихуш)**. 2. Полки са-

вораи бо пулеметҳои «Максим» ва бо автомату милтиқҳо нағз мусаллаҳшудаи аскарони сурх, ки онро «Полки саворай Самарқанд» мегуфтанд, босуръат мешитофтанд (Қаламҳои пурумед). 3. Дар байни деҳоти атрофи Тус калонтаринаш деҳаи мост. Онро ҳалқаи сабзи боғу бӯстонҳо иҳота кардаанд **(С. У.)**. 4. Маҳмези мӯзаҳояш ҷарангос мезаданд. 5. Садои туфангҳои тарафайн гӯё ба ин баҳси охирин ҷавоб мешуданд. 6. Риши мошубиринҷ рухсораи ӯро пахш карда буданд. 7. Ҳар як ҳикояи ӯ аз вазъияти ҳозираи батальон даҳшатноктар буданд. 8. — Чор нафар фарзанд дорам, дутааш дар мактаби колхоз мехонад, хатшинос шудаанд. 9. Ҳеҷ яке аз деҳқононе, ки ба арзу доди худ омада буданд, ин ҳоли раисро дида, бо андешае ба ӯ гап намезаданд **(Ҳ. К.)**. 10.— Ҳар як гӯсфандам, ба назари ман, аз даҳто кампири ту азизтаранд **(С. А.)**.

**Машқи 69.** Ҷумлаҳоро хонда, вариантҳои гуногуни ифодаи он аъзоҳои ҷумларо, ки бо ҳарфҳои сиёҳ чоп шудаанд ёбед. Онҳоро муқоиса карда, аз рӯи тобишҳои маъноӣ ва хусусиятҳои услубӣ ҷиҳатҳои фарқнокашонро муайян кунед.

1. Фақат бо мақсади он ки кӣ будани ҳамин занро бидонам, ба ӯ якчанд **саволҳои озмоишкорона додам (Ҳ. К.)**. 2. Тапиши дил, паридани ранг, ларзиши аъзо ва кашидани оҳҳои сарди бемаҳал **ба забони ҳоли ин ду гирифтор некӯ тарҷимон буданд (С. А.)**. 3. Ин буд, ки пиразан **бо дидани Ҷӯрабошӣ ниҳоят тарсид (Р. Ҷ.)**. 4. Дигар **фурсати хаёлу андеша карда истодан набуд (С. У.)**. 5. Чӣ гӯям? Баромада **таърифи ӯро кунам? (Ҳ. К.)**. 6. ...**мавҷҳои сабзагиро** танҳо харсангҳое, ки ҷо-ҷо аз камари кӯҳ барҷаста истода буданд, **халал мерасониданд (С. А.)**. 7. Шояд гумон мекарданд, ки шӯришгарон хоҳу нохоҳ маҳкуми торуморанд, **ҷои гурезу роҳи халосӣ надоранд (С. У.)**. 8. **Одинаро ҳам ягона орзу** ҳамин буд, ки ҳар чӣ зудтар аз дасти Арбоб Камол халос шавад **(С. А.)**. 9. Арбоб Камол **ба шунидани ин моҷаро** мисли шери дарранда ғурридан гирифт **(С. А.)**. 10. Вай медонист, ки ғайр аз Моҳбону дигар фарзанд ё хеше надорад, ки **барои хабаргирӣ аз ҳоли ӯ** биёяд **(Ҳ. К.)**. 11. Вақте ки **соҳиби як миқдор чизу чора шуд,** ба диёри худ боз омада, ба духтари холаи худ Гулбибӣ ҳамхона

шуда **ба хушию хуррамӣ** рӯзгор гузаронад **(С. А.)**. 12. Гулқурбон қадам нигоҳ дошта ба Ризо **чашмаки маънидоре зад (С. У.)**. 13. Дар яке аз қишлоқҳои **лаби дарьёи Аму** Эшонкул ном як бой буд **(С. А.)**. 14. Соро сарашро хам карда, рӯяшро бо остинаш пушонида **бо ҷунбонидани сар** ба бой ишорати салом кард **(С. А.)**.

**Машқи 70.** Дар ду порчаи зерин устод Айнӣ аз кадом воситаҳои таъсирбахши синтаксисӣ фоида бурдааст? Вазифаҳои услубии тартиби калима, аъзоҳои чида, такрори калима ва ҷумларо эзоҳ диҳед.

1. — Ӯй, ясавул! Гапатро дониста зан! Мо дузд шуда хонаи киро задем, бузу гӯсфанди киро бурдем, ба зану фарзанди кӣ бо чашми бад нигоҳ кардем?.. Дузд касест, ки бебоис ба хонаи мазлумони бекас пахш карда дарояд, дузд касест, ки бечораи беярокро ба даст даровардa ба сараш шамшер мекашад ва ба синааш милтиқ мениҳад, дузд касест, ки мардумони бечораи ба кори худ машғулро бесабаб мебандад, мебарад, мезанад, мекушад; дузд касест, ки на танҳо моли фақиронро мегирад, балки зан, фарзанд, номус ба обрӯи бечорагонро ҳам поймол мекунад... Агар ҳанӯз ҳам кӣ будани дуздро надониста бошӣ, шунида мон, ки худи ту дузд, амлокдорат дузд, ҳокимат дузд, амират дузд, вазират дузд, қозию раисат дузд! Шунидӣ? (Қулл., ҷ. 2, саҳ. 18).

2. Ин андешаҳо ва мулоҳизаҳо хирмани сабр ва шикебоии Бибиоишаро ба бод медод. Баъд аз соате, ки Одина аз хона дур шуд, Бибиоиша хост ба ҳой-ҳой гириста нола ва фарьёд бароварад, лекин аз он ҷое ки ин гуна фарьёди бемаҳал сабаби фош гардидани рози Одина ва боиси гирифториаш мешуд, ночор оҳи сарде аз дили пурдард кашида лаб фурӯ баст. Аммо чунон лаб фурӯ бастане, ки дарунаш аз оташи ҷудоӣ ва фироқ чун кӯраи ангиштгарон аланга мезад. Оре, аз ду чашми хунбораш сиришк равон шуда кӯшиш мекард, ки ин оташро ба қадре фурӯ нишонад (Қулл. ҷ. 1, саҳ. 18).

**Машқи 71.** Ғалатҳои услубии ҷумлаҳои зеринро нишон диҳед. Ҷумлаҳоро таҳрир кунед.

1. Стажи калони коммунистию педагогӣ дорам. 2. Ин рӯзро махсусан коммунистони мактаби миёнаи

№ 8 бо тайёриҳои хубу пешакӣ ва иштироки пурраи коммунистон сар карданд **(Аз газета).** 3. Нағзаш, ки хомӯш ва тоқат кардан лозим. 4. Қарим бошад, дар назараш хира ва хунук менамуд **(Қаламҳои пурумед).** 5. Қотиби ташкилоти партиявии ҷамъияти матлубот рафиқ Мадқулов дар маърӯзаи худ кору ҳаракат ва ташаббуси коммунистонро ба таври рӯякӣ шарҳ дод. 6. Қурбонов барои ғайриқонунӣ оиладор шуданаш аз партия озод ва ба ҷавобгарӣ кашида шудааст **(Аз газета).** 7. Чунин духтарро аз даст додан ҳам таъна аст, ҳам гуноҳ... 8. Акнун хиҷил ва танҳо менишинам. 9. Рӯи кулчамонанди суп-сурх, абрӯвони сиёҳ... мӯи ҷингилаи Хайринисо, ки майда бофта шуда буду то зонуяш мезад, дили Ҳусейнро моилу ҳайрон намуда буданд **(Қаламҳои пурумед).** 10. Он гуноҳҳоеанд, ки авфашон ба ҳеҷ восита мумкин намешаванд **(Тоҷӣ Усмон).** 11. Ҳусейн ҳам ҳамаи ин гапҳоро фақат якчанд соат пеш буданашро гуфт... **(Қаламҳои пурумед).** 12. Баҷагон ва духтарон... дар кӯчаи байни қишлоқ ба ҳар тараф давида дар хонаҳои худ ба пеши модаронашон мехазиданд, пинҳон мешуданд. 13. Душман, бо вуҷуди он ки мемурад, чун хирси тирхӯрда ҳуҷум мекунад. 14. Мардумон қисме ҳар тараф гурехта пинҳон шуда, як қисмашон дар хонаҳои худ буданд **(Алихуш).**

**Машқи 72.** Ҷумлаҳои дар поён овардашуда чӣ гуна нуқсонҳои грамматикӣ ва ё услубӣ доранд? Онҳоро чӣ тарз ислоҳ кардан мумкин аст? Ҷумлаҳоро таҳрир карда ба дафтар нависед.

1. Ин дафъа домулло оташинона дасти худро бардошт: ғулдур-ғулдур чиҳо гуфтанаш маълум нашуда ба зудӣ дасти худро ба рӯй кашид. 2. Сӯфӣ Бадал аз домулло ягон фармон интизор доштагӣ барин ду даст алифлом карда рост истода буд. 3. Гапро аз саховат сар карда, якчанд аз хайру эҳсони падару бобои Раҷаби судхӯрро баён карда, суханро ба ҳезуми имрӯза оварда пайваст. 4. Бой худашро Ҳотами Тай шуморида ғарқи суханҳои домулло буд, «тақсир-тақсир» — гӯён сухани домуллоро бо сар тасдиқ карда, чой мегардонид... 5. Домулло аз рафти маҷлис дид, ки суханҳояш ба бой таъсирбахш шуда истодааст, акнун дарди дилашро кушодан фурсат омад. 6. Дурусташ ҳамин буд, ки аз ин рӯз Гулбибӣ дар ин хав-

лӣ буданаш мумкин набуд. 7. Лекин Гулбибӣ аз ин гапҳо ҳеҷ бӯи умед набурда, танҳо дилдорӣ медонист. 8. Шахси пиёда танҳо монда вай ҳам мехост, ки худро ба тарафи дигар гирад. Лекин аз тарафи саворон «исто» гӯён овози таппонча баромад. 9. Дар хонаи вайрона Холҷон танҳо модари нимҷону кӯдаки гирьён монданд. 10. Рамазон ҳам аъзои завком, масъалаи ҳаққи хидмат ва шароити корро худашон ҳал мекунанд. 11. Китоб ва навиштаҳое, ки аз зери дасти вай мебароянд, мазмуни ҳамааш оина барин равшан, Рамазонро дар шавқ меандозанд. 12. Ба рӯи осмон ғуборе аз абрҳо намонда, каб-кабуд ҷило медиҳад **(Б. А.)**

**Машқи 73.** Мундариҷаи умумии матнро тағьир надода ҷумлаҳоро тарзе ислоҳ кунед, ки фикрро кӯтоҳ, саҳеҳ ва равшан ифода карда тавонад.

1. — Бечора бойро намегӯед-мӣ,— гуфт Амин,— ҳафтаи гузашта сардори пойлучон ҳамон Сангин ва Шодӣ буд-дия, панҷ қанор пахтаи порсолаи бойро аз анбор ёфта рафтанд, ба мингбошӣ ва ман бошад, рӯз намедиҳанд, баъзан якта-нимта аз халқи қишлоқ ба пеши ман ва ё мингбошӣ омада, баъзе маслиҳат пурсиданӣ шаванд, даррав вай шунида «шумоён иғвогар, аз қишлоқ бадарға мекунам» гуфта дӯғ мезанад, бечораи Хоҷаев бошад, худаш танҳогӣ мекунад.

2. Пагоҳирӯз Қаюмча донист, ки дар он шаб Сангин ба сабаби омадани намояндаи районӣ ба маҷлиси фирқа дар истгоҳи машина-тракторӣ рафта, ба ҷои ӯ Шамсӣ навбатчӣ шуда будааст ва дудамаи ӯ синаи фарзанди бойро шикофта, аз музди хизмат маҳрум мондааст, касоне, ки вайро дастгир кардааст, ҳамон Сангин ва намояндаи районӣ будаанд, «дин равад, обрӯ наравад» гӯён ҳамаи воқеаро ба назди муфаттиш маълум кард.

3. — Рафиқон! Аз гапи ҳамаатон маълум мешавад, ки дин ва динчиён ғайр аз зарар ба мо, камбағалон, дигар чизе наовардааст, васияти рафиқ Ленинро ҳам дар бораи дин шунавидем, ду-се сол мешавад, ки худ аз худ ҳама аз масҷид рамида, намозхон намондааст, ҳоло мебинед, ки дар қишлоқ ягон клубе, ки ҷамъ шуда ҳамин тавр маҷлисҳои калонро гузаронем, надорем, ин чойхонаи сурхи мо бошад, ҳама

мардуми қишлоқро набурда, чанде дар берун дар хунук мондаанд, ки гапи моро аз пушт ба зӯр мешунаванд (Б. Азизӣ, Ҳикояҳо, саҳ. 26, 31, 52).

## Тартиби калима дар ҷумла

Дар забони тоҷикӣ ҷои аъзоҳои ҷумла нисбатан муқаррар аст. Бо вуҷуди ин тартиби калима вазифаи муайяни грамматикӣ ва ё услубиро адо мекунад.

Агар бо тағьири ҷои аъзоҳо вазифаи синтаксисиашон ҳам тағьир ёбад, вазифаи грамматикии тартиби калима шуморида мешавад:

Меҳмон — шумо, мизбон — ман.

Шумо — меҳмон, ман — мизбон.

Дар ҷумлаи аввал «меҳмон» ва «мизбон» мубтадо буда, «шумо» ва «ман» хабар аст, вале дар ҷумлаи дуюм баракс.

Вазифаи услубии тартиби калима он аст, ки бо иваз шудани ҷои аъзоҳо вазифаашон ҳам дигар намешавад, танҳо тобишҳои маъноӣ ва ҷиҳатҳои эмоционалии онҳо тағьир меёбад, дар нутқ ин ё он аъзои ҷумла таъкид ёфта мавқеи муҳим пайдо мекунад ва бо ин васила диққати шунаванда ё хонандаро ба худ ҷалб мекунад:

Ин хатро ба ту модарат, модари меҳрубонат... менависад (Ҳ. К., Оқшуда, саҳ. 295); — Гум кунед ин расму одатҳои сабилмондаатонро! (А. Деҳотӣ, Ҳаёт қадам мезанад, саҳ. 82); Аҷоиб фасл аст фасли баҳор (Ҷ. Икромӣ, Ман гунаҳгорам, саҳ. 7).

Дар ҷумлаи аввал соҳиби амал — мубтадо таъкид ёфта бошад, дар мисоли дуюм мафҳуми амал ва дар ҷумлаи охирин аломат аҳамияти муҳим пайдо кардааст.

Ин тарзи тағьири ҷои аъзоҳои ҷумларо дар забоншиносӣ инверсия меноманд.

Инверсия бештар дар услуби забони гуфтугӯӣ ва бо таъсири он дар забони асарҳои бадеӣ мушоҳида карда мешавад. Аммо дар нутқ тағьири ҷои аъзоҳои ҷумла на ҳамеша мувофиқи нормаи забони адабӣ воқеъ мегардад. Бинобар ин вайрон кардани тартиби калима дар дохили ҷумла вазифаи услубӣ надошта бошад ё ба қоида ва нормаи забон мувофиқат наку-

над, боиси норавшанӣ ва ё духӯрагии мазмуни ҷумла мешавад:

Як рӯз ҷанг давом карда ва ғайр аз кушта шудани ҳамдигар ҳеҷ тараф ғолиб намеояд (М. Алихуш, Дар бағали кӯҳҳо, саҳ. 98).

Дар ин мисол, аз рӯи тартиби калимаҳо «як» маънои номуайяниро (рӯзе) ифода мекунад. Ҳол он ки мақсади нависанда чанд рӯз давом кардани ҷанг аст. Бинобар ин «як рӯз»-ро пас аз калимаи ҷанг оварда, ҷумларо ба тарзи «Ҷанг як рӯз давом кард»... сар кардан лозим аст.

**Машқи 74.** Ҷои кадом аъзои ҷумла тағйир дода шудааст? Сабабҳои тағйири ҷои калимаҳоро эзоҳ диҳед.

1. Бале, таърифу тавсиф ва хушомад чӣ аслиҳаест бурро ва чӣ тирест ҳадафзан!.. Кам ёфт мешаванд касоне, ки ба ин доми моҳирона гузошташуда банд нашаванд **(Ҷ. И.)**. 2. — Канӣ гап зан, закотчии ҷаноби олиро кӣ кушт? Қулӯх мингбоширо кӣ кушт?... Ҷавоб диҳед, малъунҳо, кӣ кушт закотчӣ ва мингбоширо? — фарьёд зад ҳоким **(С. У.)**. 3. Канӣ он зане, ки ба ман содиқ ва меҳрубон буд? Канӣ он чашмҳои пуршавқ, канӣ он латофат ва меҳрубонӣ?... Канӣ он оташу ҳарорат? Нест, набуд! **(Ҷ. И.)**. 4. Номусулмон будаӣ ту, мардак! — бо забони тунд гуфт боз Каримча **(С. У.)**. 5. — Раҳм кунед, раҳм кунед ба ман! — мегуфт вай бо овози баланд **(Ҷ. И.)**. 6. Ҷисми ниҳоят лоғару наҳиф, қадди дароз ва илова бар он гардани борики дароз...— ин аст тасвири мухтасари баъзе сифатҳои ҳамонвактаи ӯ **(А. Д.)**. 7. Вай зане буд хеле ҷавон, қадпаст, резаустухон, бо симои хеле нафис, лабу даҳони ширин ва базеб, чашмони бодомшаклаш ҷоду ва дилфиреб... **(Ҷ. И.)**. 8. — Ба либосҳоят чӣ шудааст, ки ҳасрат мекунӣ? — Бало занад ҳамон либосҳоро! **(Р. Ҷ.)**. 9. Дар пеши инҳо «гуноҳро» ман кардаам, ман! Охир ман пешрави аскарони сурх будам. Ду сол боз ман отряд ҳастам, ман охир! 10. — Саркор, лекин ноқулай фуромадед-дия ҳамин шаб **(Х. К.)**. 11. Аҷоиб хусусиятҳо дорад одам **(Ҷ. И.)**. 12. — Ё ки ҳамин сол ҳамаи заводу фабрикаҳоро аз пахта пур карданӣ-мӣ ту, саркор? **(Алихуш)**. 13. — Ба гапи ҳеҷ кадомаш намедароям ман **(С. У.)**. 14. — Ману ту як муштипар бошем, аз дасти мо чӣ меояд? — Мушти-

пар ту! Аз дасти ман ҳар чӣ меояд **(Б. А.)**. Сабилу зор монад ҳамин ҳавлӣ! На болохона дораду на таҳхона **(Р. Ҷ.)**.

**Машқи 75.** Дар ҷумлаҳои зерин ҷои кадом аъзоҳои ҷумла нодуруст тағйир дода шудааст? Ҷумлаҳоро ислоҳ карда хонед:

Барои ҳамин ҳам... ӯро дар маҷлиси умумии комсомолии худ вакил ба конференцияи XVIII комсомолии район пешниҳод карданд **(Аз газета)**; Аз оҳиста-оҳиста ақиб омадани дастаи Сергей душман истифода карда ба худ меболид; Дар охири ҳамин маҷлис Мулло Одина ном шахс аз тарафи шӯришчиён дар Қӯрғон ба ҳокимӣ интихоб карда мешавад ва ба вай дар бораи ҳукуматдорӣ бо мақсади нав маслиҳатҳо медиҳанд; Ин маротиба дар Чаҳоршоха ном ҷои васеъ ҷанги хунин сар мешавад. Саҳар дар болои ях... мурдаи бекаллаи Усмонро авлодонаш ёфта мебароранд; Сӯҳбати мо баъд аз нутқи давомноки Азизмоҳ ба колхозчиён дар ҳамин ҷо сар мешавад **(Алихуш)**; Боди форам навозишкунон вазида, мӯйҳои Соҷидаро ба ҳаракат медаровард; Машинае чангкунон бо район хайрухуш карда, ба сӯи колхоз мешитобид **(Қаламҳои пурумед)**; Онҳо дар синаи бахмал барин мулоими сиёҳтоби баҳр зебо ҷилва мекарданд **(Аз газета)**; Самуэль зуд баъди ба госпитали ҳарбӣ оварда шуданаш вафот кард **(Аз газета)**; Ҷамоае аз пункти намунавӣ дар бораи таҷрибаҳои агрономӣ гапзанон карда, сара ва пучи пахтаро ҷудо мекунанд.

### Аъзоҳои чидаи ҷумла

Аъзоҳои чидаи ҷумла барои пурратар тасвир намудани ашьёҳо, ҳодисаю воқеаҳо, қувват додани ҷиҳати эмоционалӣ ва ифоданокии нутқ кӯмак мерасонад.

Дар ҷумла аъзоҳои чида бо калимаҳои ҳамҷинс ифода ёфта, бо интонация ва ё пайвандакҳои пайвасткунанда алоқаманд мешаванд. Дар матни асари бадеӣ аъзоҳои чида бо якдигар ҳамоҳангӣ пайдо карда, барои суфта ва равон ифода кардани фикр ёрӣ медиҳанд:

Ман рӯи туро, мӯи туро, бӯи туро дӯст медорам, ман чашми туро, чашми бехашми туро, суми чун яшми туро дӯст медорам (С. Айнӣ, Ятим, саҳ. 20).

Маҳз бо мақсади қувват додани ифоданокии фикр ва таъмин намудани баробарвазнӣ ва ҳамоҳангии аъзоҳои чида калимаҳои синонимӣ пай дар пай оварда мешаванд:

Рӯзе ҳамроҳи падарам ба саҳро баромада будам. Парвои оламро надоштам. Рӯи майсаҳои махмалиннат ғел мезадам, медавидам, метохтам (Ҳ. Карим, Оқшуда, саҳ. 148).

Аъзоҳои чида интонацияи хос доранд ва бо паузаи кӯтоҳ ҷудо карда мешаванд. Дар сурати паиҳам омадани калимаҳои ҳамоҳанг интонацияи нутқ ҳам пай дар пай баландтар гардида, ба ҳадди охирин мерасад. Дар натиҷа фикр пурҳаяҷон ва таъсирбахш ифода мешавад. Хусусан дар мавриди ба ҷумлаҳои соддаи мустақил табдил ёфтани мубтадоҳои чида хусусияти ифоданокии нутқ барҷастатар аён мегардад:

Дузд касест, ки бебоис ба хонаи мазлумони бекас пахш карда медарояд, дузд касест, ки бечораи бераҳро ба даст даровара ба сараш шамшер мекашад ва ба синааш милтиқ мениҳад: дузд касест, ки мардумони бечораи ба кори худ машғулро бесабаб мебандад, мебарад, мезанад, мекушад; дузд касест, ки на танҳо моли фақиронро мегирад, балки зан, фарзанд, номус ва обрӯи бечорагонро ҳам помол мекунад. Агар ҳанӯз ҳам кӣ будани дуздро надониста бошӣ, шунида мон, ки худи ту дузд, амлокдорат дузд, ҳокимат дузд, амират дузд, вазират дузд, қозию раисат дузд! Шунидӣ? (С. Айнӣ, Қулл., ч. 2, саҳ. 18).

Баъзан дар матни асари бадей чунин калимаҳо чида шуда омадаанд, ки яке аз онҳо ба маънои аслӣ, аммо дигаре маҷозан кор фармуда шудааст:

Акнун шикам ва чашми колхозчиён, ки деҳқонони камбағали гуруснаи пештараанд, сер шуда буд... (С. Айнӣ, Ҷашни таърихӣ).

Дар ин мисол мубтадои сарҷумла чида шуда омадааст. Калимаи «шикам» ба маънои аслӣ (шикам сер шуда буд) ва «чашм» маҷозан (чашми касе сер шуда буд) истеъмол шудааст.

Аъзоҳои чида бо пайвандакҳои хилофӣ алоқаманд шуда омада бошанд, мафҳумҳои ҳамҷинси муқобилмаъноро мефаҳмонанд ва боиси ифоданокии фикр мегарданд:

Як ҷавони тахминан бистсола... чашмаш дурах-

шон, лекин андешаманд, пешонааш фарох, лекин пурчин, рухсорааш чун себи сурх тобон, лекин ғамгин... ба хаёл фурӯ рафта дар гӯшае аз бошишгоҳи мардум дуртар менишаст (С. Айнӣ, Қулл. ч. 2, саҳ. 10—11).

Агар суффиксҳои ҷамъбандӣ, бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ, пешоянду пасоянд, феълҳои ёридиҳанда, муайянкунандаи аъзоҳои чида такроран оянд, маънои он аъзоҳо таъкид ёфта, оҳанги нутқ ҳам пурқувват мегардад:

Дар ғарибӣ шабҳои торро рӯз намудӣ. Дар болои **ҷилдҳо, саҳифаҳо, сатрҳо, ҳарфҳо** мижа назадӣ **(Ҳ .К.)**; Акнун **ҳам қушбегӣ, ҳам миршаби калони Бухоро, ҳам Насрулло оқсақол, ҳам имом, ҳам сӯфӣ, ҳам Ғаниҷон-бойбача, ҳам духтарони бой, ҳам Салима** — ҳама ба вай дарафтоданӣ, хулоса, ҳама ба вай қасд доранд **(Ҷ. И.)**; Илоҳӣ ҳамаатон **мударрис шавед, муфтӣ шавед, аълам шавед, охун шавед, раис шавед, қозӣ ва қозикалон шавед (С. А.).**

Аъзоҳои чида одатан бо чунин калимаҳо ифода мегарданд, ки бо ҳамдигар таносуби маъноӣ дошта, як ҷинс ё навъи ашьё, аломату хусусият ва ҳолату амалиётро ифода кунанд. Чунончи, аз рӯи касбу соҳаи машғулият исмҳои коргарон, колхозчиён, муаллимон... аз рӯи синну сол: кӯдакон ҷавонон, мӯйсафедон... аз рӯи вазифа: раисҳо, бригадирҳо, сардорони звено ва ҳоказо чида шуда меоянд. Дар сурати омехта кардани навъҳои гуногун таносуби аъзоҳои чида аз байн меравад:

Тамоми кӯшиши роҳбарону чорводорон ба ҳамин мақсад равона карда шудааст **(Аз газета).**

**Машқи 76.** Ҷумлаҳоро хонда муайян кунед, ки кадом аъзоҳо чида шуда омадаанд ва чӣ тарз ифода ёфтаанд; аъзоҳои чида дар матни асари бадеӣ чӣ гуна вазифаи услубиро адо мекунанд?

1. Гарчи худ як каси муҷаррад буд, Дӯст медошт тӯй хӯрданро, Дар ароба савор карда ба тӯй Қӯшақӯша арӯс бурданро, Нақшаҳои калони мардонро, Рақси мавзуни наварӯсонро, Пойандоз паҳн карданро, Чашмакӣ кардани ҷавононро, Гирдгардии гирди гулханро, Ғазал аз духтарон шуниданро, Аз таги пои келину домод, Тангаву қандалот чиданро **(М. Т.)**. 2. Босмачиён аз онҳо ҳам мол мебурданд, ҳам ҷон **(Р. Ҷ.)**. 3. Ман, то ҷон дар бадан дорам, аз хизмати

ту сар наметобам ва агар лозим шавад, сарамро, танамро, худамро, ҷонамро дар роҳи ту фидо мекунам **(С. А.)**. 4. Донистам, гунаҳкор ҳамон мӯйсафеди одамсурат, аммо ҳайвонтабиат будааст **(Ҳ. К.)**. 5. Наход мактаб ҳамин хел калон ва сафед, ҳамин хел озода ва оинабанд, ҳамин хел аҷоиб ва зебо мешуда бошад? **(С. У.)**. 6. ...вай ба занҳо, ба духтарҳо, ба раиси колхоз, ба раиси совети қишлоқ — ба ҳама, ба ҳама дурӯғ мегуфт **(Ҷ. И.)**. 7. Восеъ шамшери хунин ба даст, сарлуч — саллаву тоқияш аз сар парида, ҷомаву яктаҳаш пора-пора, дар кифти бараҳна ва бозувонаш доғҳои хун, чашмонаш ҳамчун ду ахгари фурӯзон, ҷабинаш аз офтоби сӯзони ба қнём омада ва аз гармии ҳарбу зарб арақшор, дар сари лашкари фотеҳи худ ба шаҳр ва ба қалъаи Балҷувон зада даромад **(С. У.)**.

**Машқи 77.** Аъзоҳои чидаи ҷумлаҳои зерин чӣ нуқсон доранд? Ҷумлаҳоро ислоҳ карда ба дафтар нависед.

1. Таъмири оғилхонаҳо ва инчунин ба истифода додани бинои оғилхонаи нав дар хоҷагӣ анҷом ёфтааст **(Аз газета)**. 2. Дар ин харобазори дирӯзаи майдони ҷавлон ва ғорати амирони манғитии Бухоро... ҳар касро ҳайрон мекард **(Алихуш)**. 3. Оё чунин рафтору иҷрои ӯҳдадориҳо чорводорони хоҷагиро ба ташвиш наандохтааст **(Аз газета)**. 4. Вақте ки мо амир ва амалдорони вайро медидем, ба онҳо бо нафрат ва ҳақорат нигоҳ мекардем. 5. Пагоҳ аз байни шохҳои дарахтони кабуд ва хуррами пушти Ҳоит офтоб шӯълаҳои худро паҳн карда истода буд. 6. Ҷавонҳо... шабҳо гурехта ба тарафи Фарғона ва ба тарафи аскарони сурх, ки дар водии Ҳисор ба муқобили амир ҷанг мекарданд, меомаданд. 7. Фақат ягона роҳеро ихтиёр кард, ки вай ҳам бошад бо амалиёт, тинҷӣ, охирин бо сарфароз карда шудани Усмон ба амалдорӣ буд. 8. Ин амалдорон ва мансабдорон... бо роҳҳои дигар ҳам халқи фақирро зулм ва азият медоданд. 9. Мардони пароканда ва азодор бо як зудии тамом ба суханҳои вай гӯш доданд. 10. ...ҳамон рӯз деҳқонон ва мардумони фақири қирғиз ба хонаҳои худ баргашта омаданд **(Алихуш)**. 11. Ҳар ду ҳамсол, рафиқи нағз, дӯст ва меҳру муҳаббат доштанд. 12. Соҷида аз ҳад зиёд хафа шуд... Карим бо-

шад, дар назарам хира ва хунук менамуд. 13. Чунин духтарро аз даст додан ҳам таъна аст, ҳам гуноҳ. 14. Эҳ, ҳамааш рафт... Акнун хичил ва танҳо менишинам **(Қаламҳои пурумед)**. 15. Саҳни калон ангур ва гулзор дошт. 16. Аз кучое оҳиста шуввоси дарьё ё ҷӯй ба гӯшам расид **(М. Х.)**.

## Ҷумлаҳои мураккаб

Ҷумлаҳои мураккаб дар ифодаи мукаммали фикр, ҳарҷониба кушода додани моҳияти воқеаю ҳодисаҳои печ дар печи ҳаёти ҷамъият омили муҳимтарини забон ба шумор мераванд.

Забони тоҷикӣ дорои қолибҳои гуногуни синтаксисӣ мебошад, ки нависанда аз рӯи талаботи фикр ва тақозои услуби забон яке аз онҳоро интихоб карда кор мефармояд.

Чунин қолибҳо як фикрро ифода намуда, аз ҷиҳати тобишҳои маъноӣ ва хусусиятҳои услубиашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Чунончи, бо ёрии тағьири ҷои аъзо ва тарзи алоқаи ҷумлаҳо як мазмунро бо роҳҳои зерин ифода кардан мумкин аст:

Додобой саркор ба колхоз омаду киштукори пахта беҳтар шуд.

Додобой саркор ба колхоз омада буд, ки кишту кори пахта беҳтар шуд.

Додобой саркор ки ба колхоз омад, киштукори пахта беҳтар шуд.

Киштукори пахта беҳтар шуд, чунки Додобой саркор ба колхоз омад.

Вақте ки Додобой саркор ба колхоз омад, киштукори пахта беҳтар шуд.

Додобой саркор ба колхоз омада, киштукори пахта беҳтар шуд.

Азбаски Дадобой саркор ба колхоз омад, киштукори пахта беҳтар шуд...

Маълум аст, ки қисми зиёди ҷумлаҳои пайравро ба ибораҳои масдарӣ ё сифати феълӣ баргардонида, фикрро ба воситаи ҷумлаҳои содда ҳам ифода кардан мумкин аст:

Додобой саркор ба колхоз омадан замон киштукори пахта беҳтар шуд.

Баробари ба колхоз омадани Додобой саркор киштукори пахта беҳтар шуд.

Ба беҳтар шудани киштукори пахта дар колхоз омадани Додобой саркор сабаб шуд...

Дараҷаи кор фармудани ҷумлаҳои мураккаб дар услубҳои гуногуни забон як хел нест. Дар услуби забони гуфтугӯӣ ҷумлаҳои мураккаб камтар дучор меоянд. Дар забони зинда баъзе ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб ихтисор шуда, хеле кӯтоҳу мӯҷаз мегарданд:

Имшаб то вақти азон дар ҳамон ҷо мешаванд. Хоҳед, меравем (Ҳ. Карим, Оқшуда, саҳ. 78).

Ҷумлаи дуюм ҷумлаи мураккаби тобеъ буда, шакли пуррааш «Агар шумо хоҳед, ҳозир ҳамроҳ меравем» аст.

Дар услуби забони илмӣ бошад, кор фармудани ҳамаи типҳои ҷумлаи мураккаб характернок аст. Гарчи дар забони асарҳои бадеӣ ҳам конструкцияҳои мураккаби синтаксисӣ бештар кор фармуда мешаванд, вале мавқеъ, андоза ва тарзи кор фармудани онҳо дар эҷодиёти адибон гуногун аст. Аввалан, дараҷаи кор фармудани ҷумлаҳои мураккаб ба талаботи жанрҳои гуногуни адабиёт низ вобаста аст. Сониян, майлу равияи эҷодии нависанда ҳам таъсири муайяне мебахшад.

Азбаски ҷумлаҳои мураккаб аз ҷиҳати сохт ва таркиб, муносибати ҷузъҳо ва воситаҳои алоқаашон як андоза печ дар печанд, ҳангоми кор фармудани онҳо баъзан ба ғалатҳои услубӣ роҳ дода мешавад.

Пеш аз ҳама дар натиҷаи аз ҳад зиёд тафсил додани таркиби ҷумлаҳои мураккаб фикр норавшан ва муғлақ ифода меёбад:

Аз паси вай овози «Ҳой-ҳой, духтари шаттоҳ, ин қадар берӯгӣ ба чӣ маънӣ. Моён ҳам ту барин духтар, ту ба ҳар гапат писаронро бо моён барои чӣ қатӣ мекунӣ, ашӯлаат ҳам бе писарон намешавад, ба нағз медидагиат худат расу мон, ба мо чӣ» вайро ба пасаш нигоҳ кардан маҷбур кард (Б. Азизӣ, Ҳикояҳо, саҳ. 11).

Нодуруст кор фармудани пайвандакҳо ҳам ба равшании мазмуни ҷумла халал мерасонад:

— Инҳо ҳам ба ҳашари хишова омадаанд, барои ин ки ба замин фуромада наметавонанд, ба сари хи-

шовачиён соя афканда аз гармии офтоб бозмедоранд (Б. Азизӣ, Ҳикояҳо, саҳ. 12).

Пайвандаки «барои ин ки» мувофиқи маъною вазифаи грамматикиаш ҷумлаи пайрави мақсадро талаб мекунад, аммо дар ин мисол ҷумлаи пайрави сабабро ба сарҷумла тобеъ кардааст.

**Машқи 78.** Сохти ҷумлаҳоро тағьир дода, вариантҳои гуногуни ифодаи фикрро бо ҳамдигар муқоиса кунед ва шарҳ диҳед, ки онҳо бо кадом тобишҳои маъноӣ ва хусусиятҳои услубиашон фарқ мекунанд.

1. Агар меҳнат кунед, роҳат мебинед. 2. Ҳосил барвақт расид. Колхоз планро пеш аз мӯҳлат иҷро кард.

**Машқи 79.** Дар алоқаи ҷумлаҳои соддаи таркиби ҷумлаи мураккаб чӣ нуқсони грамматикӣ ё услубӣ дида мешавад? Ҷумлаҳоро ислоҳ карда хонед.

1. Ин ҳуҷраи масҷид, ки дар баъзе ҷойҳо аловхона ҳам меноманд, моҳҳо мегузарад, ки рӯи алавро надидааст. 2. Танҳо будани сӯфӣ Бадал халал мерасонад, ки пошнаи ӯро шиппонда, пойгаҳро холӣ кардан даркор аст **(Б. А.)**. 3. Дуо низ то хеле вақт давом кард, то ки дастҳои домулло худ аз худ ҳалок шуда ба поён афтоданд **(Ҷ. И.)**. 4. Яке нақл мекард, ки писараш касал шуд, домулло имом аз духтур манъ карда, худаш хондааст ва ба ҳамин касал писараш мурдааст. 5. Ҳарчанд ки имрӯз тӯи Гулбибӣ сар мешавад, аз ин гирудор ва корҳои табиат торафт андӯҳаш зиёд мешуд. 6. Ҳарчанд ки Сабоҳат аз ин гуна гапҳо мегуфт, ҳеҷ дили Гулбибӣ кушода нашуда, гоҳо ки гапҳои бисьёр шӯхиомез мешунавад, як табассум карда дандонҳои сафедашро намоён карда... мегуфт. 7. Падар ва модарат «бой» гуфта туро ба вай доданддия, падари ӯ, ки «Саъдӣ пучуқ» бошад, агар боигариаш набошад, кучук бо вай ош намехӯрад. 8. Ман ки шарм дошта рӯямро пӯшиданӣ мешудам, вай табассум карда ҳеҷ чиз намегуфт... **(Б. А.)**. 9. Агар дар онҳо (навовариҳо) камтаҷрибагии муаллифонро ба назар гирем ҳам, пурра нафаҳмидани мақсади эҷодиёти техникии ҷавонон ҳис карда мешавад **(Аз газета)**. 10. Вақте ки сандуқ кушода шуд, дарунаш пури хат буд **(Б. А.)**. 11. Ниҳоят ба Николай ва Умарҷон арз кард, ки ба вай якчандрӯза ҷавоб диҳанд, дар бораи тақдири Фирӯза хотираш ноҷамъ аст **(Ҷ. И.)**.

**Машқи 80.** Ҷумлаҳои мураккаби зерин чӣ ноқисӣ доранд? Ғалат ва нуқсонҳои услубию грамматикии онҳоро нишон диҳед. Дар чунин мавридҳо матлабро чӣ тарз саҳеҳу равшан ифода кардан мумкин аст?

1. Дар сари соли 1945 писари Холиқбой Алича, ки аз сабаби қадпастиаш номаш бандаки «ча»-ро ба худ гирифта буд, бо сабаби ярадорӣ аз госпиталь ҷавоб шуда омаду баъд аз ду ҳафта тӯю тамошо дода, духтари модараш номзад карда мондаро, ки ҳақиқатан, аз аввал дилаш ба вай кашол буду бо сабаби Хайринисо ба ӯ гаҳворабахш буданаш фикр мекард, ки мумкин ин орзуяш ба амал наояд, ба занӣ гирифта, аз ин худ аз худ ба орзуи деринааш расиданаш беҳад шоду хурсанд буд **(Қаламҳои пурумед)**.

2. Анҷумани дуюми колхозчиёни зарбдор дар зали бузурги Кремль, ки дар вақтҳои гузашта он ҷо подшоҳони рус нишаста золимӣ мекарданд ва ҳозир дар ин ҷо дар бобати некӯаҳволии зиндагонии меҳнаткашони Иттифоқи Шӯроҳо масъалаҳо муҳокима ва ҳал карда мешуданд, кушода гардид **(Алихуш)**.

3. Низом ва либоси савориён имконият намедод, ки миллияти онон ба ҳеҷ кас ва махсусан барои Муҳаммадназар барин солхӯрдагон, ки ба ҷуз кӯҳҳои осмонхароши атрофи худ ва қишлоқи хеш ҷои дигарро дар умрашон надидаанд, ба осонӣ ҷудо карда шавад **(Ҳ. Қ.)**.

4. Хонаи вай дар рӯ ба рӯи он утов аст, ки мебинӣ, дар пешаш як шутур чӯкка зада хобидааст ва ана ин пайраҳа шуморо ба он тарафи теппа ба он ҷо мебарад **(Р. Ҷ.)**.

5. Хурмоаш ин, ки баъд аз он ки мо пахтаро аз хирман задем, акнун колхозчиҳо ҳар шаб якто навбатчӣ мемонанд, ки имшаб навбати Сангин мешавад, Хоҷаев мегӯяд, ки «ман имшаб Сангинро навбатчӣ таъин мекунам» **(Б. А.)**.

**Машқи 81.** Ҷумлаҳои мураккаби тобеи дар поён овардашуда аз ҷиҳати услуб ва сохти синтаксисиашон чӣ гуна нуқсонҳо доранд? Ҷумлаҳоро ислоҳ карда навишта гиред:

Вай чунон хурсанд буд, ки ҳатто Қарим ҳам боиси ин хурсандиро пай набурд; Ин гандумро бинед, чӣ тавр хӯрондаанд, ки метавонад шиками чанд касро сер кунад **(Қаламҳои пурумед)**; Ӯ гарчанде ҷавон

бошад ҳам, нисбат ба аъзоёни бригадааш мӯнису ғамхор ва дар кори ҷамъиятӣ сахтгир мебошад **(Аз газета)**; Қолхозе, ки Соҷида ва Қарим дар он ҷо зиндагонӣ мекарданд, майдонҳои васеи ғалла ва тамокукорӣ буд **(Қаламҳои пурумед)**; Дигароне, ки ман бо онҳо хизмат кардам, ҳарчанд агар дар шаклу башара аз ҳамдигар фарқ доштанд, вале дар истисморкунӣ ҳама аз ҳамдигар бадтар буданд **(Алихуш)**; Мирбадал бошад, ҳеч чиз намефаҳмид ва ба вай ин қадар меҳмондорӣ барои чӣ, хаёлаш ба ҳар тараф мегурехт, домулло каҷдору марезро партофта ба болои муддао омад **(Б. А.)**; Ин аҳволи тоқатнопазир маро ҳам маҷбур карда буд, ки аз дидагонам беихтиёр ашки аламовар бичакад; Усмон дар даруни Ғарм ба сифати амалдорӣ истода бошад ҳам, алоқаи худро бо коргарони мавсимӣ, бо камбағалон, батракон, чорьяккорон ва миёнаҳолони қишлоқ мустаҳкам мекунад; Ин қишлоқ, бо вуҷуди он ки дар бағали кӯхҳои хеле баланде воқеъ шудааст, деҳқонони вай дар ин рӯзҳои аввали моҳи апрель ба киштукор сар карда буданд; Табақаи амалдорон, ки «ғазои худоӣ» барои онҳо, ба қавли шариат, «фарз» буд, онон ҳатто қисман акси ин рафтор карданд **(Алихуш)**; Дар вай пештар яке аз агроном, ки ҳоло аз кор холӣ шуда, ба шаҳр кӯчида буд, оилааш истиқомат мекард; Падарам бошад, доим пул надошт, то ки гӯсфанд харида, ба Чатқал, ки мазори Идрис-пайғамбар дар он ҷо будааст, бурда қурбонӣ карда, маро аз кокули лаънатӣ халос намояд **(С. У.)**; Вай ҳамчунон нағз рақсид, ки Ҳусейн, ки дар сафи пеш менишаст, даҳонашро кушода монд **(Қаламҳои пурумед)**.

**Машқи 82.** Иборaҳои масдариро ба ҷумлаи пайрав баргардонида, фикрро ба воситаи ҷумлаҳои мураккаб ифода кунед.

1. Чунин сар шудани гап ба домулло форида наш аз ваҷоҳати вай маълум мешуд. 2. Баъд аз он ки домулло аз бой барои накушодани сирраш ва бо ҳар кор ба домулло аз таҳти дил ёрдам додан қавл гирифт, дарди дилашро кушод. 3. Гӯё ки аз гапҳои домулло ягон бӯи некӣ ҳис карда бошад, давом кардани сухани домуллоро илтимос кард. 4. Гулбибиро бошад аз хурдӣ модараш ба кӯча ва бозор баромадан намемонад. 5. Қуртакӯҳнаҳои Холҷонро, ки ба ҳаққи

хидматаш тааллуқ дошт, печонда дар бағал гирифт ва боз омада хабар гирифтанашро ваъда дода, аз хона баромада рафт. 6. Аммо кайфи кӯкнор баландӣ намуда, аз офтоб баромада чоштгоҳ шуданаш бехабар монданд. 7. Фарз кардем, ки хатро гирифта хонда дид, хати тӯғрӣ буданашро дониста, боз ба ҷояш гашта монданаш мумкин буд. 8. Шамсӣ як ҷавони фаъол ва як колхозчии зарбдор, бойҳо ба вай душман буданро донистааст **(Б. А.).** 9. ...фарьёди ӯро нашунид ва ё шунида бошад ҳам, як бандии сӯхтаниро халос карданро лозим надонист **(С. А.).** 10. Ман пагоҳ ба ҳамроҳои Хоҷаев рафтан розигӣ баён карда, ба коверкоти насия ташаккур гуфта ҳам мондам. 11. Дар ин вақт ҳамсоязане баромада, баъд аз пурсу пос Салим ва занаш ба кор ва бачагонаш дар мактаб буданашро хабар дод **(Б.А.).**

**Машқи 83.** Бандҳои синтаксисӣ чӣ тарз таркиб ёфтаанд ва бо кадом мақсад кор фармуда шудаанд?

1. Дар ҳамин асно, вақте ки Фузайл бо хуни Алибатракҳо ба худ роҳ кушоданӣ буд, дар ҳамин лаҳзае, ки чанголи ситам синаи Қаротегин — Ғармро тамоман пахш карданӣ буд, дар ҳамин фурсате, ки ӯрдуи разил гилемҳои сабзи айёми баҳорони кӯҳистонро сурхранг гардонданӣ буд, умедгоҳи охирин — чанд нафаре аз ҷонбозони дастаи худмудофиа дар пости чорум ҷон медоданду ҷон мегирифтанд **(Ҳ. К.).**

2. Танҳо ту будӣ, ки ба дилхушии ту ман ба ҳар азоб бардошт мекардам; танҳо ту будӣ, ки ба хушнудии ту ҳар гуна талху шӯри ин навъ зиндагониро ба худ гуворо мешумурдам; танҳо ту будӣ, ки барои ризои ту дар зери бори гарони як қарзи бесабаб худро андохтам; акнун ки ту маро танҳо партофта рафтӣ, худам бояд барои халосӣ аз ин маҳлака кӯшиш кунам **(С. А.).**

3. ...Ба гумонам, ки осмон шуда паст
Бар замин ё маҳи фалак биншаст,
Е самову замин тагу рӯ шуд,
Моҳ ду паллаи тарозу шуд.
Ё дар ин мулк халқи бечора
Рух кунад равшан аз ду маҳпора.
Ё магар Агра — шаҳри вайрона
Гашта бо моҳи пурра ҳамхона.
Ё дили шаҳр солҳои дароз ..

Сӯзад аз доғи нозанин Мумтоз.
Ё ки аз «ишқу меҳри» Шоҳи Ҷаҳон
Шӯълае монда то ҳанӯз нишон.
Рост гӯям, на ину на он аст,
Ҳама осори дасти инсон аст.

(М. Т.)

**Машқи 84.** Матнҳоро муқоиса намуда, эзоҳ диҳед, ки дар ҷумлабандӣ, тартиби калима ва тарзи алоқаи аъзоҳои ҷумла чи тағйирот рӯй додааст.

| | |
|---|---|
| 1. Мо камбағал. Ҳукумат ба мо ҷазо намедиҳад. Гуноҳамонро мебахшад. | Ба фикри ман, албатта ҳукумат ба мо ҷазо надиҳад даркор. Гуноҳамонро бояд бахшад. |
| 2. Ин ҳолро дидан замон ба лабҳои нозуки Заҳро табассум дамид. Ва акнун бекавш ва фақат тани курта будани худро ҳис намуд. | Ин ҳол боиси дар лабони Заҳро дамидани табассум гардид. Фақат акнун пойлуч ва тани курта будани худро ҳис намуд. |
| 3. «Равам пеши Бобӣ, аз аҳволаш хабар гирам-мӣ?» — гӯён ба андеша афтод. Якбора худ ба худ «Не!» гуфту сӯи нишеб, аз паси гурезандагон давид. | «Пеши Бобӣ равам, аз аҳволаш хабар гирам-мӣ?» — гӯён ба андеша афтод. Худ ба худ «Не» гуфту аз паси гурезандагон пай дар пай тир холӣ карда, аз ҷояш рост хест... |
| 4. Як ҳодисаро Бобӣ ҳеҷ фаромӯш карда наметавонист. Ин воқеа як сол пеш аз ба Афғонистон гурехтани хӯҷаинаш дар лаби рӯд рӯй дода буд. | Як ҳодисаеро, ки як сол пеш аз ба Афғонистон гурехтани хӯҷаинаш рӯй дода буд, Бобӣ ҳеҷ фаромӯш карда наметавонист. |
| 5. Шаби муаттари баҳор буд. Осмонро чодири абрин гирифта буд. | Шаби баҳор бошад ҳам, осмон чодири абрин гирифта буд. |
| 6. Фақат оҳиста-оҳиста боди хунук мевазид. Бод барфи теппаҳои қишлоқи С-ро монанди хасу хошок канори рӯд мебурд. | Дам ба дам боди сард мевазид ва барфтӯдаҳои нишебӣ ва қуллаи кӯҳро монанди хасу хасрӯба парронида канори рӯд мебурд. |
| 7. Вақте ки оқсақоли қишлоқ отрядро ба ҳавлии калон, соя-салқини хӯҷаини собиқи Бобӣ бурда фуроваронд, Бобӣ дарҳол аз командираш иҷозат гирифт. | Ҳангоме ки оқсақоли қишлоқ отрядро ба ҳавлии калон ва сояю салқини хӯҷаини пештараи Бобӣ бурда ҷой кард, Бобӣ аз командираш иҷозат гирифт. |

| | |
|---|---|
| 8. Захро инро чун қарори маҷбурӣ ба иҷрояш мекӯшид. | Захро ҳамчун қарори маҷбурӣ ба иҷрои он мекӯшид. |
| 9. Вақто ки Бобӣ аспро баста, Захроро дар он канори ҳавз, дар таги дарахти бед шинонида, қоматашро рост карда, ба пеши командир омада, воқеаро баён карданӣ буд, ки:<br>— Тинҷ намегардед-дия, мақсадатон номи отрядро олонидан-мӣ? — гуфта командир якбора ба Бобӣ борони ғазабашро рехт. | Бобӣ аспро баст. Захроро дар он канори ҳавз, зери дарахти бед шинонд ва сӯи командир равон шуд ва хост, ки воқеаро як ба як ба вай нақл кунад.<br>— Асло тинҷ намегардед-дия, мақсадатон номи отрядро олонидан-мӣ? — гуфт командир бошиддат ба вай. |
| 10. — Ин кист?<br>— Занам.<br>— Чӣ тавр занат? Дуздида омадӣ-мӣ духтари касро? | — Ин кист?<br>— Занам.<br>— Чӣ тавр занат? Духтари касро дуздида омадӣ-мӣ? |

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИЛМӢ ДОИР БА УСЛУБШИНОСӢ


1. В. И. Ленин. Дар бораи тоза кардани забони русӣ. Асарҳо, нашри тоҷикӣ, ҷ. 30.

2. Айнӣ. С. Мактуби кушод ба рафиқ Толис. «Шарқи сурх», 1948, № 11.

3. Айнӣ С. Мактуби кушод ба рафиқ Тоҷиев. «Шарқи сурх», 1952, № 2.

4. Айнӣ С. Дар бораи Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ. Куллиёт, ҷ. 11, китоби якум, Душанбе, 1963.

5. Айнӣ С. Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ. Куллиёт, ҷ. 11, китоби якум.

6. Айнӣ С. Устод Рӯдакӣ. Куллиёт, ҷ. 11, китоби якум.

7. Айнӣ С. Қайдҳо оид ба забон ва услуби тарҷимаҳои бадеӣ, «Шарқи сурх», 1955, № 12.

8. Афсаҳзод А. Баъзе хусусиятҳои услубӣ ва санъатҳои бадеии достони Ҷомӣ.— Дар кит.: Достони «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Абдураҳмони Ҷомӣ. Душанбе, 1970.

9. Баҳор М. Сабкшиносӣ. Теҳрон, 1337 ҳиҷрӣ.

10. Беҳбудӣ Н. Мулоҳизаҳо оид ба забони осори Рӯдакӣ.— Дар кит.: Баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик. Душанбе, 1964.

11. Виноградов В. В. О художественной прозе. М.— Л., 1930.

12. Виноградов В. В. Язык художественного произведения. «Вопросы языкознания», 1954, № 5.

13. Виноградов В. В. Итоги обсуждения вопросов стилистики. «Вопросы языкознания», 1955, № 1.

14. Виноградов В. В. О языке художественной литературы. М., 1959.

15. Виноградов В. В. Проблема авторства и теория стилей. М., 1961.

16. Виноградов В. В. Стилистика, теория поэтической речи, поэтика. М., 1963.

17. Гвоздев А. Н. Очерки по стилистике русского языка. М., 1965.

18. Горький А. М. О литературе. Изд. 3-е, М., 1937.

19. Давронов А. Оид ба баъзе хусусиятҳои лексикии достони М. Миршакар «Дашти лаванд».— Дар кит.: Мақолаҳо оид ба баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик, Ленинобод, 1968.

20. Ефимов А. И. Стилистика художественной речи. М., 1957.

21. Зеҳнӣ Т. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ. Сталинобод, 1960.

22. Зикриёев Ф. Такомули забон ва услуби Р. Ҷалил.— Дар кит.: Нависандаи маҳбуби мо. Ленинобод, 1969.

23. Исматуллоев М. Пуркунандаи бевосита дар забони ҳозираи тоҷик. Сталинобод, 1961.

24. Қамолиддинов Б. Ҳаким Карим. Душанбе, 1966.

25. Қамолиддинов Б. Забон ва услуби Ҳаким Карим. Душанбе, 1967.

26. Каримов Ҳ. А. М. Горький дар бораи забони адабӣ. «Шарқи сурх», 1951, № 6.

27. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик. Сталинобод, 1959.

28. Маъсумӣ Н. Мулоҳизаҳо оид ба вазъияти забони адабии охири асри XIX ва забону услуби Аҳмади Дониш.— Дар кит.: Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат. Душанбе, 1966.

29. Маъсумӣ Н. Роль ва мавқеи С. Айнӣ дар инкишофи забони адабӣ ва забони адабиёти тоҷик баъд аз Революцияи Октябрь.— Дар кит.: «Ҷаҳонбинӣ ва маҳорат». Душанбе, 1966.

30. Мирзоев А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик. Сталинобод, 1947.

31. Мирзоев А. Биноӣ. Сталинобод, 1957.

32. Муллоқандов Эм. Дар бораи забони ҳикоя ва очеркҳои навқаламони мо. «Шарқи сурх», 1961, № 6.

33. Муллоқандов Эм. «Шоҳкома» ва забони имрӯзаи тоҷик. «Садои Шарқ», 1968, № 7.

34. Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони адабии тоҷик. Душанбе, 1962.

35. Неменова Р. Л. Предлоги в таджикском языке. Сталинабад, 1954.

36. Ниёзӣ Ш. Н. Исм ва сифат дар забони тоҷик. Сталинобод, 1954.

37. Ниёзмуҳаммадов Б. Хусусиятҳои забони ашъори Мирзо Турсунзода. «Садои Шарқ», 1964, № 9.

38. Пейсиков Л. С. Вопросы синтаксиса персидского языка. М., 1959.

39. Расторгуева В. С. Очерки по таджикской диалектологии, вып. 1, 2, 3, 4, М., 1956—1961.

40. Расторгуева В. С., Керимова А. А. Система таджикского глагола. М., 1964.

41. Розенталь Д. Э. Практическая стилистика русского языка. М., 1965.

42. Саидов И. Оид ба синонимҳо дар ашъори Рӯдакӣ. Маҷмӯаи илмии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин. Серияи фанҳои филологӣ, ҷ. XXVI, нашри 2, Сталинобод, 1959.

43. Солеҳ С. Дар бораи забон ва услуби романи «Шӯроб». Ахбороти Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон. Шӯъбаи фанҳои ҷамъиятӣ, бароришн 4 (27), 1961.

44. Табаров С. Дар бораи баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик. «Шарқи сурх», 1952, № 12.

45. Тагирджанов А. Т. О языке и стиле поэмы Фирдоуси «Юсуф и Зулайхо».— в кн.: Иранская филология. М., 1969.

46. Таджиев Д. Причастия в современном таджикском литературном языке. Сталинабад, 1954.
47. Таджиев Д. Способы связи определения с определяемым в современном таджикском литературном языке. Сталинабад, 1955.
48. Томашевский Б. В. Язык и стиль. Л., 1952.
49. Шанский Н. М. Основные свойства и приёмы стилистического использования фразеологических оборотов в русском языке. «Русский язык в школе», 1957, № 3.
50. Шукуров М. Халқияти назми М. Турсунзода. «Шарқи сурх», 1961, № 3, 4.
51. Шукуров М. Санъат ва маҳорат.— Дар кит.: Хусусиятҳои ғоявию бадеии «Ёддоштҳо»-и устод С. Айнӣ. Душанбе, 1966.
52. Шукуров М. Нависанда бонии забон аст. «Садои Шарқ», 1966, № 6.
53. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад. Душанбе, 1968.
54. Эгамбердиев Р. Назаре ба забон ва услуби асари Восифӣ «Бадоеъ-ул-вақоеъ».— Дар кит.: Масъалаҳои филологияи тоҷик. Душанбе, 1967.
55. Юсуфова М. Синонимикаи фразеологизмҳо.— Дар кит.: Армуғони олимони ҷавон. Душанбе, 1966.
56. Юсуфов Ҳ. Қалимаҳои халқӣ-гуфтугӯӣ дар «Ёддоштҳо»-и С. Айнӣ. «Мактаби советӣ», 1967, № 2.
57. Қосимов В. Баъзе хусусиятҳои забони шеърҳои ҳаҷвии Аминзода. Труды Самаркандского госуниверситета им. А. Навои. Новая серия, № 114, 1961.
58. Ғаффоров Р. Чанд мушоҳида оид ба нутқи персонажҳои манфии романи «Ғуломон».— Дар кит.: Ҷашнномаи Айнӣ, ҷузъи III, Душанбе, 1966.
59. Ғаффоров Р. Забон ва услуби Раҳим Ҷалил. Душанбе, 1967.
60. Ғаффоров Р. Дар боби ҳусни сухан. «Садои Шарқ», 1969, № 5.
61. Ғаффоров Р. ...Дар ҷустуҷӯи дурдонаҳои сухан. «Садои Шарқ», 1970, № 1.
62. Ҳасанов И. Баъзе хусусиятҳои луғавии забони «Духтари оташ». «Садои Шарқ», 1964, № 9.
63. Ҳасанов И. Роҳҳои асосии истифодабарии иборахои фразеологӣ дар романи «Духтари оташ». Маҷмӯаи илмии Институти давлатии педагогии ш. Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко. Материалҳо оид ба забони адабии тоҷик. Серияи филологӣ, ҷилди 55, 1967.
64. Ҳасанов И. Дар бораи ибораҳои фразеологии синонимӣ. Маҷмӯаи илмии Институти давлатии педагогии Кӯлоб ба номи Рӯдакӣ. Серияи филологӣ, ҷилди IV, нашри VIII, 1968.
65. Ҳусейнов Х. Диалектизм дар забони ҳикояҳои Ҳаким Карим.— Дар кит.: Баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик. Душанбе, 1964
66. Ҳусейнов Х. Оид ба забони персонажҳои «Одина»-и С. Айнӣ.— Дар кит.: Масъалаҳои забони тоҷикӣ. Душанбе, 1967.

## МУНДАРИҶА


Сарсухан . . . . . . . . . . . . . . . . . . 3
Номҳои ихтисоршуда . . . . . . . . . . . . . 4
Мафҳуми услубшиносӣ . . . . . . . . . . . . 5
Услубҳои забон . . . . . . . . . . . . . . . 14
Хусусиятҳои услубии воситаҳои лексикӣ . . . . . . 18
Обуранги эмоционалӣ ва хусусияти ифоданокии калима . . . . . . . . . . . . . . . . 20
Сермаъноии калимаҳо . . . . . . . . . . . 23
Синонимҳо . . . . . . . . . . . . . . . 25
Машқҳо доир ба пароним ва антонимҳо . . . . . 32
Машқҳо доир ба мавкеи истеъмоли калима . . . 33
Машқҳо доир ба истеъмоли калимаҳои иқтибосӣ . . 36
Машқҳо доир ба истеъмоли калимаҳои гуфтугӯӣ ва шевагӣ . . . . . . . . . . . . . . . . 38
Машқҳо доир ба истеъмоли калимаҳои кӯҳнашуда ва неологизмҳо . . . . . . . . . . . . . . . 40
Машқҳо доир ба такрори калима . . . . . . . 42
Иборaҳои фразеологӣ . . . . . . . . . . . 50
Ифодаҳои маҷозӣ . . . . . . . . . . . . . 59
Морфология . . . . . . . . . . . . . . . . . 60
Хусусиятҳои услубии исм . . . . . . . . . . 62
Сифат . . . . . . . . . . . . . . . . . 68
Ҷонишин . . . . . . . . . . . . . . . . 73
Феъл . . . . . . . . . . . . . . . . . . 76
Пешояндҳо . . . . . . . . . . . . . . . . 84
Синтаксис . . . . . . . . . . . . . . . . . . 89
Хусусиятҳои услубии ибораҳо . . . . . . . . 89
Ҷумлаҳои содда . . . . . . . . . . . . . . 92
Тартиби калима дар ҷумла . . . . . . . . . 99
Аъзоҳои чидаи ҷумла . . . . . . . . . . . 101
Ҷумлаҳои мураккаб . . . . . . . . . . . . 105
Рӯйхати адабиёти илмӣ доир ба услубшиносӣ . . . . 113


---

*Баҳриддин Камолиддинов*

**СТИЛИСТИКА**

(на таджикском языке)


Муҳаррир *К. Ҳуҷамов*. Муҳаррири ороиш *И. Тибилов*
Муҳаррири техникӣ *Л. Шашкова*. Мусаҳҳеҳ *К. Сангинов*

Ба истеҳсолот 28|IX-1972 супурда шуд. Ба чопаш 25|IV-1973 имзо шуд. Коғази № 2, Формати 84х108/1|32. Ҷузъи чопӣ 3,625(6,09). Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 6,05. Адади нашр 3500. Супориши № 5860. КЛ 04409. Нархаш 36 тин.

Нашриёти „Ирфон", Душанбе, кӯчаи ба номи Т. Г. Шевченко, 10.

Матбааи вилояти Ленинобод, Комитети давлатии Совети Вазирони РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб

36 тин

НАШРИЁТИ «ИРФОН»